**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

**ТДУ - 378**
**ТКБ – 74.58**
**Б-74**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**БОБОҶОНОВА САЛОМАТ РАҲИМҶОНОВНА**

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИ МАКТАБИ ОЛӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ**

**(13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

**ХУҶАНД -2023**

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**………..……………………………………………….........3-14
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР РАВАНДИ ТАҲСИ-ЛОТИ МАКТАБИ ОЛӢ** ………………………..........…..........................…....15-79
1.1. Мафҳум, моҳият ва мундариҷаи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони ослода ...................................……………………......…......…15-29
1.2. Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии шахсияти донишҷӯён – омӯзгорони оянда.......................................................................................30-50
1.3. Технологияи педагогии ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда.........................................................…........………...................50-77
**Хулосаҳои боби якум**………….....……....……… …....……...……….......77-79
**БОБИ 2. РОҲУ ВОСИТАҲОИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ШАРОИТИ МАКТАБИ ОЛӢ** ........80-144
2.1. Амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда ………….....……......…………………....….............80-97
2.2. Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ бо истифодаи методҳои интерактивии таълими фанни “Ҳуқуқ”..................................................97-124
2.3. Таҳлили натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда......................................................124-144
**Хулосаҳои боби дуввум**……………………………………......…........144-146
**ХУЛОСА**……………………………………………………….........147-151
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**…………...….........151-163
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**.................163-165
**ЗАМИМАҲО** .........................................................................................166-176

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири инкишофи давлати ҳуқуқӣ таҳқиқи муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда мубрамии махсус пайдо менамояд.

Рушди микёсан васеи давлати ҳуқуқӣ ҷустуҷӯи воситаҳои ҳуқуқии самараноки инкишофи иҷтимоӣ ва инсонгароёнаи ҷомеа, аз ҷумла, таҳсилоти муосирро тақозо мекунад. Эҳтиёҷоти ҷомеа зарурати тағйир додани низоми таҳсилотро дар самти фарогирии фазои ҳуқуқӣ ва инкишофи онро ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ ва зернизоми ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён овардааст.

Ҷузъи асосии таркибии чунин ҷомеа навъи махсуси шахсият бо сатҳи баланди мустақилияти инфиродӣ умуман нисбат ба ҷомеа ва аз он ҷумла, ба ҳокимияти давлатӣ мебошад. Маҳз чунин инсон бо низоми дахлдори арзишҳо, шавқу рағбат ва эҳтиёҷот ҳадафи ҷомеаи шаҳрвандист.

Рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосир, таҷдиди низоми таҳсилоти олии касбӣ тағйироти ҷиддии омодагии кадрҳои педагогиро тақозо мекунанд. Омодагии ҳуқуқӣ дар донишгоҳи педагогӣ қисми ҷудонашавандаи омодагии касбии омӯзгори ҳама ихтисос аст, зеро онро махсусияти фаъолияти ояндаи касбии ӯ таъйин мекунад. Ба сифати натиҷаи асосии таҳсилоти олӣ омодагӣ ва қобилияти ҷавонон барои зиндагӣ ва кор дар шароити давлати ҳуқуқбунёд баррасӣ бояд гардад. Имрӯз муаммои баланд бардоштани сатҳи ахлоқиву ҳуқуқии насли наврас ба миён 9омадааст. Танҳо робитаи фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки раванди фаъолияти амалии ҳаёти одамонро инъикос менамояд, ҷомеаи комили шаҳрвандиро ташаккул медиҳад. Бинобар ин, таъкид бояд кард, ки дар ин раванд нақши пешбару масъул ба омӯзгор мансуб аст.

Ба ҷомеа педагоге лозим аст, ки донишҳоро оид ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ фаро гирифта, онҳоро дар амалия татбиқ карда, аз ҳуқуқҳояш истифода бурда тавонад, дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон кор барад, арзишҳои ҳуқуқии ҷомеа барояш аҳамияти шахсӣ дошта, соҳиби маҳорати ба роҳ мондани фаъолияти ҳуқуқӣ-тарбиявӣ бошад.

Омӯзгор бояд ҷиҳати дар худ таҷассум намудани сифатҳои педагоги ормонӣ (идеалӣ) кӯшиш намояд, дар самти худтакмилдиҳӣ пайваста кор барад, фаъолияти таълимию тарбиявиро ба маҷрои тақвияти зеҳнии миллат равона созад, насли нави шаҳрвандони бошуурро ташаккул диҳад.

Қайд бояд кард, ки ба омӯзгор дарки муаммоҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии давлат, истифодаи воситаҳои фаъолият ва амсилаҳои рафтор, ки ба қонунгузории амалкунандаи давлат мувофиқанд, бошуурона интихоб кардан ва татбиқ намудани технологияҳои ҳуқуқии қабули қарорҳои инфиродӣ ва коллективӣ ба шарте муяссар мегардад, ки шуури ҳуқуқии ташаккулёфта дошта бошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ санаи 01.09.2022 дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон таъкид карда буданд, ки бо  мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Дар амалия рахнаи байни қонунгузории муосир ва сатҳи нокифояи шуури ҳуқуқии хатмкунандаи мактаби олӣ торафт бештар аён гардида истодааст. Эҳтиёҷ ба мутахассисони кордон, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ босавод, ки барои мустақилона пеш гузоштан ва ҳал кардани муаммоҳои гуногуни касбӣ ва иҷтимоӣ қобиланд, тақвият меёбад.

Вазъияти мазкур аз ҳар як омӯзгори оянда донишҳои муайянро дар соҳаи ҳуқуқ, муносибати мусбатро ба он тақозо менамояд, яъне ташаккули шуури ҳуқуқии касбии ӯ зарур аст.

Мутахассиси ҷавон бояд аз ҷиҳати психологӣ тағйироти дар ҷомеа амалишавандаро қабул карда, ба масъулияти торафт афзуншавандаи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ба мустақилияти рафтор дар ҳаёти иҷтимоӣ омода бошад. Дар ҷомеаи муосир шуури ҳуқуқии аксари ҷавонон ба талаботи вақт мувофиқ нест. Сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ, номувофиқат ва ихтилофи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба воқеият дар роҳи рушди давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон монеаи ҷиддӣ мебошад.

Дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006) тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун раванди ташаккули дарки ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои шаҳрвандон назди ҷомеа ва давлат муайян гардидааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Солҳои охир ба муаммои ташаккули шуури ҳуқуқӣ на танҳо олимони ҳуқуқшинос, балки психологҳо ва педагогҳо низ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Бо ин муаммо як қатор олимони маъруф, аз ҷумла, П.П. Баранов, Е.А. Белканов, Л.Д. Столяренко, В.А. Сластенин машғул шудаанд. Мафҳум, сохтор ва механизмҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар таълифоти С.С. Алексеев, З.Н. Каландаришвили, А.В. Малко, М.А. Маҳмудов, Р.Р. Муслумов, Н. Нерсесянтс, Л.М. Нусратов, И.Ф. Рябко, В.П. Салников, Б.А. Сафарзода, Р.Ш. Сотиволдиев, И.Е. Фарбер, Ш.С. Ҳамроев ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Ҷанбаҳои ин муаммо дар таҳқиқоти бунёдие инъикос ёфтаанд, ки ба шуури ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ, ба натиҷаи ниҳоии он - ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар таълифоти олимон- ҳуқуқшиносони тоҷик, аз ҷумла: А.М. Диноршоев, М.М. Муллоев, М.А. Маҳмудов, В.А. Ойгензихт, Э.С. Насриддинзода, Л.М. Нусратов, О.В. Кравченко, М.З. Раҳимов, Д.С. Раҳмон, Б.А. Сафарзода, Р.Ш. Сотиволдиев, Ф.Т. Тоҳиров, Ф.С. Хайруллоев, Ш.С. Ҳамроев, Ш.К. Ҳасанов, А.Г. Холиқзода, Д.Х. Элназаров ва дигарон бахшида шудаанд.

Ба омӯзиши шуури ҳуқуқии донишҷӯён ва ҷавонон асосан корҳои олимон А.В. Апарина, С.В. Болонина, Ю.Р. Вишневский, Н.Ю. Евпалова, А.В.

Клочкова, Е.В. Машкова,  В.Т. Шапко, М.И. Зарифов, Д.С. Насков, Л.М. Нусратов ва дигарон бахшида шудаанд.

Аммо қайд бояд кард, ки имрӯз дар соҳаи педагогӣ таҳқиқоти ҷамъбастӣ оид ба муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда мавҷуд нест.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳ ба ин масъала аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос, психологҳо ва педагогҳо, муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии ҷавонони донишҷӯ, аз ҷумла, омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ кам омӯхта шудааст.

Таҳқиқоти илмии солҳои охир асосан ба муаммоҳои умуминазариявӣ ва методии шуури ҳуқуқӣ, таҳсилот ва тарбияи ҳуқуқӣ бахшида шудаанд.

Бо вуҷуди як андоза омӯхта шудани мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» оид  ба соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва низомҳои педагогӣ ва ҳуқуқӣ, ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар таҳсилоти олии касбӣ нокифоя таҳқиқ шудааст.

Таҳлили назария ва амалияи мактаби олӣ дар бораи мавҷудияти чунин ихтилофҳо гувоҳӣ медиҳад:

- байни фазои босуръат инкишофёбанда дар шароити шаклгирии давлати ҳуқуқӣ ва сатҳи пасти рушди шуури ҳуқуқии шахсияти шаҳрвандон;

- байни эҳтиёҷи ҷомеа ба сатҳи баланди шуури ҳуқуқии мутахассисон ва набудани низоми томи ташаккули он;

- талаботи афзуншуда ба таҳсилоти ҳуқуқии мутахассисони оянда-омӯзгорон ва омодагии нокифоя ба ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии касбӣ;

- дарки зарурати ҳалли муаммоҳои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён ҳамчун педагогҳои оянда ва таъминоти нокифояи илмию методии таҳсилоти ҳуқуқии донишҷӯён дар раванди омодагии касбии онҳо дар мактаби олӣ.

Ихтилофҳои мазкур ба хулосае мерасонанд, ки муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда нокифоя коркард шудааст.

Нуктаҳои дар боло зикршуда интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиониро таъйин карданд: «Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омузгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ».

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» дар «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони оянда барои солҳои 2020-2025" ва муқаррароти асосии "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" иҷро шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** - муайян кардани асосҳои илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-технологии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Ошкор намудани моҳият, сохтори шуури ҳуқуқӣ ҳамчун сохтори мураккаби шахсият, муайян кардани меъёру сатҳҳои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии шахсият.

2.Коркард ва дар раванди таълиму тарбия ҷорӣ намудани амсилаи комплексии ташаккул додан ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда, меъёрҳои баҳодиҳии сифати таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда.

3. Муайян кардани хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии шахсияти омӯзгорони оянда.

4. Санҷидани технологияи ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён дар амалияи омодагии касбии онҳо.

5. Муқаррар намудани меъёрҳо ва коркарди мавод барои муайянкунии сатҳи ташаккулёбии шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда.

**Объекти таҳқиқот** – фаъолияти таълимӣ-тарбиявии донишҷӯёни мактаби олӣ.

**Предмети таҳқиқот** - мундариҷа ва ташкили раванди ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ.

**Фарзияи таҳқиқот** - ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда бомуваффақият хоҳад буд, **агар**:

- шуури ҳуқуқӣ ҳамчун сохтори шахсият баррасӣ гардад, ки донишҳои ҳуқуқӣ, муносибати баҳодиҳанда ба ҳуқуқ, маҳорати тарҳрезии рафторро дар мувофиқат бо қонунҳои амалкунанда; ҳамчун заминаи ҳифзи ҳуқуқҳои омӯзгорони оянда дар фаъолиятиояндаи касбӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ дар худ таҷассум намояд;
- ташаккули шуури ҳуқуқӣ ба шаклгирии мавқеъҳои ҳаётан муҳими донишҷӯ «Ман - шахсият», «Ман-шаҳрванд», «Ман - мутахассиси кордон» равона шавад;
- ҳангоми интихоб ва тарҳрезии ҷанбаи мундариҷавии технологияи ташаккули шуури ҳуқуқӣ навъу сатҳи мушаххаси фаъолияти касбии омӯзгорони оянда ба назар гирифта шаванд;
- ҷанбаи протсессуалии технологияи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда таҳрики шавқу рағбати онҳоро ба фаъолиятиояндаи касбӣ пешбинӣ намояд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим мегардад; методҳои интерактивии таълим дар машғулиятҳо ва дар кори берун аз аудиторӣ бо донишҷӯён истифода шаванд; рефлексияи ҷустуҷӯи ҳалли ҳуқуқии вазъияти касбӣ ташаккул ёбад.

**Таҳқиқот дар се марҳалаи** бо ҳам алоқаманд, аз соли 2018 то соли 2023 амалӣ гардид:

Марҳалаи 1-ум (солҳои 2018-2019). Омӯзиши вазъи назариявии муаммои таҳқиқшаванда анҷом ёфт. Мавқеъҳои ибтидоии назариявӣ муайян гардида, интихоби муаммо асоснок карда шуд ва марҳалаи муқарраркунандаи озмоиши педагогӣ гузаронида шуд.

Марҳалаи 2-юм (солҳои 2020-2021). Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, мавод барои озмоиш коркард шуд, марҳалаи санҷишии озмоиши педагогӣ гузаронида шуд.

Марҳалаи 3-юм (солҳои 2021-2023). Озмоишҳои ташаккулдиҳанда ва назоратӣ амалӣ гардида, натиҷаҳои онҳо таҳлил шуданд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардида, ба шакл даровара шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои ба қонуниятҳои педагогии ташкили раванди таълим бахшидашуда; корҳои таҳқиқотӣ оид ба ташаккули шуурнокии ҳуқуқӣ, ташаккул ва рушди мазмуни таълиму тарбияи ҳуқуқии донишҷӯён; манбаъҳо ва интишороти илмии марбут ба ташаккул ва рушди низоми тарбияи ҳуқуқӣ; пойгоҳи манбаъҳо дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти масъалаҳои афзалиятнокии ташаккули муҳити муосири ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён дар макотиби олӣ ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** диалектикаи рушд, донисташавандагии ҷаҳон, муносибати системавӣ, шуури ҳуқуқии донишҷӯён, арзишнокӣ, аксиологӣ ва ҳуқуқӣ ба муайянсозии мазмуни таҳсилот; тафаккури нави сиёсию ҳуқуқӣ, ки моҳияти он аз шуурнокии ҳуқуқӣ бармеояд, ташкил мекунанд.

Методҳои таҳқиқот аз методҳои таҳқиқи назариявӣ (таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ, ҳуқуқӣ ва методӣ; методҳои шаклӣ-мантиқӣ; муқоисавӣ; синтез); таҳқиқи эмпирӣ (суҳбат, анкета, тест, мушоҳида, пурсиш); таҳқиқи озмоишӣ (озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда); усули математикӣ-омории коркарди натиҷаҳо иборат буданд.

**Сарчашмаи таҳқиқотро** дар диссертатсия асарҳои ҳуқуқшиносон, психологҳо ва олимони соҳаи педагогика, ки масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯёнро таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба сифати сарчашмаи таҳқиқот санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи илму маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосатан, соҳаи таҳсилоти олии касбӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (22.07.2013., № 1004), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ” (19.05.2009., № 531), Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.11.2006

№ 484) Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2006 № 94), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020 таҳти № 526), Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 25.02.2017 № 94) ва дигар санадҳои меъёрӣ, таҷрибаи пешқадами омӯзгорони мактабҳои олӣ хизмат намуданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ:** муайян намудани сатҳи ташаккули шуурнокии ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда, заминаҳои асосии таҷрибавии таҳқиқот, мушоҳида, муқоиса, санҷиш, пурсиш, мусоҳиба ва таҳлили ҳуҷҷатҳоро дарбар мегирад. Ин усулҳо барои муайян кардани истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рафъ кардани мушкилотҳои мавҷуда дар ин раванд ва баланд бардоштани самаранокии ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда мусоидат намуд.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқотро** МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ташкил доданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- амсилаи ташаккул додан ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда коркард шуд;

- технологияи инноватсионии ташкили раванди таълиму тарбия дар доираи фанни «Ҳуқуқ» дар асоси истифодаи маҷмӯи методҳои интерактивӣ коркард шуд, ки ба шахсият, қобилияти эҷодӣ ва рефлексивии ӯ нигаронида шудааст.

- технологияи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилот тарҳрезӣ гардид.

**Ба ҳимоя нуктаҳои асосии зерин пешниҳод мешаванд:**

1. Шуури ҳуқуқии донишҷӯ ҳамчун сохтори шахсият баррасӣ шудааст, ки ҷузъҳои когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ ва ҷузъи рафтории дар ягонагии

диалектӣ инкишофёбандаро фаро мегирад; ҳамчун асоси ҳифзи ҳуқуқҳои донишҷӯён дар фаъолияти касбӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ дарк мешавад.

2. Ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён раванди ташаккули мавқеъҳои ҳаётан муҳими донишҷӯ-омӯзгори оянда мебошад: Ман - шахсият (шуури ҳуқуқии шахсият, ки барои андешаронӣ аз нигоҳи танқидӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли оқилонаи масъалаҳои ҳуқуқӣ қобил аст, бо такя ба меъёрҳои ҳуқуқӣ аз вазъияти низоъ баромада метавонад), Ман - шаҳрванд (шуури ҳуқуқии шаҳрванд, ки қонунҳои кишвари худро медонад ва эҳтиром мекунад, мавқеи фаъолонаи шаҳрвандӣ дорад); Ман - мутахассиси кордон (шуури ҳуқуқии мутахассиси оянда, ки барои ташкили фаъолияти касбӣ, ҷустуҷӯи ҳалли вазъияти касбӣ дар мувофиқат бо меъёрҳои ҳуқуқӣ қобилият дорад).

3. Амсилаи тариқи озмоиш санҷидаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯёни донишгоҳи педагогӣ, ки хусусияти асосии онро мундариҷааш ташкил медиҳад ва аз 2 қисм иборат аст: 1) ядрои инвариативии (тағйирнопазир) комплекси таълимию методӣ, ки мундариҷаи таълиму тарбияи ҳуқуқии омӯзгорониояндаро инъикос намуда, ҷузъҳои зеринро фаро мегирад: низоми донишҳо, маҳорат ва малакаҳои ҳуқуқӣ; низоми самтгириҳои арзишӣ-ҳуқуқӣ; таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии дуруст; низоми сифатҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқии шахсият; 2) ядрои вариативии (тағйирпазир) барномаи таҳсилот, ки мундариҷаи он вобаста ба ихтисоси донишҷӯён ва дархостҳои инфиродии омӯзгорони оянда тағйир меёбад.

4. Методикаи ташкили раванди таълиму тарбияи омӯзгорони оянда дар доираи фанни «Ҳуқуқ» дар заминаи истифодаи технологияҳои интерактивии барномавӣ-методӣ .

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар ғанӣ гардидани назария ва амалияи таҳсилоти педагогӣ бо донишҳои муосири ҳуқуқӣ; асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён; муназзам намудани ҷузъҳои мундариҷавӣ, методӣ ва протсессуалии раванди ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда; аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва тарҳрезии амсилаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар раванди таҳсилот; муайян

кардани хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда; дар муайян кардани маҷмӯи воситаҳои меъёрӣ-ташхисӣ барои мониторинги раванди мазкур ифода меёбад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

- амсилаи комплексии ташаккул додан ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда коркард шуд;

- низоми супоришҳои эҷодии торафт мураккабшавандаи инфиродӣ ва коллективӣ коркард шуд, аз ҷумла, тарҳрезии мустақилонаи нақшаҳои мантиқӣ аз ҷониби донишҷӯён, тарҳрезии Power Point - муаррифиҳо ва Flash - роликҳо оид ба фанни «Ҳуқуқ» бо истифодаи воситаҳои зеҳнии методологияи эҷод барои инкишофи тафаккури эҷодӣ анҷом ёфтанд;

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои навсозии низоми ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда замина фароҳам оварда, дар раванди таҳсилоти мактабҳои олӣ метавонанд истифода шаванд.

**Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро** такя ба асосҳои методологии педагогика, психология, ҳуқуқшиносӣ; бо таҳлили муаммои таҳқиқшаванда; истифодаи маҷмӯи методҳои назариявӣ, эмпирӣ, озмоишӣ, ки ҳалли ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотро имкон доданд; иштироки шахсии унвонҷӯ дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ таъмин намуд.

**Мутобиқати диссертатсия** ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат менамояд: бахши 1 - Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (дидгоҳҳои илмӣ ба таҳқиқи рушди таҳсилоти касбӣ, робитаи назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо соҳаҳои илми педагогӣ ва илмҳои дигар; робитаи мутақобили назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия; методҳои таҳқиқи таҳсилоти касбӣ); бахши 10 - Омодагии мутахассисон дар низоми таҳсилоти бисёрсатҳӣ; бахши 11 - Технологияҳои муосири таҳсилоти касбӣ; бахши 13 - Муҳити таҳсилоти муассисаи таълимии касбӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар иштирок кардани ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардида, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети педагогика ва таҳсилоти ибтидоӣ, кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии бо номи «XII Хонишҳои Ломоносовӣ» бахшида ба рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия (Душанбе, ДРСТ, 29-30 апрели с. 2022), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии "Глобальная наука и инновация 2023: Центральная Азия" (Астана, Қазоқистон, 10-15 апрели соли 2023), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ" (Душанбе, ДДОТ ба номи Айнӣ, 25 феврали с.2023 муҳокима шуданд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи омодагии омӯзгорони фанни "Ҳуқуқ" тавассути маҷмӯи мақолаҳои интишорёфта, хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулияти амалӣ дар донишгоҳ сурат гирифт.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 1 дастури таълимӣ – методӣ, 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 151 саҳифаи чопи компютерӣ, 9 ҷадвал, 3 гистограмма ва 6 расмро фаро мегирад. Феҳристи адабиёти истифодашуда зиёда аз 195 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИ МАКТАБИ ОЛӢ

## 1.1. Мафҳум, моҳият ва мундаричаи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда

Тоҷикистон давлати мустақил буда, роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёдро интихоб кардааст. Давлати ҳуқуқбунёд шакли иҷтимоию сиёсии ташкили ҷомеа аст, ки дар доираи он ҳуқуқ ҳамчун низоми қоидаҳои ҳатмии рафтор дар ҷомеа бар навъу шаклҳои гуногуни раъю салоҳидҳои инфиродӣ ва ширкатӣ ҳукмрон мебошад, ки аксар вақт ба соҳаи шахсӣ ё синфӣ дахл дорад. Баланд бардоштани нақши ҳуқуқ ё афзалияти он дар давлати ҳуқуқбунёд бидуни назардошти сатҳи зарурии шуури ҳуқуқии ҷомеа махсусияти худро аз даст медиҳад.

Дар адабиёти илмӣ шуури ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун инъикоси воқеияти ҳуқуқӣ дар шуури инсон тафсир шудааст, балки шакли мустақили шуури ҷамъиятӣ мебошад.

Н.Н.Вопленко таъкид кардааст, ки истилоҳи «шуури ҳуқуқӣ» аз ду калима - «ҳуқуқ» ва «шуур» иборат мебошад [36]. Қайд бояд кард, ки феномени «шуури ҳуқуқӣ» мисли мафҳуми он ба соҳаи ҳуқуқ тааллуқ дорад, аммо аз категорияи «шуур» ҳосил шудааст.

Калимаи «шуур» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳамчун ақл, идрок, зиракӣ тафсир шудааст [168, с.607].

Ҳуқуқшиносон С.Ҳ.Ҳасанов ва М.Ҳасанов бар ин назаранд, ки «шуури ҳуқуқӣ маҷмӯи ақидаҳо, нуқтаи назар, ҳиссиётест, ки муносибати одамонро ба ҳуқуқ ифода мекунад. Ин тасаввуроти дар бораи қонунгузорӣ, қонуният, адолати судӣ, оид ба рафторҳои қонунӣ ва ғайриқонунӣ мебошад» [179, с.461].

Ба таъкиди Л.М.Нусратов «Ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ дар робитаи диалектикии ногусастанӣ қарор доранд» [119].

Шуури ҳуқуқӣ мафҳуми мураккаб, бисёрҷанбаест, ки соҳаҳои гуногуни илм мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Дар назарияи ҳуқуқ, фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология, сиёсатшиносӣ ва илмҳои дигар дидгоҳҳои асосноки илмӣ оид ба моҳият, хусусиятҳо ва сохтори шуури ҳуқуқии фард ва ҷомеа

коркард шудаанд. Дар баробари ин, ҳамчун шакли мустақили шуури ҷамъиятӣ шуури ҳуқуқиро илмҳои мазкур то ҳол пурра наомӯхтаанд.

Дар «Фарҳанги калони ҳуқуқшиносӣ» шуури ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи назарияи давлату ҳуқуқ тафсир гардидааст, ки соҳаи шуури ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва инфиродиро ифода менамояд ва падидаву арзишҳои барои ҳуқуқ муҳим, тасаввуротро оид ба тартиботи ҳуқуқӣ инъикос менамояд [161].

Тағйироти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар, ақидаҳои нав оид ба моҳияти давлату ҳуқуқ муроҷиатро ба муаммои ташаккули шуури ҳуқуқӣ ҳамчун унсури асосии фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаи муосир дар шароити рушди давлати ҳуқуқбунёд тақозо менамояд. Имрӯз масъалаҳои сершуморе вуҷуд доранд, ки дар раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ҳалли фавриро тақозо доранд. Ин пеш аз ҳама, бесаводии ҳуқуқии аҳолӣ, баъзан ихтилоф доштани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба воқеият, идеологияи инкишофнаёфтаи давлати ҳуқуқбунёд аст, ки боиси инкори принсипҳои ҳуқуқӣ мегардад. Ихтилофҳое, ки дар вазъияти иҷтимоии Тоҷикистони имрӯза ба миён омадаанд, дар мундариҷа ва ташкили кори таълиму тарбия бо ҷавонони донишҷӯ инъикос ёфтаанд. Вобаста ба ин, мактаби олӣ бояд ба тарбияи шахсияти мутахассис тавассути дар шуури ҳуқуқӣ ҷойгиркунии ақидаҳои устувори ҳуқуқӣ, самтгириҳои арзишӣ, қабули намунаҳои рафтори ҳуқуқие нигаронида шавад, ки ба ҷузъиётбаёнӣ ва амиқии донишу тасаввуроти ҳуқуқӣ асос ёфтааст. Таҳлили дидгоҳҳои назариявӣ ва фалсафӣ ба дастгоҳи категориявию мафҳумӣ ифодакунии таърифи кории мафҳуми шуури ҳуқуқии донишҷӯёнро имкон медиҳад.

Шуури ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятист, ки дар шакли умумитарин аз пояҳои ҳуқуқии ҷомеа иборат аст. Дар ин замина ҳамчун ташкилаи мустақили сохторӣ он бо соҳаҳои дигари шуур (сиёсӣ, ахлоқӣ, этикӣ, иқтисодӣ, динӣ, экологӣ ва ғ.) дар таъсироти мутақобил қарор дорад, ки шарти зарури на танҳо ҳамгирошавии онҳо, балки рушди худи шуури ҳуқуқӣ мебошад.

Шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ ба шуури ҳуқуқӣ низ маҷмӯан таъсир расонида метавонанд. Яъне ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ омилҳои гуногуни

иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, миллӣ-таърихӣ, динӣ, фарҳангӣ-мафкуравӣ, маънавӣ-илмӣ ва ғайра таъсиргузоранд. Дар ин маврид сухан оид ба дидгоҳи маҷмӯӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ меравад. Солҳои охир ин методҳоро назарияшиносон ва амалкунандагон дар соҳаи шуури ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ истифода мебаранд. Зимнан ташаккули шуури ҳуқуқӣ ба дараҷаи аз ҷониби фард, гурӯҳ ва ҷомеа азхудкунии донишҳо дар бораи ҳуқуқ, низоми қонунҳои амалкунанда ва санадҳои зерқонунӣ, сатҳу қонеъшавии воқеии ҳимояи кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои ҷомеа вобаста аст. Аммо дар тарбияи шуури ҳуқуқӣ дидгоҳи системавии маҷмӯӣ асосӣ боқӣ мемонад, ки доираи васеи донишҳо ва дидгоҳҳоро ба ташаккули шахсият дарбар мегирад.

Шуури ҳуқуқӣ падидаи мураккабест, ки маҷмӯи тасаввуроту ҳиссиётро муттаҳид менамояд, ки на танҳо дониши ҳуқуқ, балки муносибатро ба он, эҳтироми онро ҳамчун арзиши иҷтимоӣ, инчунин азхудкунии малакаҳои рафтори ҳуқуқиро ифода мекунанд. Ташаккули сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ шарти зарури раванди самараноки амалишавии ҳуқуқҳо, озодӣ ва уҳдадориҳои донишҷӯён аст. Эҳтиром ба ҳуқуқ, қонун бояд ақидаи ҳар як шахсият гардад, бояд ба одат, малака табдил ёбад [53, 55].

Шуури ҳуқуқӣ - муносибати инсон ба ҳуқуқ, падидаҳои ҳуқуқӣ, ки ба донишҳо оид ба ҳуқуқ ва ҳиссиёт (идрок дар сатҳи субъективӣ) асос меёбад. Шуури ҳуқуқиро на танҳо ҳкамчун маҷмӯи ақидаҳо оид ба ҳуқуқ, балки чун ақидаҳо дар бораи давлат, тамоми сохтори ҳаёти ҷомеа баррасӣ бояд кард. Ба чигунагии сатҳ ва сифати шуури ҳуқуқӣ тарзи рафтори инсон дар ҷамъият вобаста мебошад.

Бо назардошти тавсифи шахсияти инсон, яъне муносибат, ангезаҳо, зеҳн, соҳаи эмотсионалӣ-иродавии ӯ шуури ҳуқуқии донишҷӯро ҳамчун сохтори шахсият муайян метавон кард, ки дар худ донишҳои ҳуқуқӣ, муносибати арзишӣ ба ҳуқуқ, маҳорати тарҳрезии рафторро дар мувофиқат бо қонунҳои амалкунанда таҷассум кардааст; он асоси ҳифзи ҳуқуқии донишҷӯён дар фаъолияти касбии дар пеш истода ва ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад; он сохтори мураккабест, ки аз ҷузъҳои когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ нигаронида,

рафторӣ иборат аст, ки дар ягонагии диалектикӣ мақсаднок инкишоф меёбанд [110].

Таҳлили вазъияти коркарди илмии муаммо барои тасдиқи мавҷудияти миқдори зиёди таълифоти фундаменталӣ оид ба масъалаҳои гуногуни (аҳамияти онҳоро дар таҳқиқи мавзӯъ ба сифати асоси пойгоҳӣ таъкид бояд кард) шуури ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ имкон медиҳад. Дар баробари ин, байни мутахассисон оид ба мафҳуми шуури ҳуқуқӣ, моҳият ва хусусиятҳои он ақидаҳои гуногун, ихтилофҳои назар вуҷуд доранд [42,48,62,102,112,158].

Ба муаммои шуури ҳуқуқӣ таълифоти сершумори файласуфон, ҳуқуқшиносон, психологҳо, педагогҳо, ҷомеашиносон бахшида шудаанд. Таҳлили адабиёт оид ба назарияи давлат ва ҳуқуқ нишон медиҳад, ки мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос муфассал таҳқиқ шудааст.

Ба таълимот оид ба шуури ҳуқуқӣ саҳми назаррасро ҳуқуқшиноси маъруф Г.В.Назаренко гузоштааст. Ба ақидаи ӯ: «Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ низоми донишҳо, арзёбиҳо, ҳиссиёт мебошад, ки муносибат ба ҳуқуқ, ба қонунгузории амалкунанда ва амалияи ҳуқуқшиносиро ифода менамояд» [112].

Тафсиру маънидоди ба ҳамин монанд дар таҳқиқоти ҳуқуқшиносон Н.И. Азаров, С.С. Алексеев ва дигарон ҷой дорад. Н.И. Азаров навиштааст: «Шуури ҳуқуқӣ маҷмӯи ақидаҳо, ҳиссиёт, анъанаҳо, таассуротест, ки муносибати одамонро ба падидаҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунанд» [4].

Таърифи васеътари шуури ҳуқуқиро Р.Т.Мухаев пешниҳод кардааст: «Шуури ҳуқуқӣ маҷмӯи ғояҳо, назарияҳо, тасаввурот, ҳиссиёт, рӯҳия, ки муносибати ҷомеа, гурӯҳ, фардҳоро ҳам ба қонунгузории амалкунанда ва падидаҳои ҳуқуқӣ, ҳам ба тартиби матлуби ҳуқуқӣ ифода мекунанд» [111].

Дидгоҳи методологӣ ба фаҳмиши «шуури ҷамъиятӣ» ва шаклҳои онро таносуби он бо ҳастии ҷамъиятӣ таъйин мегардад. Он моҳиятан дарки (инъикос, фаҳмиш, азхудкунӣ) ҳастии ҷамъиятӣ (аз ҷониби фард, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷомеа) ва муносибат ба онро ифода менамояд. Тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятиро шуури инсон инъикос мекунад. Муносибатҳои

моддӣ сатҳи якуми инъикос, ҳосили онҳо - муносибатҳои иҷтимоӣ, идеологӣ - сатҳи дувум мебошанд. Муносибатҳои сатҳи дувум зери таъсири муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷониби одамон дарк шудани онҳо ташаккул ёфта, минбаъд объекти инъикос мешаванд ва ба сохтори шуури ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд. Зимнан асоси муайянкунандаи тамоми ташкилаҳои маънавӣ муносибатҳои моддӣ, иқтисодӣ, маишӣ, илмӣ ва ғайра боқӣ мемонанд, ки асоси ҳастии ҷамъиятиро ташкил медиҳанд. Сохтори шуури ҷамъиятӣ ба сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ мувофиқ аст. Аз ҷумла, ба муносибатҳои иқтисодӣ шуури иқтисодӣ, ба сиёсӣ - шуури сиёсӣ, ба муносибатҳои ахлоқӣ - шуури ахлоқӣ мувофиқат дорад. Ақидаҳо, ғояҳо, тасаввурот, ҳиссиёт оид ба мундариҷаи меъёру принсипҳои ҳуқуқ, ҳамчунин ғояҳои такмили ҳуқуқ, ки ба мақсаду вазифаҳои рушди ҷомеа дар ҳар як марҳалаи таърихии рушди он мувофиқанд, дар шуури ҳуқуқӣ инъикос ёфта, мундариҷаи онро ташкил медиҳанд.

Ба ин маънӣ, шуури ҳуқуқӣ нисбат ба навъҳои дигари шуури ҷамъиятӣ мустақил аст. Ин якум, дар он зоҳир мешавад, ки шуури ҳуқуқӣ дорои предмети махсус аст. Бар хилофи шуури сиёсӣ он танҳо он қисми муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос мекунад, ки ба тартибдарории ҳуқуқӣ эҳтиёҷ дорад. Дувум, шуури ҳуқуқӣ дар мафҳумҳои соф ҳуқуқӣ, мисли ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҷавобгарӣ, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноят ва ғайра ифода меёбад. Севум, мафҳуми шуури ҳуқуқӣ дар пойгоҳи консепсияҳои сиёсӣ коркард мешавад, ки аз консепсияҳои ҳуқуқӣ пештар ба вуҷуд меоянд. Шуури ҳуқуқӣ дар ин ҳолат ҳамчун устуворшавии муайяни манфиатҳои одамон дар шакли ҳуқуқӣ ва мушаххасшавии ғояҳои сиёсӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқу ӯҳдадориҳо зоҳир мешавад.

Шуури ҳуқуқӣ, чунонки С.С.Алексеев қайд кардааст, «фазоеро фароҳам меорад, ки дар он ҳуқуқ амал мекунад, ба сатҳи он самаранокӣ ва натиҷабахшии ҳуқуқ вобаст аст» [6].

Таҳқиқи шуури ҳуқуқӣ дар кишвари мо то аввали солҳои 60-уми асри XX ба андозаи бештар хусусияти маҳдудкунанда-баёнӣ ва амалӣ дошт.

Тағйироти ҷиддӣ дар раванди омӯзиши феномени ҳуқуқ дар солҳои 60-70-уми асри гузашта рӯй доданд, вақте ки илми ватанӣ сифати омӯзиши ин муамморо густариш дода, амиқ гардонд. Маҳз аз ҳамин солҳо раванди баррасии шуури ҳуқуқӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа оғоз ёфт.

Ба ақидаи И.Е.Фарбер «шуури ҳуқуқӣ шакли шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки аз маҷмӯи ақидаву ҳиссиёти дорои хусусияти меъёрӣ ва фарогирандаи ҳам донишҳо дар бораи падидаҳои ҳуқуқӣ, ҳам баҳодиҳии онҳо аз нуқтаи назари адолати умумихалқӣ, ҳамчунин талаботи нави ҳуқуқӣ иборат аст, ки эҳтиёҷи иқтисодию сиёсӣ, манфиатҳои рушди ҷамъиятиро инъикос менамоянд». Консепсияи И.Е.Фарбер ба он такя мекунад, ки шуури инфиродии ҳуқуқӣ характери амиқи ҷамъиятӣ дошта, ба омӯзиши он зарурате нест. Дар таҳқиқоти худ ин олим аввалин шуда, масъалаи таъсироту робитаи мутақобили идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқиро ҳамчун унсурҳои сохторӣ ва муҳими шуури ҳуқуқӣ баррасӣ кард [167].

Г.С.Остроумов чунин мешуморад, ки «дар шуури ҳуқуқӣ ҷанбаҳои он: идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи иҷтимоӣ-ҳуқуқиро фарқ кардан ҳатмист. Ҷанбаи идеологӣ ва психологии шуури ҳуқуқӣ дар падидаҳои ҷамъиятии гуногун ба таври гуногун инъикос ва ифода меёбад. Зимнан онҳоро пурра танҳо бо таҷассуми идеологӣ ё танҳо бо ифодаи иҷтимоӣ-психологии шуури ҳуқуқӣ алоқаманд набояд кард. Шуури ҳуқуқиро ӯ ҳамчун «маҷмӯи шуурҳои инфиродӣ, ки ба падидаҳои ҳуқуқӣ дахлдоранд» дарк менамояд [123].

Ин дар мисоли шакли муҳими зоҳиршавии шуури ҳуқуқӣ - фаъолияти одамон, рафтори амалии онҳо аён мегардад. Шакли махсус, ботинан ягонаи шуури ҳуқуқӣ шаклҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба ҷанбаҳои ҳам идеологӣ, ҳам иҷтимоӣ-психологии шуури ҳуқуқӣ таъйин вобастаанд.

Мувофиқи консепсияи Д.А.Потопейко ин мавқеъ ошкорсозии сабабҳои гуногунии ҷиҳатҳои шуури ҳуқуқии инфиродиро дар муқоиса бо шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ғайриимкон мегардонад, ихтилофҳои байни шуури ҷамъиятӣ ва инфиродиро таъйин намекунад [136].

Ба ақидаи мо, шуури ҳуқуқии инфиродиро унсури нисбатан мустақили сохтори шуури ҳуқуқӣ эътироф бояд кард. Зери таъсири бевоситаи шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва гурӯҳӣ ташаккул ёфта, шуури ҳуқуқии инфиродӣ дар худ унсурҳои онҳоро якҷоя кардааст, ки боиси хусусиятҳо ва тафовути шуури ҳуқуқии субъектҳо ҳатто дар доираи як гурӯҳи иҷтимоӣ мегардад. Шуури ҳуқуқии инсон зери таъсири ҳамон муносибатҳо ва робитаҳои ҷамъиятӣ, ҳамон низоми самтгирии арзишию меъёрӣ ва амалияи ҷамъиятӣ  шакл мегирад, ки худаш ба онҳо дохил аст. Ҳамин ба шуури инфиродии ҳуқуқии шахс хусусияти иҷтимоӣ мебахшад. Аммо дар баробари ин, шуури ҳуқуқии фард шароити бевоситаи ҳаёти инсонро инъикос карда, зери таъсири ҷиҳатҳои хоси хислати ӯ ташаккул меёбад. Ин шарти зикршуда аз дидгоҳи шахсиятӣ ба омӯзиши омилҳои психологӣ бармеояд.

Нобаробарӣ ва ихтилоф дар рушди шуури ҳуқуқӣ ҳамеша ба ҳамбастагии мураккаби омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобастаанд, ки ба ташаккули он таъсир мерасонанд.

К.А.Мокичев чунин мешуморад, ки «шуури ҳуқуқӣ дар чунин ягонагии ҷудонопазир бо падидаҳое, мисли ҳуқуқ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ қарор дорад, ки ҷудо аз ҳамдигар берӯҳанд ва амал карда наметавонанд.

Шуури ҳуқуқӣ падидаи нисбатан мустақили ҷамъиятист, ҳеҷ гоҳ дар ғояҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ ҳал намешавад. Дар сохтори шуури ҳуқуқӣ унсурҳое асосие, мисли мафҳумҳо, ҳиссиёту ирода ҷой доранд» [105].

Робита ва таъсироти мутақобили шуури ҳуқуқии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ хусусияти мураккаб ва пурихтилоф дошта, онро хусусияти мураккабу ихтилофноки ҳастии ҷамъиятӣ, маърифат ва баҳодиҳии падидаҳои воқеияти ҳуқуқӣ таъйин менамояд. Муносибати мутақобили шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва инфиродӣ бо категорияҳои умум, хос ва ҷузъӣ муайян мешавад. Дар шуури инфиродии ҳуқуқӣ ҷиҳатҳое якҷоя шудаанд, ки барои шуури ҳуқуқии марҳалаи замонии мазкур умумӣ буда, онҳо махсус мебошанд ва бо мансубияти шахсият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ, ҳамчунин ҷиҳатҳои инфиродие алоқаманданд, ки ба тарбия, вазъияти ҳаёти шахсии фард, қобилияти ӯ вобастаанд.

Воқеан, тамоми чизҳое, ки мундаричаи шуури ҳуқуқии ҷамъиятиро ташкил медиҳад, дар таркиби шуури ҳуқуқии инфиродӣ пайдо шуда, вуҷуд дорад. Аммо шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ дар шакли ҷамъи оддии «шуурҳо»-и инфиродӣ, ки дар он фардият танҳо ҳиссаи одӣ мебошад, набояд баррасӣ шавад.

Ба ақидаи ҷомеашинос В.А.Шегортсов шуури ҳуқуқӣ соҳаи шуури инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятист, ки воқеияти объективии ҳуқуқиро дар намуди донишҳои ҳуқуқӣ, баҳогузории қонунҳои амалкунанда, ҳамчунин самтгириҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ инъикос менамояд, ки дар ноилшавӣ ба мақсади муайяни муҳим дар соҳаи амалкарди ҳуқуқ нақши худтанзимкунандаи амали рафториро иҷро мекунад. Предмети инъикоси шуури ҳуқуқӣ инҳоянд:

- муносибатҳои ҷамъиятии воқеӣ (ҳам бо ҳуқуқ танзим мегарданд, ҳам танзими ҳуқуқии даркориро тақозо менамоянд);
- ҳуқуқ ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқии ифодакунандаи манфиатҳои давлат, ҷамъият ва шахс;
- механизми танзими ҳуқуқӣ, ки аз ҷумда муносибатҳои ҳуқуқиро дарбар мегиранд;
- фаъолияти муассисаҳои ҳуқуқӣ ва институтҳои амалисозии ҳуқуқ [193].

Ба сифати унсури низомофарандаи шуури ҳуқуқӣ арзишҳои ҳуқуқӣ ё ғаразнокии иҷтимоии ҳуқуқӣ, ки шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқиро дар маҷмӯъ таъйин мекунанд. Нақши арзишҳо ба он алоқаманд аст, ки онҳо ҳамчун асоси ангезаофаранда хизмат карда, дар муайянкунии мақсадҳо ва воситаҳои шахсият иштирок мекунанд ва заминаи қабули қарорҳо, меъёри он чизҳое мебошанд, ки ба онҳо кӯшиш бояд кард, чизҳоеро, ки аз онҳо дурӣ бояд ҷуст: дар ҳалли низоъҳои ботинӣ ҳамчун довар хизмат мекунанд.

Дар маҷмӯъ, таҳлили таълифот оид ба таҳқиқи шуури ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки шуури ҳуқуқӣ феномени мураккаби иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад. Бидуни воридшавии амиқ ба хусусиятҳои ин феномен (зеро оид ба ин масъала таҳқиқоти илмии сершумор анҷом дода шудаанд), қайд кардан мумкин

аст, ки мафҳуми шуури ҳуқуқӣ бевосита бо муносибатҳои гуногуни одамон, фаъолияти онҳо, рафторашон дар вазъияти муҳими ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Хусусиятҳои шуури ҳуқуқӣ зимни баррасии сохтори он аз дидгоҳи мундариҷаи ҷузъҳои асосӣ зоҳир мешавад. Аз рӯйи ин нишона навъҳои сохтори иҷтимоии шуури ҳуқуқӣ аз чунин унсурҳо иборатанд: идеологияи ҳуқуқӣ (идроки зеҳнии ҳуқук), психологияи ҳуқуқӣ (дарки эмотсионалии ҳуқуқ), иродаи ҳуқуқӣ ва самтгирии ҳуқуқӣ.

Идеологияи ҳуқуқӣ маҷмӯи донишҳои ҳуқуқии муназзамшуда ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок, ғояҳо ва арзёбиҳои ҳуқуқ мебошад. Дар он талаботи ҷомеа ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ инъикос меёбанд, ки ба шахсият пеш гузошта мешаванд. Дар ҷамъияти демократӣ идеологияи ҳуқуқӣ дорои иқтидори зиёди ахлоқист, ки дар таъкиди арзишмандии баланди ҳуқуқу озодиҳои шахсият ифода меёбад.

Имрӯз идеологияи ҳуқуқӣ бояд ба рушди ақида оид ба устувории ҳуқуқу озодиҳои шахсият, кафолату ҳифзи онҳо аз ҷониби давлат, боварӣ ба мансубияти табиии ин ҳуқуқҳо дар мувофиқат бо масъулияти шахсӣ назди ҷомеа ва шахсияти дигар мусоидат намояд (В.К.Бабаев, П.П. Баранов ва Д.А.Керимов) [11, 18, 62].

Идеологияи ҳуқуқӣ (дарки зеҳнии ҳуқуқ) донишҳои ҳуқуқиро дарбар мегирад, яъне огоҳии ҳуқуқӣ, ки ядрои шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Ба ғайр аз ин, идеологияи ҳуқуқӣ ҷузъҳои ақлонӣ: худи идеологияи ҳуқуқӣ - ақидаҳо, тасаввурот, назарияҳо ва таълимоти ҳуқуқӣ ва баҳодиҳии мантиқӣ - эътимоди ҳуқуқиро низ фаро мегирад. Эътимод ба сифати муайянкунандаи (детерминант) муҳими маънавӣ дар самтгирии иҷтимоӣ ва рафтор зоҳир мешавад. Зимнан таъсироти онҳо ба рафтор дар асоси «механизмҳо»-и иҷтимоию психологӣ - самтгириҳои иҷтимоӣ ва арзишӣ амалӣ мешавад. Самтгириҳои иҷтимоиву арзишӣ ифодаи функсионалии эътимод зимни таҷассуми онҳо дар рафтор мебошанд.

Психологияи ҳуқуқӣ маҷмӯи ҳиссиёти психологӣ, муносибатҳои арзишӣ, рӯҳия, хоҳишу таассуротест, ки барои ҷомеа дар маҷмӯъ ё гурӯҳи мушаххаси иҷтимоӣ хос мебошанд.

Психологияи ҳуқуқӣ (дарки эмотсионалии ҳуқуқ) ҳамчун унсури шуури ҳуқуқӣ раванди «эмотсионалӣ»-эҳсосотиро дарбар мегиранд: ҳиссиёт, шавқу рағбат ва таассуроте, ки онҳоро иттилооти алоқаманд бо донистани ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, ғояву назарияҳои ҳуқуқӣ ва ғайра, ҳамчунин иттилооте бармеангезад дар бораи воридшавии субъект ба муносибатҳои ҳуқуқӣ, вайронкунӣ ё иҷрои ухдадориҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби ӯ, риоя ё вайронкунии ҳуқуқҳои ӯ аз ҷониби субъектҳои дигар, ки ҳам дар сатҳи шуур, ҳам дар сатҳи зершуур ҷараён мегиранд (Б. Д. Паригин, В.А.Суслов ва диг.) [50, 127, 158].

Зери эмотсияҳо-эҳсосоти ҳуқуқӣ муносибатҳои махсуси психологие фаҳмида мешаванд, ки бо дарк намудани падидаҳои муҳими ҳуқуқӣ барои фаъолияти ҳаётӣ дар фазои ҳуқуқӣ аз ҷониби аҳолӣ алоқамананданд.

Эҳсосоти мусбат барои пайдоиши эҳсоси устувори эҳтиром ба қонун, оштинопазирӣ ба вайронкунии он, эҳсоси мақбул донистани фаъолияти қонунэҷодкунанда шароити мусоидро фароҳам меоранд. Вайронкунии қонунҳо, ихтилофҳо байни дастурҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва шуури оммавии ҳуқуқӣ эҳсоси нобоварӣ, дилсардӣ, тарсу ҳаросро ба миён оварда, боиси ҳолатҳои ғаму андӯҳ, аффект, пастшавии фаъолнокии ҳуқуқии субъектҳо гардида, дар баъзе мавридҳо боиси ҳуқуқвайронкунӣ мегардад.

Ҳолатҳои эҳсосотӣ, ки устувории муайян доранд, рӯҳияи ҷамъиятиро ба вуҷуд меоранд. Онҳо ба ақидаи Б.Д.Паригин «ҳамчун натиҷаи мубориза ва таъсироти мутақобили ҳиссиёт ё эҳсосоти тобишашон гуногун» баррасӣ мешаванд [127].

Бар хилофи эҳсосоту рӯҳия, ҳиссиёт ташкилаҳои бештар устувор мебошанд. Онҳо муносибати эҳсосотии субъектҳоро ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ифода мекунанд. Чунонки В.А.Аверин қайд кардааст, эҳсосот ва рӯҳияву кайфият даркшуда ва даркношуда буда метавонанд, аммо ҳиссиёт

дорои объекти дақиқ даркшудаи самтгирӣ буда, одатан, ангезишёфта мебошанд [2].

Ҳисси ҳуқуқӣ - ташкилаи мураккабест, ки дар он ягонагии ҷудонашавандаи ҷанбаҳои эмотсионалӣ ва ақлонӣ (ратсионалӣ) мушоҳида мешавад, аммо бо бартарии ҷанбаи эмотсионалӣ дар раванди психологӣ. Вақте ки мо дар бораи ҳиссиёт, на балки ақидаву ғояҳо сухан меронем, бо ҳамин нақши ҳукмрони ҷузъи эҳсосотиро дар раванди инъикоси воқеият таъкид менамоем.

Эҳсосот ва ҳиссиёти ҳуқуқӣ дар ташаккули ҷузъҳои ақлонӣ-эмотсионалии шуури ҳуқуқии оммавӣ - муносибат ба дастурҳои ҳуқуқӣ ва баҳодиҳии падидаҳои ҳуқуқӣ иштирок мекунанд.

Иродаи ҳуқуқӣ воситаи амалисозии самтгирии ҳуқуқӣ мебошад. Аз нуқтаи назари аҳамияти иҷтимоӣ онҳо мусбат ё манфӣ буда метавонанд. Ба назари мо, агар объекти самтгирӣ падидаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, воситаҳои ҳуқуқие бошанд, ки субъект ба таври муайян дарк ва баҳогузорӣ карда, онҳо омодагии ӯро ба рафтори амалӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ пешбинӣ менамоянд, дар ин ҳолат маҳз самтгириҳои ҳуқуқӣ дар назар дошта шудаанд.

Самтгирии ҳуқуқӣ омодагии рафторӣ (тамоюл) ба рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим аст, ки ҳам қонунӣ, ҳам зиддиқонунӣ буда метавонад. Ба самтгирии ҳуқуқии субъект ҳам унсурҳои бошуурона, ҳам унсурҳои зершуурона (ирратсионалӣ) таъсир мерасонанд, ки аз равандҳои ботинии ҳам психологӣ ва ҳам фикрии фард бармеоянд. Ҷиҳатҳои асосии самтгири ҳуқуқӣ меъёрнокӣ, муайянии расмӣ, иҷборӣ будан ва динамизм ба шумор меравand [17].

Ҳамин тавр, навъҳои гуногуни шуури ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки аз рӯйи якчанд асос тасниф кардан мумкин аст: аз ҷиҳати сохт (тасаввуроти ҳуқуқӣ ва ҳиссиёти ҳуқуқӣ), аз рӯйи сатҳ (илмӣ, касбӣ, муқаррарӣ) ва субъектҳо (ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ, инфиродӣ).

Аз таъсироти мутақобили мураккаби унсурҳои асосии сохтори шуури ҳуқуқӣ сатҳҳои он шакл мегиранд, ки сохтори шуури ҳуқуқиро дар маҷмӯъ

вобаста ба амиқии маърифати падидаҳои ҳуқуқие таъйин мекунанд, ки аз ҷониби субъектҳо дар фаъолияти амалии соҳаи танзими ҳуқуқӣ мақсаднок истифода мешаванд.

Я.И.Спиридонов сохтори шуури ҳуқуқиро баррасӣ карда, дар он сатҳҳои ташаккулёбиро муайян кардааст: соҳаи шуури ҳуқуқии муқаррарӣ, ки ба одамон дар ҳаёти рӯзмарраи амалии онҳо хос мебошад. Дар шуури муқаррарӣ, ба ақидаи олим, соҳаи ақлонӣ вуҷуд дорад, ки дар он натиҷаҳои таҷрибаи шахсӣ, инфиродии инсон тамаркуз мешаванд. Сатҳи назариявии шуури ҳуқуқӣ низоми донишҳои илмии умумиинсониро дарбар гирифтааст, ки воқеияти объективиро кам ё зиёд инъикос мекунанд. Дар сатҳи назариявии шуури ҳуқуқӣ чунин қисмҳо ба назар мерасанд: шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон, худи назарияи ҳуқуқшиносӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ. Сатҳи назариявии шуури ҳуқуқӣ ба ақидаи Я.И.Спиридонов амалан бояд бо низоми мафҳумҳои илмӣ якхела бошад, ки низоми амалкунанда ва инкишофёбандаи ҳуқуқиро истеҳсол мекунанд [154].

Шуури ҳуқуқии муқаррарӣ маҷмӯи дар ҳама ҷо паҳншудаи донишҳо, тасаввурот, ҳиссиёт мебошад, ки ҳамчун натиҷаи дарки дастурҳои ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи онҳо дар фаъолияти субъектҳо пайдо шудаанд. Онро ба сифати шуури ҳуқуқии оммавӣ фаҳмидан мумкин аст, ки аз таҷрибаи фаъолияти аз насл ба насл интиқолшавандаи иҷтимоию маишӣ, меҳнатӣ ва ғайра ташаккул меёбад, зеро он шакли ҳуқуқиро пайдо карда, бо таъсироту амалкарди ҳуқуқ алоқаманд аст. Шуури ҳуқуқии оммавӣ анъанаҳо, одатҳо, меъёрҳои оддии ахлоқ, тасаввуротро дар бораи воқеият фаро гирифтааст, ки бавосита ё бевосита бо падидаҳои ҳуқуқӣ робита доранд.

Фаъолияти предметии субъектҳо дар ин ё он соҳаи танзими ҳуқуқӣ зимни ҳалли парвандаҳои ҳуқуқӣ, баровардани дастурҳои комилҳуқуқ нисбат ба фард, чунонки Н.С.Соколов ақида дорад, «сатҳи махсуси (касбӣ) шуури ҳуқуқиро тақозо мекунад, ки бо ёрии он воситаҳои ҳуқуқӣ бо мақсади истифодаи амалии онҳо омӯхта, баҳогузорӣ мешаванд. Он дар асоси таҳсилоти махсуси ҳуқуқӣ, фарогирии илми ҳуқуқшиносӣ дар шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ

ташаккул меёбад, ки махсус бо фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунандагӣ машғуланд» [152].

Шуури ҳуқуқии махсус (касбӣ) аз нуқтаи назари амиқии маърифати падидаҳои ҳуқуқӣ аз донишҳо, маҳорату малакаҳо, ақидаҳо, ҳиссиёти махсусгардонида фароҳам омадааст, ки бо ёрии онҳо фаъолияти предметии ҳуқуқтатбиқкунанда амалӣ мешавад. Ба он дидгоҳи хос нисбат ба ҳуқуқ ҳамчун «восита»-и фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунанда мансуб аст [184].

Шуури ҳуқуқии назариявӣ (илмӣ) низоми донишу ғояҳоест, ки воқеияти ҳуқуқиро инъикос менамояд. Ҳамчун ифодаи объективии шуури ҳуқуқии назариявӣ (илмӣ) қонунгузории амалкунанда, лоиҳаҳои муаллифии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тафсири илмии қонунгузорӣ, таҳқиқоти монографӣ, мақолаҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ хизмат мекунанд. Таҳлили адабиёт нишон дод, ки шуури ҳуқуқӣ функсияҳои зеринро иҷро мекунад: маърифатӣ, танзимкунанда ва баҳодиҳӣ.

Функсияҳои зикршудаи шуури ҳуқуқӣ бо ҳамдигар зич алоқаманд буда, дар шуури фард дар ҳолати ҷудонопазир зоҳир мешаванд (расми №1).



Расми № 1. Функсияҳои шуури ҳуқуқӣ.

Таъкид бояд кард, ки «ташаккули шуури ҳуқуқӣ - раванди мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки дарку андешидани меъёрҳои ҳуқуқ ва падидаҳои бо он алоқаманд; дар ин замина ташаккул ёфтани ғояҳо, консепсияҳо, тасаввуроти ҳуқуқӣ; ва ифодаи ҳиссиёту эҳсосоти муайяни ҳуқуқиро дарбар мегирад» [128,129].

Эътимоди принсипиалӣ ба адолати меъёрҳои ҳуқуқ, нораво будани вайронкунии онҳо, эҳтиёҷ ба иҷрои талаботи онҳо ба сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ мувофиқ аст. Самти асосии баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ташаккулу рушди фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мебошад.

Таҳлили методологии муаммои ташаккули шуури ҳуқуии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дидгоҳҳоро сермаҳсул нисбат ба ташкили раванди таҳсилоти системавӣ, шахсӣ-фаъолиятӣ, салоҳиятнок, инсонпарварона ошкор менамояд. Татбиқи дидгоҳҳои мазкур дар тарҳрезии раванди дидактикӣ ва муҳити тарбиявии мактаби олӣ имкон медиҳад, ки ҳам иҷрои вазифаи фарогирии донишҳои касбӣ, ҳам татбиқи ҳуқуқии онҳо дар зиндагии ҳаррӯза ва фаъолияти касбӣ амалӣ шавад. Ба сифати заминаи самтгирии инсонпарваронаи таълим дидгоҳи ба шахсият нигаронида эътироф шудааст. Дар ин бобат таълифоти Е.В. Бондаревская, И.Ф. Исаев, А.Н. Леонтева, А.И. Мишенко, В.А. Сластенин, Е.Н. Шиянов [31,55,90,103,149,192] гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳамин тавр, иҷтимоишавии муосири вазъият омодагии кадрҳои педагогии салоҳиятноку баландихтисосро тақозо менамояд, ки ҳаҷми зарури донишҳои гуманитарӣ ва ҳуқуқшиносиро азхуд кардаанд, доираи тасаввуротро дар бораи дастовардҳои навтарини илму амалияи ҳуқуқшиносӣ, дар бораи қонунҳо ҳамчун шакли мавҷудияти инсон, механизмҳои иҷтимоӣ ва шахсиятии ҳуқуқ, дар бораи танзими ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, зарурати рафтори қонунӣ васеъ менамоянд.

Шуури ҳуқуқии донишҷӯён сохтори шахсиятист, ки дар худ донишҳои ҳуқуқӣ, маҳорати тарҳрезии рафторро дар мувофиқат бо ҳуқуқи амалкунанда таҷассум намуда, ҷузъҳои когнитивӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ, рафториро дар

соҳаи ҳуқуқ, татбиқи он дар вазъияти муҳими ҳуқуқӣ, ҳаёти рӯзмарра ва фаъолияти касбӣ дарбар гирифтаанд. Дар асоси таҳқиқоти методологӣ ва назариявии шуури ҳуқуқӣ мо амсилаи назариявии шуури ҳуқуқии донишҷӯ-педагоги ояндаро тартиб додем.

***Ҷадвали №1. Амсилаи назариявии шуури ҳуқуқии донишҷӯён***

| Меъёрҳои шуури ҳуқуқӣ | Нишондиҳандаҳои ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ |
|---|---|
| **1** | **2** |
| Ҷузъи когнитивӣ | Фаҳмидани моҳияти ҳуқуқ ва нақши он дар ҷомеа, донистани низомҳои асосии ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ ва давлатӣ, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муқаррароти соҳаҳои ҳуқуқ. Фаҳмиши мафҳумҳои асосии ҳуқуқӣ. Баҳодиҳии қонунгузории амалкунанда аз нуқтаи назари принсипҳои демократии адолат, кафолати ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд, ба мақсад мувофиқ будани онҳо. Худбаҳодиҳии фаъолияти ҳуқуқӣ. Баҳодиҳии фаъолияти ҳуқуқии аъзои ҷомеа аз нуқтаи назари қонуният, адолат, мувофиқат ба мақсад. Баҳоҳои пешгӯикунанда. |
| Ҷузъи арзишӣ-ангезавӣ | Афзалияти ангезишҳои категорияҳи олитарин дар фаъолияти ҳуқуқии худ. Кӯшиш барои баланд бардоштани сатҳи шахсии шуури ҳуқуқӣ, ба баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии одамони атроф. Кӯшиш барои таҳсилоти ҳуқуқӣ. Маҳорати истифодаи истилоҳоту луғати ҳуқуқӣ. Қобилияти ҳаллу таҳлили муаммои ҳуқуқӣ бо истифодаи донишҳои худ, маҳорати тартиб додани ҳуҷҷатҳои одитарини ҳуқуқӣ, кор бо манбаъҳои гуногуни ҳуқуқӣ, истифодаи ёрии ҳуқуқшиносони касбӣ. |
| Ҷузъи танзимкунанда-рафторӣ | Омодагӣ ба истифодаи фаъолонаи донишҳо ва маҳорати ҳуқуқӣ дар таҳсилот ва ҳаёти рӯзмарра, дар фаъолияти касбӣ. Зоҳир кардани масъунияти маънавӣ ба содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо. Иштирок кардан дар баланд бардоштани маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ, дар чорабиниҳои ҳифзи ҳуқуқ. |

Ҳамин тавр, таҳлили назариявии адабиёти фалсафӣ, психологию педагогӣ, ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки шартҳои педагогӣ ва технологияи ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён муайян шаванд, ки тавассути раванди дидактикии махсус ташкилшуда, таъсири муҳит ва амалиёти якҷоя бо омӯзгорон ба тарбияи шахсияти ба қонун итоаткунанда, хушахлоқ равона шудааст.

## 1.2. Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии шахсияти донишҷӯён - омӯзгорони оянда.

Мактаби олӣ ҳамчун қисми институти иҷтимоии таҳсилот муассисаи муташаккил ва идорашаванда, шакли фаъолияти якҷояи одамон (омӯзгорон, донишҷӯён, роҳбарони маъмурӣ, кормандони ёрирасон) аст, ки раванди таълиму тарбияи мутахассисони ҷавонро оид ба интиқоли донишҳои касбӣ, маҳорату малакаҳо ва арзишҳои барои иҷтимоъ муҳими илм, фарҳанг, ахлоқро мақсаднок ба роҳ мондааст.

Муассисаи олии таълимӣ аз муассисаҳои дигари таҳсилоти касбӣ фарқ мекунад. Он дорои махсусияти ташкили раванди таълиму тарбия, низоми нишондиҳандаҳои сифати таҳсилот, омилҳое ба онҳо таъсиррасон, воситаҳои идоракунии ин омилҳо мебошад. Ба ғайр аз ин, мактаби олӣ ба ташкилу хусусияти фаъолияти таълимӣ ва тарзи умумии ҳаёти ҷавонон тағйироти назаррас фароҳам меорад. Тағйирот аз зиёдшавии сарбории таълимӣ, фарогирии омодагии умумии касбӣ, омӯзиши фанҳои ихтисос, самтгирӣ ба рушди эҷодии донишҷӯён, афзудани аҳамияти кори мустақилона ҳамчун навъи фаъолияти инфиродии таълимии онҳо ифода меёбад.

Мақсади асосии мактаби олӣ ҳамчун муассисаи таълимӣ таҳсилоти касбӣ мебошад, ки амалисозии мукаммали он ба ташаккули шахсияти мутахассиси оянда мусоидат менамояд.

Таҳсилоти касбиро дар намуди умумӣ ҳамчун муҳити функсионалии таълимӣ тасаввур метавон кард, ки бо соҳаҳои дигари ҳаёт: иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, меҳнатӣ дар таъсироти мутақобили зич қарор дорад. Барои ҳар як инсон он дар ду маъно зоҳир мешавад: 1) «ҳамчун воситаи худамалисозӣ, худифодакунӣ ва худсобиткунии шахсият, зеро инсон қобилияти худро бештар дар меҳнат ва пеш аз ҳама - дар меҳнати касбӣ ошкор менамояд»; 2) «ҳамчун воситаи устуворӣ, худмуҳофизати иҷтимоӣ ва мутобиқшавии инсон дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, ҳамчун моликият, сармоя, ки ӯ ҳамчун субъект дар бозори меҳнат корбаст карда истодааст ё корбаст хоҳад кард» [150].

Таъйиноти асосии мактаби олӣ таъсирот ба ташаккули касбии мутахассиси оянда мебошад. Омодагии касбӣ ҳамчун яке аз марҳалаҳои ташаккули касбии шахсият аз дохилшавӣ ба мактаби олӣ оғоз меёбад, ба он ҷиҳатҳои психологии зерин хос мебошанд: омодагии касбӣ, худмуайянкунии касбӣ, омодагӣ ба меҳнати мустақилона [150, с.96].

Муассисаи олии таълимӣ омодасозии касбиро амалӣ карда, қобил аст, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқии мутахассисони оянда, дар мавриди таҳқиқоти мо - ба омӯзгорони оянда таъсири назаррас расонад. Бо назардошти нуктаҳои зикршуда ва вобаста бо стратегияи асосии давлат дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.05.2009с., № 531 «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» мо густариши ҳаҷми вазифаҳои назди мактабҳои олиро зарур мешуморем.

Мувофиқи моддаи 11-уми қонуни зикршуда вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз инҳо иборат аст:

- қонеъ гардонидани талаботи шахс ба инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи дарёфти таҳсилоти олии касбӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- дар донишҷӯён инкишоф додани худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва қобилияти кору зиндагии донишҷӯён дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ;

- ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва анъанаҳои кишвар;

- таҳкими арзишҳои маънавии шаҳрвандон, боло бурдани савияи таҳсилот ва фарҳанги он [85].

Агар вазифаҳои мактаби олӣ оид ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷи шахсият ба рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ муайян шуда бошанд, набудани эҳтиёҷ ба чунин навъи рушд - ҳуқуқӣ  ҳайратангез мебошад. Дар ҳоле ки шароити ҳаёти мо, давраи инкишофи давлати ҳуқуқбунёд зарурати омӯзиши онро таъкид мекунанд. Фаъолияти таълимӣ ҳамчун ҷузъи муҳими ҳаёти ҳуқуқӣ қобил аст,

ки ба раванди рушди ҳуқуқии шахсият таъсир расонад. Вобаста ба ин, мубрамии омӯзиши инкишофи ҳуқуқии шахсият ва шуури ҳуқуқӣ дар шароити омодагии касбӣ ба миён омадааст. Азбаски шуури ҳуқуқӣ омили рафторест, ки онро ҷузъҳои зеҳнӣ ва ахлоқӣ таъйин менамоянд, муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд ба ин масъала таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир намоянд. Моддаи 11-уми қонуни зикршуда пеши мактабҳои олӣ вазифа гузоштааст, ки боиси пайдоиши як қатор масъалаҳо гардид: якум, ташаккули ҷавонон ҳамчун шаҳрвандон, ки фаъол гардонидани амалҳои шаҳрвандии онҳо бидуни омодагии ҳуқуқӣ, бидуни шуури ҳуқуқии инкишофёфта ғайриимкон аст; дувум, мутобиқшавӣ дар фаъолияти касбӣ, иҷрои софдилонаи уҳдадориҳои меҳнатиро бидуни тасаввурот оид ба хусусиятҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти касбӣ наметавонад амалӣ шавад; севум, дар бораи қобилияти ҷавонон ба фаъолияти ҳаётӣ дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ сухан рондан душвор аст, агар онҳо дар бораи қонунгузории амалкунанда тасаввурот надошта бошанд ва ба воқеияти ҳуқуқӣ баҳо дода натавонанд.

Имрӯз вобаста ба зарурати ҷиддии маърифатнокии ҳуқуқии аҳолии кишвар ҳуқуқшиносон ба баррасии масъалаҳое таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ки бо таҳсилоти ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ алоқаманданд, аммо онҳо маъмулан ин масъалаҳоро ба соҳаи илми ҳуқуқ мансуб мешуморанд.

Мансуб донистани таҳсилоти ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ сифр ба соҳаи назарияи ҳукуқ ҳудудҳои баррасии онҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳоро маҳдуд менамояд. Л.И.Петражитский қайд карда буд: «Инкишофи шуури ҳуқуқии фаъолона, дарки ҳуқуқҳои худ дар педагогика аз нуқтаи назари инкишофи фаъолияти маишӣ (хоҷагидорӣ) низ муҳим аст. Он устуворӣ, боварӣ ба худ, ғайрат, зиракиро ҳосил мекунонад, ки барои ҳаёт заруранд» [131].

Таҳсилоти ҳуқуқӣ дар мактаби олӣ ҳамчун фаъолияти муташаккилона ва мақсаднок ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии донишҷӯён равона шудааст. Аммо ин самтҳоро аз ҳамдигар ҷудо бояд кард. Шуури ҳуқуқиро ҳамчун соҳаи мустақил баррасӣ бояд кард, ки яке аз унсурҳои зарур барои

ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ буда, раванди ташаккули он бояд мақсади алоҳидаи мустақили таҳсилоти ҳуқуқиро ташкил диҳад.

Дар шароити муосири амалкарди давлати мо вазифаи асосӣ баланд бардоштани шуури ҳуқуқии хатмкунандагони муассисаҳои олии таҳсилоти педагогӣ мебошад, то ки онҳо ҳамчун узви ҷомеаи муосир ва шаҳрванди кишвар ҳуқуқу уҳдадориҳои худро амалӣ карда тавонанд, инчунин минбаъд донишҳои азхудшударо дар амалия татбиқ намоянд.

Самаранокии амалисозии ҳадафи таҳсилу тарбияи ҳуқуқии омӯзгори оянда тариқи назардошти принсипҳои муайяни дидактикӣ ва таъмини шароити зарурии педагогӣ барои татбиқи раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ба даст меояд.

Ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён тавассути ба онҳо додани донишҳои ҳуқуқии барои фаъолияти касбиашон зарур ва омӯзонидани малакаҳо ҷиҳати мустақилона фаҳмидани меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда ва татбиқи дурусти онҳо дар фаъолияти касбӣ имконпазир аст.

Ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён на танҳо дар раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ аз рӯйи фанҳои ҳуқуқӣ, балки дар раванди азхудкунии фанҳои касбӣ сурат мегирад ва ба ин васила омӯзгорони оянда фарҳанги ҳуқуқии самташ касбиро фаро мегиранд. Донишҷӯён қисми соҳибмаълумот, соҳибтахассус ва бофарҳангтарини ҷавононро ташкил медиҳанд. Ин категорияи ҷавонон сатҳи умумии шуури ҳуқуқии тамоми ҷавононро таъйин мекунанд, ки ба онҳо сатҳи шуури ҳуқуқии ҷомеа дар оянда вобаста аст.

Дар шароити муосир ташаккул ва рушди шуури ҳуқуқии донишҷӯён, ки зернизоми муҳими шуури ҷамъиятӣ мебошад, бо маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқаманди объективӣ ва субъективии иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ таъйин мегардад.

Ба ақидаи мо, дар донишҷӯён асосҳои ташаббуси иҷтимоиро бунёд ниҳода, барои рушди ин сифат корбарӣ намудан зарур аст. Дар навбати худ, ин корбариро дар самти иқтидори фарҳангии объект тақозо менамояд.

Тамоюлҳои мусбати ташаккули шуури ҳуқуқӣ инҳоянд: ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мунтазам қабулшаванда, тағйирот дар пойгоҳи мавҷудаи қонунгузорӣ, тақвияти низоми судӣ, тариқи ВАО паҳн шудани равандҳо ва падидаҳои муҳими ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқшиносони давлатӣ қариб дар тамоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ёрии ҳуқуқии ройгон ба аҳолӣ.

Бо такя ба матлабҳои назариявӣ ва мушоҳидаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мо маҷмӯи шартҳои педагогиро муайян намудем, ки барои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён мусоидат мекунанд: фароҳам овардани муҳити тарбиявии хусусияташ ҳуқуқӣ; ташаккули самтгириҳои арзишию ҳуқуқии донишҷӯён тариқи ҷорӣ намудани курси махсус; ҷалби ҳадафмандонаи донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ бо истифодаи методҳои фаъоли таълим, ки барои иҷрои функсияҳои ҳуқуқ равона шудаанд.

Бо муаммоҳои тарбияи ҳуқуқӣ, иҷтимоишавии ҳуқуқии мактаббачагон ва ташаккули шуури ҳуқуқии онҳо донишҷӯёни муассисаи таълимии педагогӣ дар раванди омӯзиши фанҳои назария ва методикаи таълими ҳуқуқ ва педагогика шинос мешаванд. Бо назардошти хусусияти иттилоот раванди таҳсил дар асоси методҳои таълими фаъол ва интерактивӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамин тавр, бо истифодаи методҳои интерактивӣ, тариқи ҷалби иштирокчиён ба раванди ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли муаммоҳо, таҳрик додани ҷустуҷӯи эҷодкорона азхудкунии самарабахши мавод, дарки ҳуқуқҳои худ ва принсипҳои татбиқи онро ноил метавон шуд.

Ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда маҷмӯи мураккаби таъсироти иртиботӣ-тарбиявӣ мебошад, ки аз қисмҳои бо ҳам алоқаманд, мисли таъмини огоҳӣ аз масъалаҳои ҳуқуқӣ, ҳосил кардани маҳорату малакаҳо ва одати рафтор мувофиқи талаботи ахлоқ ва ҳуқуқ иборат аст. Қисми ҳатмӣ ва ҷудонашавандаи шуури ҳуқуқӣ дар ин ҷо ташаккули малакаи иртиботии мутахассиси оянда ба шумор меравад, зеро ба ӯ лозим меояд, ки дар зиндагӣ барои бачагон, волидайн ва роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ мураббии некхоҳ, адвокати боэътимод, судяи боадолат, мушовири соҳибсаводи ҳуқуқдон бошад.

Дар ин кор қобилияти хуби суханронӣ, боварӣ ба худ, салоҳиятнокӣ дар касби интихобшуда ва муҳаббат нисбат ба бачагон заруранд.

Тамоюлҳои ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ ба дараҷаи кофӣ қонеъкунанда нестанд, бинобар ин, бо гузашти фосилаҳои вақт дар раванди омӯзиши шуури ҳуқуқӣ ва ташаккули фаҳмиши донишҷӯён дар ин соҳа тағйироти зиёд дида намешаванд.

Мактаби олӣ бояд ба шуури ҳуқуқии донишҷӯён таъсир расонида, ба ду принсипи асосӣ такя намояд: назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва сифатҳои инфиродии шахсият.

Донишҷӯён маъмулан ҳамчун гурӯҳи мустақили ҷамъиятӣ-иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд. Психологҳо ҳудудҳои синнусолии ҷавониро дар фосилаҳои гуногуни рушди синнусолӣ муайян кардаанд. Масалан, психолог В.Квин ҷавониро ба давраи синнусолии 18- 40- солагӣ мансуб мешуморад, Г.Крайг онро ба калонсолии барвақт - 20- 40- солагӣ дохил мекунад. Дар даврабандии синнусолии педагогӣ синни ҷавонӣ бо ҳудудҳои аз 15 то 21-солагӣ муайян шудааст. Маъмулан, давраи донишҷӯӣ дар сафҳои худ ҷавонони синни 18 то 23-соларо муттаҳид месозад. Ин яке аз давраҳои ташаккули шахсият дар онтогенез аст: аз 18 то 60-солагӣ. Аксари муаллифон ҳудудҳои синнусолии 18-23 солагиро ба калонсолии барвақт мансуб медонанд, ки як марҳала - ҷавониро дарбар мегирад. Аз ҷиҳати психологӣ ҷавонӣ баъди наврасӣ яке аз давраҳои мураккабтарин ба шумор меравад. Аммо мушкилоти наврас якҷоя бо калонсолон (волидайн, омӯзгорон) бартараф мешаванд, ҷавон бошад, бояд мушкилотро мустақилона бартараф намояд. Синнусол ҳамчун марҳалаи объективӣ ва таърихан тағйирёбандаи хронологӣ ба инкишофи фард дар онтогенез таъсири бузург мерасонад. Чунончи, ҷавонӣ марҳалаи муҳими ташаккули шахсият аст. Аҳамияти марҳалаи мазкур дар он аст, ки «он синнусоли ташаккули бошиддати шахсият дар ҷанбаҳои ҷисмонӣ, равонӣ, иҷтимоист, синнест, ки ҷаббиши фаъолонаи иттилооти гуногуни иҷтимоӣ, шаклгирии низоми арзишҳо, ҳосилшавии самтгириҳои ҳаётӣ, муайянкунии мақсаду мазмуни ҳастии худ рӯй медиҳад» [72].

Дар давраи ҷавонӣ дараҷаи идроки таҷрибаи иҷтимоӣ ва касбӣ баланд аст. Ҷомеа камолоти иҷтимоии ҷавонон, мустақилият ва масъулияти онҳоро барои ташаккули худ эътироф карда, ба ӯ тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандии дар қонунгузорӣ пешбинишударо пешниҳод менамояд. Дар ҷавонӣ аксарият омодагии касбиро фаро гирифта, нақшҳои нави иҷтимоӣ - касбӣ: донишҷӯ, мутахассиси ояндаро азхуд мекунанд.

Эҳтиёҷоти пешбари ҷавонон - эҳтиёҷ ба худмуайянкунии иҷтимоӣ ва касбӣ, дастгирӣ ва ҳифзии иҷтимоӣ-психологӣ, эҳтиёҷ ба дастовардҳо мебошанд. Эҳтиёҷ «ҳолати фард аст, ки дар натиҷаи эҳтиёҷи ӯ ба объектҳои барои мавҷудияту рушди ӯ зарур ба вуҷуд омада, манбаи фаъолнокии ӯ мебошад» [137]. Эҳтиёҷ ба дастовардҳо асоси фаъолияти ҳаётии донишҷӯёнро ташкил медиҳад. Эҳтиёҷ ба дастовардҳоро онҳо ҳамчун кӯшиш ба комёбӣ эҳсос мекунанд, ки аз мусобиқа бо худ, кӯшиш барои беҳтаркунии чизҳои ноилшуда ва гузориши ҳадафҳои нав иборат аст.

Фаъолияти асосии ҷавонон дар давраи таълими донишгоҳӣ бояд функсияи шахсият офарандаро иҷро намояд. Таҳқиқоти олимон ошкор намуданд, ки дар ин давра функсияҳои на танҳо ҷисмонӣ, балки рӯҳии олӣ: идрок, хотир, диққат, тафаккур, нутқ, эҳсосот, ҳиссиёт то ҳадди авҷи рушди худ мерасанд. Ба ғайр аз ин, ба навташкилаҳои асосии психологии шахсият дар ин марҳалаи ташаккули ӯ мустақилият, камолоти иҷтимоӣ, воситаҳои ҷамъбастии фаъолияти маърифатӣ ва касбӣ, салоҳиятнокии иҷтимоӣ-касбӣ мансуб дониста мешаванд. Дар муносибатҳо бо одамони дигар донишҷӯён арзишмандии худ, нотакрорӣ ва фардияти худро месанҷанд.

Дар ҷавонӣ дар инсон эҳтиёҷ барои ҳамгироии зуҳуроти гуногуни «Ман»-и худ пайдо мешавад, зимнан «Ман»-и ботинӣ бо рафтори зоҳирӣ метавонад мувофиқат накарда, муаммои худназоратро ба миён орад. «Ман»-консепсия низоми ақидаҳо, тасаввурот, баҳодиҳӣ ба худ аст, ки дар шуури фард вуҷуд дорад. Шахсиятшавӣ ё эҳтиёҷ барои шахсият будан фаъолнокии воридшавии фардро ба робитаҳои иҷтимоӣ, ба амалияи ҷамъиятӣ таъмин намуда, дар баробари ин, бо ин робитаҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ таъйин

мегардад, ки объективӣ, новобаста ба иродаи ӯ шакл мегиранд. Бо кӯшиши воридкунии «Ман»-и худ ба шуур, ҳиссиёт ва иродаи одамони дигар тавассути иштироки фаъолона дар фаъолияти якҷоя, бо ҷалб намудани онҳо ба манфиату хоҳишҳои худ, фард дар шакли робитаи акс оид ба комёбӣ ё нокомии амалишавии ин кӯшиш иттилоот гирифта, эҳтиёҷи шахсиятшавиро қонеъ мегардонад ё қонеъ намегардонад. Аммо қонеъшавии эҳтиёҷ дар навбати худ, эҳтиёҷи нави сатҳаш баландтарро ба вуҷуд меорад. Аз ин ҷо, «Ман»-консепсия маҷмӯи шаклҳои рафтори фард нисбат ба худаш аст. Инҳо мазмунҳое мебошанд, ки дар раванди иштирок дар амалиёти муштарак ташаккул меёбанд. Рафтори бошуурона на зоҳиршавии он чизест, ки инсон дар ҳақиқат аст, балки бештар натиҷаи тасаввуроти фард дар бораи худаш мебошад, ки дар асоси муносибатҳои атрофиён бо ӯ шакл гирифтаанд.

Хусусияти асосии донишҷӯ дар раванди омодагии касбӣ омодагии ӯ ба меҳнати бошиддати зеҳнӣ, ба фарогирии донишҳо, маҳорату малакаҳо оид ба ихтисоси муайян, касб мебошад. Марҳалаи мазкур чунин хусусият дорад, ки донишҷӯён аз касби худ дилмондагӣ эҳсос мекунанд. Ноқаноатмандӣ аз фанҳои алоҳидаи таълимӣ пайдо мешавад,  оид ба дурустии интихоби касб шубҳа ба вуҷуд меояд, шавқу рағбат ба таълим коҳиш меёбад. Самтгирии касбии фанҳои таълимӣ, ки сол то сол тақвият меёбад, сатҳи ноқаноатмандиро паст менамояд. Рушду азнавсозии фаъолияти таълимӣ-маърифатии асосӣ ба фаъолияти ба касб нигаронида имкон медиҳад, ки омодагии касбӣ ҳамчун ҷанбаи мустақилонаи ташаккули касбии шахсият муайян карда шавад.

Ҷомеа бо муносибатҳои бозорӣ ба тағйироти назарраси талаботи касбӣ мусоидат кард. Маҳорати амалкунӣ дар вазъияти нав зарур шуд, ки соҳибмаълумотии ҳуқуқии шахсиятро бо такя ба сатҳи аллакай шаклгирифтаи шуури ҳуқуқии касбӣ тақозо менамоянд. Шуури ҳуқуқии гурӯҳи мушаххаси касбӣ инъикоси фаъолияти амалии аъзои он аст, ки умумияти иҷтимоиро фаро мегирад. Албатта, фаъолияти касбии донишҷӯён - омӯзгорони оянда самтгирии соф ҳуқуқӣ нахоҳад дошт, аммо дар робитаи зич бо соҳаи амали ҳуқуқ қарор мегирад.

Бинобар ин, мо зарур мешуморем, ки шуури ҳуқуқӣ ҳамчун тавсифи шахсияти донишҷӯ ва ҳамчун тавсифи иштироки ӯ дар соҳаи ояндаи касбӣ фарқ карда шаванд ва ташаккули шуури ҳуқуқӣ чун раванди ташаккули мавқеъҳои ҳаётан муҳими донишҷӯ фаҳмида шавад: «Ман-шахсият», «Ман-шаҳрванд», «Ман-мутахассиси кордон» (Нақшаи №2).

«Ман-шахсият» - мавқеи шуури ҳуқуқии шахсиятест, ки ба фикррониии танқидӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли боақлонаи масъалаҳои ҳуқуқӣ қобилият дошта, аз вазъияти низоъ бо такя ба меъёриҳои ҳуқуқ баромада метавонад. Рушди шуури ҳуқуқии шахсият бояд нисбат ба инкишофи мутахассиси кордон ва шаҳрванд бошиддат сурат гирад. Шуури ҳуқуқии шахсият ба суръати умумӣ ва сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷавон, ангезиши рафтори ӯ, соҳаи эмотсионалӣ-иродавии ӯ таъсир мерасонад.




Расми 2. Ташаккули шуури ҳуқуқии шахсият

«Ман - шаҳрванд» - мавқеи шуури ҳуқуқии шаҳрванд, ки аз қонунҳои кишвари худ огоҳ буда, мавқеи фаъоли шаҳрвандиро ишғол кардааст. Мафҳуми «шаҳрванд» симоеро таҷассум мекунад, ки «ба ин ё он давлат мансубияти ҳуқуқӣ дошта, зери таъсири қонунҳои он, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дигар қарор дорад ва рафторашро бо муқаррароти ҳуқуқии ин давлат мувофиқ мегардонад» [162]. Инкишофи шуури ҳуқуқии донишҷӯён ҳамчун шаҳрванди Тоҷикистон ба тарбияи ҳуқуқӣ вогузор шудааст, ки бояд пеш аз ҳама, фаъолгардонии амалҳои шаҳрвандӣ аз ҷониби ҷавонон равона гардад. Имрӯз дараҷаи фаъолнокии донишҷӯён зиёд нест, бо сабаби синну солашон онҳо дар

баҳогузории муҳити иҷтимоӣ ба танқид камтар майл доранд, на ҳамеша мулоҳизаронихои онҳо ба воқеият мувофиқ аст.

«Ман - мутахассиси кордон» - мавқеи шуури ҳуқуқии мутахассиси оянда (шуури ҳуқуқии касбӣ), ки барои мутобиқшавӣ ба соҳаи касбӣ қобилият дорад. Шуури ҳуқуқии касбӣ ба ҳалли вазифаҳои касбӣ тавассути донишҳо, тасаввуроти ҳуқуқӣ мусоидат менамояд, ки босифат амалӣ кардани банақшагирӣ ва ташкили фаъолияти худ, зоҳир намудани маҳорати тарҳрезии муносибатҳои мутақобилро дар мувофиқат бо қонун, таҳлили вазъияти ҳуқуқиро имкон медиҳад. Ташаккули он дар раванди омодагии мутахассисони оянда бартарӣ хоҳад дошт.

Ҳангоми таълими донишгоҳӣ дар донишҷӯён раванди пуршиддати калоншавӣ сурат мегирад. Дар онҳо низоми устувори ақидаву фикрҳо, самтгириҳои амалӣ, аз ҷумла, оид ба масъалаҳои муҳими ҳуқуқӣ ҳосил мешавад. Ба ғайр ин, донишҷӯён таҷрибаи муайянкунӣ ва ҳалли муаммоҳои ҳаёти худро меандӯзанд.

Агар ба назар гирем, ки рушди шахсият нобаробар сурат мегирад, дар ҳар як донишҷӯ маҳруки (траектория) хоси ташаккули шуури ҳуқуқӣ шакл хоҳад гирифт. Шуури ҳуқуқии донишҷӯён ҳамчун як навъи гуногунии шуури ҳуқуқӣ аз шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва инфиродӣ ҷудонопазир аст. Дар вақти таълим донишҷӯ наметавонад берун аз гурӯҳи худ қарор дошта бошад ва шуури ҳуқуқии инфиродӣ ҳиссиёти ӯро ба падидаҳои ҳуқуқӣ дар натиҷаи хусусиятҳои гуногуни психологӣ ва маърифатӣ инъикос хоҳад кард. Ҳамзамон гурӯҳ низ ба ташаккули шуури ҳуқуқии инфиродӣ таъсир мерасонад, ки дар он принсипҳо, мафҳумҳо, ғояҳои ҷомеа ва фардҳои дигар инъикос хоҳанд ёфт. Аз ин ҷо, зимни интихоби воситаҳое, ки ба шуури ҳуқуқии ҷавонон таъсир мерасонанд, шакли он - ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ, инфиродиро ба инобат бояд гирифт.

Раванди таҳсилоти ҳуқуқӣ дар донишгоҳ дар низоми такмилу бунёди тамоюлҳои нави рушди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ амалӣ мегардад, ки ба сифати унсурҳои сохтории он зоҳир мешаванд. Таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ

мафҳумҳое мебошанд, ки дорои мустақилияти нисбӣ буда, ба ҳамдигар таъсир мерасонанд, аммо яке дигареро фурӯ намебарад.

Зимни ташаккули шуури ҳуқуқӣ бояд дар назар дошт, ки тарбияи ҳуқуқӣ бо соҳаи эҳсосотӣ -иродавии шахсият алоқаманд аст, зеро он ба инкишофи арзишҳои ҳуқуқии шахсият таъсир мерасонад, ки сатҳи умумии фарҳанги ҳуқуқии аҳолиро таъйин менамояд. Таълими ҳуқуқӣ таъсиротро ба соҳаи когнитивӣ пешбинӣ намуда, ба ҳамин васила, ҷамъоварии донишҳо, маҳорату малакаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқӣ сурат мегирад. Он ноилшавӣ ба мақсади умумӣ - ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯро пешбинӣ менамояд. Ягонагии таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар он зоҳир мешавад, ки тарбия ҳамон вақт таълимдиҳанда мешавад, ки дар баробари мақсадҳои тарбиявӣ мақсадҳои таълимӣ ба миён гузошта шаванд. Таълим дар навбати худ, дар сурате тарбиякунанда мешавад, ки агар дар баробари мақсадҳои таълимӣ мақсадҳои тарбиявӣ гузошта шаванд.

Зери таълими ҳуқуқ раванди ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Мақсади он ба донишҷӯён додани иттилооти ҳуқуқӣ оид ба дастурҳои ҳуқуқии мавҷуда мебошад. Таълими ҳуқуқ набояд танҳо бо интиқоли донишҳои назариявӣ дар сатҳи назариявӣ маҳдуд гардад. Аҳамият ва азхудкунии онҳо ба фаъолнокии худи таълимгиранда вобаста буда, дар ҳолати камфаъолии ӯ ҷузъи донишмарказӣ ба чизи пучу холӣ  табдил меёбад ва кафолати рафтори ҳуқуқии ӯ бидуни такя ба ҳосилкунии маҳорату малакаҳои татбиқи онҳо дар амалия шуда наметавонад. Имрӯз дар таълими ҳуқуқӣ дидгоҳи донишмарказӣ бартарӣ дорад, ки интиқоли иттилоотро дар бораи ҳуқуқ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд. Бинобар ин, зарурати такмили таълими ҳуқуқӣ, амалисозии мақсадҳои сифатан нави он, принсипҳои нави интихоб ва муназзамгардонии донишҳои ҳуқуқӣ, коркардҳои нави курсҳои фаннӣ ва ҳамгиро ба миён омадааст.

Имрӯз паҳншавии таълими ҳуқуқ дар мактабҳои олӣ қонунӣ ва асоснок мебошад, зеро фарогирии донишҳои ҳуқуқӣ шарти ҳатмии омодагии босифати касбии мутахассисони оянда аст. Донишҳо дар соҳаи ҳуқуқ ба мутахассисони

оянда новобаста ба навъи машғулияти онҳо ва махсусияти корашон заруранд. Дар фаъолияти воқеии амалӣ аксари онҳо зимни иҷрои кор на танҳо донишҳо оид ба ихтисосро татбиқ мекунанд, зеро иҷрои як қатор вазифаҳои касбӣ донистани ҳуқуқро тақозо менамояд. Донишҳо, тасаввурот, ақидаҳои ташаккулёфтаи ҳуқуқӣ ба сифати нишондиҳандаи салоҳиятнокии касбии онҳо зоҳир мешаванд.

Таълими фанҳои ҳуқуқшиносӣ ба донишҷӯён раванди мураккабест, ки ташкил ва коркардҳои махсуси методиро тақозо менамояд, зимнан соҳаи факултет (техникӣ, гуманитарӣ), ихтисос ба назар гирифта мешавад, зеро вобаста ба самт бояд махсусияти таълими фанни "Ҳуқуқ", мундариҷаи он барои ихтисоси муайян бо назардошти татбиқи амалӣ коркард шавад.

Муаммои мундариҷаи маводи таълими ин ё он курси таълимӣ оид ба ҳуқуқ муаммои муҳими дидактикӣ мебошад, ки вобаста ба ин зарурати муайянкунии низом, муқаррарот ҳамчун принсипҳо, талабот ва меъёрҳо ба миён меояд, ки назардошти онҳо тарҳрезӣ ва интихоби маводи таълимро имкон медиҳад. Дар ин ҳолат принсипи самтгирии касбии таълим дар мактаби олӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Як қатор маънидоди принсипи мазкур вуҷуд дорад, ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Баъзе муҳаққиқон зери ин истилоҳ як навъи робитаҳои байнифанниро байни фанҳои умумитаълимӣ, умумитехникӣ ва бунёдӣ ва таълими истеҳсолии амалӣ дар назар дошта, чунин мешуморанд, ки моҳияти ин принсип аз татбиқи донишҳои умумитаълимӣ ва умумитехникӣ дар ин ё он соҳаи омодагии касбӣ иборат аст. Дидгоҳи дигари васеътаре вуҷуд дорад, ки мувофиқи он ба мафҳуми самтгирии касбӣ инҳо дохиланд: самтгирии касбии шахсият ба фаъолияти меҳнатӣ ва ба касби мушаххас; самтгирии касбии таҳсилоти умумӣ ва самтгирии таълими касбӣ. Дар мавриди мундариҷаи курсҳои фанҳои ҳуқуқ сухан бояд дар бораи ду қисми аввали таркибии самтгирии касбӣ меравад, ки бояд дар ягонагӣ ва ҳамбастагӣ баррасӣ шаванд.

Шуури ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқиро айни як чиз шуморидан нодуруст аст, зеро «донишҳои ҳуқуқӣ асоси ибтидоӣ ва зинаи ибтидоии ташаккули

шуури ҳуқуқӣ мебошад, худи шуури ҳуқуқӣ бошад - муносибати бештар мукаммал, бошуурона ба ҳуқуқ аст, ки дар мавқеи муайяни ҷаҳоншиносонаи шахсият ба қонунҳои амалкунанда ифода меёбад» [72].

Ҳамин тавр, ба аломатҳои асосии ташаккули шуури ҳуқуқии мутахассисони оянда дар раванди таълими ҳуқуқ чунин аломатҳо мансубанд:

- гирифтани донишҳои ҳуқуқӣ аз рӯйи соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, ки барои ноилшавӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, касбӣ, шахсӣ заруранд;

- ташаккули маҳорату малакаи татбиқи онҳо барои ҳалли вазъияти ҳуқуқӣ ва иҷрои вазифаҳои касбӣ;

- амалисозии рафтори ҳуқуқӣ дар мувофиқат бо талаботи қонун, мутобиқгардонии донишҳои гирифта бо амалҳо;

- ташаккули тасаввурот дар бораи тартибу воситаҳои ҳуқуқу манфиатҳои худ, дар ҳолати вайроншавии онҳо қобилият доштан ба ҳифзи онҳо.

Дар баробари таълими ҳуқуқ қисми таркибии таҳсилоти ҳуқуқӣ тарбияи ҳуқуқӣ мебошад, ки бо он ташаккули сифатҳои муайяни шахсият, аз ҷумла, шуури ҳуқуқиро алоқаманд мешуморанд. Л.И. Петражитский дар вақташ ба он таваҷҷуҳ зоҳир карда буд, ки «тарбия «бидуни ҳуқуқ» дар натиҷа боиси мавҷуд набудани заминаи мустаҳками ахлоқӣ ва кафолат бар зидди васвасаҳои ҳаётӣ мегардад, дар мавриди муносибати махсус ба шахсияти инсон, азони худ ва каси дигар, маҳсули табии чунин тарбия - «рӯҳияи ғуломона» ва дар баробари ин беэҳтиромӣ ба шахсияти дигар, ҷобирӣ ва худдонамӣ мегардад»[131].

Мактабҳои олӣ бояд на танҳо донишҷӯёнро ҳамчун ҳомилони дониш таълим диҳанд, балки пеш аз ҳама, шаҳрвандони кишварро бо арзишҳо, ахлоқ, шавқу рағбатҳо, фарҳанги меҳнат ва рафтори хос тарбия намоянд. Тарбияи донишҷӯён ҳамчун шаҳрвандон, дар шуури онҳо мустаҳкам кардани арзишҳои ахлоқӣ аз сатҳи ташаккулёфтаи шуури ҳуқуқии шахсият низ вобаста мебошад. Бинобар ин, таносуби тарбияи ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва шаҳрвандии донишҷӯён низ бояд мавридиислоҳи назаррас қарор гирад.

Ба муайянкунии ҳар як навъи тарбия таваҷҷуҳ мекунем. Тарбияи ҳуқуқӣ - раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқӣ, ки дар амалисозии

таълими фарогири ҳуқуқӣ, инкишофи шуури ҳуқуқӣ ва рафтори ба қонун итоаткунанда иборат аст. Тарбияи шаҳрвандӣ - раванди ташаккули эҳтиром ба қонун ва итоати бечунучаро ба он, инкишофи худогоҳии шаҳрвандӣ, масъулияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Тарбияи ахлоқӣ - ташаккули муносибат ба низоми ҷамъиятӣ ва давлат, одамон, ба худ дар сатҳи меъёрҳои умумиинсонӣ, ахлоқи инсонпарварона ва фарҳанги муошират аст. Чунонки мебинем, ҳар се навъи тарбия дорои таъсироти тавонои тарбиявӣ буда, ба интиқоли меъёрҳои иҷтимоӣ, намунаҳо ва идеалҳои рафтор ба ҷавонон нигаронида шудаанд, ки ба ташаккули характер ва баҳодиҳии амалҳои инсонӣ таъсир мерасонанд. Ин равандҳо бо ҳам алоқманд буда, байни онҳо сарҳади дақиқ гузоштан ғайриимкон аст, аммо ҳар яке аз онҳо созмони хоси худ ва банақшагирии чорабиниҳои тарбиявӣ, мақсадгузорӣ ва пешбинии натиҷаи матлубро дар назар дорад.

Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун қисми низоми умумии тарбия бо самтҳои зикршудаи раванди тарбия дар таъсироти мутақобил қарор дорад. Масалан, ба тавсифи шаҳрванд, ба доираи хислатҳои хоси ӯ маҳорати зиндагӣ кардан дар шароити давлати ҳуқуқбунёд, қобилияти ҳамгиро шудан ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, маҳорати барпо кардани тамос бо одамони дигар, омодагӣ ба ҳалли муаммоҳои муҳими шахсӣ ва ҷамъиятӣ дохил карда шудааст, ки меъёрҳои ҳуқуқ танзим мекунанд. Мутаносибан, тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ дар шахсият бидуни такя ба ғояҳо, ақидаҳо, тасаввуроти ҳуқуқии муосир ғайриимкон аст.

Дар баробари ин, шуури ҳуқуқӣ барои фаҳмидани арзишҳои ахлоқӣ ёрӣ расонида, ногузир ба амиқии ақидаҳои ахлоқии шахсият, ба омодагии рафториву ахлоқии ӯ, дараҷаи эътиқод ба зарурати иҷрои меъёрҳои ахлоқ таъсир мерасонад. Аз ин бармеояд, ки дар доираи амалисозии консепсияи тарбияи донишҷӯён ҷиҳати ноилшавӣ ба самаранокии чорабиниҳои тарбиявӣ аҳамияти назаррасро тарбияи ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Он бояд ҳамчун таъсироти алоҳида ва мустақил зоҳир гардад, на балки бо тарбияи шаҳрвандӣ, ахлоқӣ, ватандӯстӣ, сиёсӣ, интернатсионалӣ ҳамгиро бошад.

Ҳама гуна тарбия ҳамон вақт бомуваффақият мегардад, ки агар мақсадҳои он сабабҳои объективӣ дошта бошанд, вазъи ҷамъият, тамоюлҳои инкишоф ва такмили онро инъикос намоянд. Эҳтиёҷоти ҷомеа нерӯи ҳаракатдиҳандаи раванди тарбиявӣ мебошанд, бидуни онҳо мақсадҳои воқеӣ ва амалишавандаро мушаххас намудан ғайриимкон аст. Азбаски имрӯз ҷомеаи мо ба тақвияти нақши ҳуқуқ ниёз дорад, тарбияи ҳуқуқӣ низ бояд дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Яке аз таъйиноти асосии он - ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯ - омӯзгори оянда  раванди мураккаб ва давомнок аст, ки дидгоҳи мақсаднокро тақозо менамояд.

Камбудии ҷиҳатҳои тарбиявӣ дар мактаби олӣ аён аст. Имрӯз торафт бештар ҷавонони соҳибмаълумот, аммо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ тарбиянодидаро вохӯрдан мумкин аст. Дар баробари ин, масъалаҳое ба миён гузошта мешаванд, ки бо ҷустуҷӯи дидгоҳҳои нав ба тарбияи донишҷӯён алоқамананд. Назарияи муосири тарбия чун идомаи анъанаҳои давраи шӯравӣ  ба он нигаронида шудааст, ки дар донишҷӯён арзишҳое, мисли некӣ, бовиҷдонӣ, адолат, ёрмандӣ ҳангоми нохушӣ, фидокорӣ  ва ғайра ташаккул дода шаванд. Тарбия самти афзалиятноки таҳсилоти касбӣ гардидааст, бинобар ин, масъалаи тарбияи ҷавонон ҳамчун муаммои умумии педагогикаи мактаби олӣ боқӣ мондааст.

Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти махсуси мактаби олӣ падидаи нав нест, дар амалияи педагогии мактаби олӣ ва таҳқиқот шаклу методҳои кори тарбиявӣ бо донишҷӯён ифода шудаанд. Аммо то имрӯз масъалаҳои муассирӣ ва самаранокии он мубрам боқӣ мемонанд.

Раванди тарбияи ҳуқуқӣ пеш аз ҳама, бояд табдили донишҳои ҳуқуқии баррасишавандаро ба ақидаҳои дахлдори ҷавонон таъмин намояд. Барои таъмини боэътимоди рафтори ҳуқуқӣ аз ҷониби донишҷӯён кӯшишҳои асосӣ оид ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ бояд ба рушди ақидаҳои ботинии онҳо нигаронида шаванд. Он гоҳ намунаҳои рафтори ҳуқуқӣ ба меъёрҳои шахсии онҳо табдил ёфта, самтгирии арзишии шахсиятро ба вуҷуд меоранд. Ташаккули ақидаҳои ҳуқуқӣ муаммои аз ҷониби ҷавонон ба арзишҳои ботинии маънавӣ табдил додани донишҳои ҳуқуқиро тавлид менамояд.

Ғояҳои муосир ва муқаррароти асосии тарбия бо таҷдиди мундариҷаи тарбия, асоснок кардани мақсадҳои нав, арзишҳо ва мазмунҳои тарбия бояд нақши торафт афзуншавандаи аксиологияи педагогиро инъикос намоянд. Ин бо тамоюлҳои ивазшавии парадигмаи иҷтимоимаркази таҳсилот ба парадигмаи инсонмарказ ва гузариш аз навъи тарбияи ба ҷамъият нигаронида ё инфиродигароёна ба мутаносибии онҳо вобаста мебошад.

Зимни ҳалли масъалае, ки бо муайянкунии типи низоми тарбиявӣ вобаста ба асосҳои арзишӣ алоқманд аст, мо ба ақидаи Б.Битинас такя менамоем. Ӯ чунин навъҳои низомҳои тарбиявиро муайян кардааст: - тарбия, ки ба арзишҳои трансендентӣ асос ёфтааст (тарбия ба наздик кардани шахс ба арзиши мутлақ - ба сатҳи мавҷудияти олӣ нигаронида шудааст);

- тарбия, ки ба арзишҳои иҷтимоимарказӣ асос ёфтааст (асоси тарбияро озодӣ, баробарӣ, сулҳ, меҳнат, инсонгароӣ ташкил медиҳанд);

- тарбияе, ки ба арзишҳои инсонмарказӣ асос ёфтааст (тарбия ба баланд бардоштани фардият, имконияти худамалисозӣ, худмухторӣ, фоиданокӣ нигаронида шудааст).

Бо назардошти фаҳмиши парадигмаи таҳсилоти ҳуқуқӣ мо чунин мешуморем, ки тарбияи ҳуқуқӣ бояд ба арзишҳои иҷтимоимарказ ва инсонмарказ нигаронида шавад. Имрӯз фаъолона консепсияҳои тарбияи ҳуқуқӣ дар сатҳи мактаби олии алоҳида коркард мешаванд, ки ба ҷустуҷӯи асосҳои нави тарбияи ҷавонон нигаронида шудаанд. Ба ақидаи мо, дар қисми мундариҷавии барномаи тарбияи ҳуқуқӣ чунин ҷанбаҳо вуҷуд доранд: мақсади тарбия; моҳияти тарбия; механизми асосии тарбия; асоси методологии тарбия (нигаред ба Ҷадвали № 2).

**Ҷадвали № 2.** Барномаи тарбияи ҳуқуқии донишҷӯён

(қисми мундариҷавӣ)

| Мақсади тарбияи ҳуқуқӣ | Моҳияти тарбияи ҳуқуқӣ | Механизми асосии тарбияи ҳуқуқӣ | Асоси методологии тарбияи ҳуқуқӣ |
|---|---|---|---|
| Таъсироти мақсаднок, муташаккилона, муназзам ба шуури ҳуқуқии шахсият, самтгириҳои ҳуқуқӣ, малакаҳо ва одатҳои рафтори ба қонун мувофиқ, фарҳанги ҳуқуқӣ. | Ташаккули фаъолнокии ҳуқуқии донишҷӯён; дар шуури ҳуқуқӣ ташаккул додани донишҳои устувори ҳуқуқӣ, ақидаҳо, эҳтиёҷот, арзишҳо; ташаккули муносибати боэҳтиром ба қонун; инкишофи ҳисси масъулиятшиносӣ; оштинопазирӣ, адолат; афзалияти манфиатҳои умумииҷтимоӣ. | Муносибат ҳамчун низоми томи робитаҳои интихобӣ байни одамон. | Ғояҳои демократикунонӣ ва инсонгароӣ; назарияи рушди иҷтимоии ҷавонон; таъкиди парадигмаи ба шахсият нигаронидаи таҳсилот; татбиқи дидгоҳи аксиологӣ; низоми тарбия ба арзишҳои иҷтимоимарказӣ ва инсонмарказӣ асос ёфтааст. |

Алҳол тарбияи ҳуқуқӣ дар мактаби олӣ дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор дорад, шаклҳои муассири амалисозии онро фаъолона баррасӣ карда, мубодилаи байнидонишгоҳии таҷрибаро бо мақсади муайян кардани воситаҳои самараноки таъсирот ба ақидаҳо, тасаввурот, самтгириҳои ҷавонони донишҷӯ ташкил намудан зарур аст. Бинобар ин, таҳлил, баррасиҳо, мубодилаи таҷриба саривақтӣ ва натиҷабахшии ин ё он тадбирҳои такмили фаъолияти мактаби олиро дар самти тарбияи ҳуқуқӣ муқаррар карда метавонанд.

Ҳамин тавр, раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар мактаби олӣ аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

- имконияти таҳсилоти олии касбӣ барои таъсир расонидан ба иҷтимоишавии донишҷӯён тавассути таълиму тарбияи ҳуқуқӣ;

- ташаккули мутахассиси рақобатпазир бо шурри ҳуқуқии инкишфёфта, ки амалисозии маҳсулноки фаъолияти касбиро таъмин намуда, нишон додани донишҳо, маҳорату малакаҳои касбиро имкон медиҳад;

- ташаккули амсилаҳои рафтор дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти касбӣ ба арзишҳои ҷомеа ва талаботи қонун тариқи шуури ҳуқуқии донишҷӯён такя мекунад;

- дар шахсият ташаккул ёфтани мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ тавассути инкишофи сифатҳои шаҳрвандӣ ва фаъол шудани амалҳои шаҳрвандӣ бо ёрии шуури ҳуқуқӣ.

Бо пайравӣ ба мантиқи зикршуда метавон гуфт, ки дар раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ мактаби олӣ имконияти густурда дорад. Амалияи татбиқи донишҳои касбӣ зарурати мувофиқати таҳсилоти ҳуқуқӣ ва касбиро исбот менамояд. Дар натиҷаи чунин мувофиқат омодагии касбӣ ба рушду такмили мутахассисони оянда мусоидат карда, эҳтимолии он меафзояд, ки донишҳо, маҳорату малакаҳои ҳуқуқӣ баъди хатми мактаби олӣ барои онҳо муфид хоҳанд буд.

Раванди педагогии мактаби олӣ барои ташаккули шуури ҳуқуқии мутахассисони оянда шароити беҳтаринро фароҳам оварда, муназзамӣ, назорат ва фаврияти аз ҷониби донишҷӯён гирифтани донишҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд, ки барои амалисозии фаъолияти касбии тахассусӣ, шиносоӣ ва баррасии муаммоҳои мубрами донишгоҳ заруранд. Мактаби олӣ барои ҷустуҷӯи роҳҳои рушди шуури ҳуқуқии донишҷӯён омӯзгоронро ба масъалаҳои ташаккули он ва ҳалли муаммои мазкур дар рафти кори илмӣ-амалӣ ва илмӣ-методӣ ҷалб карда метавонад.

Ба ташаккули шуури ҳуқуқии шахсият маҷмӯи тамоми омилҳое таъсир мерасонанд, ки шароити ҳаёти донишҷӯиро фароҳам меоранд. Сифатҳои беҳтарини инсонӣ дар донишҷӯ ба шарте тарбия мешаванд, ки агар дар донишгоҳ демократизм, рӯҳияи озодонаи танқидӣ ҳукмфармо бошанд, муносибатҳо байни омӯзгорон ва донишҷӯён ба эҳтирому боварӣ бо ҳамдигар асос ёбанд, ки ногузир ба натиҷаи ниҳоии ташаккули сифатҳои касбӣ ва шахсӣ таъсир мерасонад.

Принсипи инсонпарварӣ яке аз муқаррароти асосии сиёсати давлат дар соҳаи таҳсилот мебошад, ки «афзалияти арзишҳои умумиинсонӣ, ҳаёт ва

солимии инсон, инкишофи озодонаи шахсият, тарбияи ҳисси шаҳрвандӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, муҳаббат ба табиат, Ватан, оила» таъмин мегардад. Аз ин бармеояд, ки мактаби олӣ ба сифати талаботи умумӣ ба мундариҷаи таҳсилоти касбӣ бояд «тақвият ва такмили давлати ҳуқуқӣ; инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ; ташаккули инсон ва шаҳрвандро, ки ба ҷомеаи муосири худ ҳамгиро шуда, такмили онро мақсади худ қарор додааст», ба инобат гирад.

Асоси хусусияти инсонпарваронаи таҳсилот рӯй овардан ба шахсияти донишҷӯ, олами ботинии ӯ, ба ҳиссиёт, идроку ҳисси вазифашиносӣ мебошад. Шуури ҳуқуқӣ идроки ҳиссиро ташкил медиҳад ва инкишофи он бевосита ба шаклгирии маънавият, самтгириҳои арзишӣ, ақидаҳо ва самтгириҳои иҷтимоии шахсият вобаста мебошад.

Донишҷӯён, аз ҷумла, омӯзгори оянда гурӯҳи иҷтимоӣ мебошанд, ки ба ҷамъият фоидаи зиёд оварда метавонанд. Вазифаи асосии иҷтимоӣ, ки пеши ҷавонони донишҷӯ гузошта шудааст, на танҳо фарогирии маҷмӯи донишҳои касбӣ, балки ба онҳо имконият дода шудааст, ки функсияҳои муайяни истеҳсолиро иҷро карда, мутахассис шаванд. Дар раванди таҳсилот дар мутахассисони оянда ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ зарур аст, ки ба шарофати он шахси ҷавон ба мақсад мувофиқ будани интихоби варианти рафторро дар фаъолияти касбӣ шарҳ дода метавонад. Шуури ҳуқуқии касбӣ ба мутахассиси ҷавон имкон медиҳад, ки ба касби ояндааш мутобиқ шавад, функсияҳои касбиро азхуд кунад, фаъолона ба ҳамкории касбӣ ҳамроҳ шавад. Бинобар ин, мақсади асосии таҳсилоти ҳуқуқӣ бояд ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ гардад, ки ба густариши ҷаҳоншиносии касбии мутахассисони оянда мусоидат менамояд.

Ба фикри мо, фаҳмиши шуури ҳуқуқии касбиро ба маънои васеътар баррасӣ намуда, онро танҳо бо шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон алоқаманд набояд кард. Шароити нави иқтисодӣ дархости иҷтимоиро ба мутахассиси оянда тағйир дод. Ҷустуҷӯ ва муайянкунии амсилаи «идеалии» шахсияти мутахассис, ки мактаби олӣ ташаккул медиҳад, фароҳам овардани

шароити педагогӣ барои амалисозии он ба муаммои асосии таҳсилоти касбӣ табдил ёфтааст. Ҷомеа боиси тағйироти талаботи касбӣ гардид ва зарурати маҳорати амал кардан дар вазъияти нав ба миён омад, ки дар навбати худ, соҳибмаълумотии ҳуқуқии шахсиятро тақозо намуд, ки ба ҳаҷми ташаккулёфтаи маҳз шуури ҳуқуқӣ асос ёфтааст.

Шуури ҳуқуқии гурӯҳи касбии мушаххас инъикоси фаъолияти амалии онҳост, ки ба он умумияти иҷтимоӣ пайваст мебошад. Албатта, фаъолияти касбии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайриҳуқуқӣ самти сифр ҳуқуқӣ нахоҳад дошт, аммо бо соҳаи амали ҳуқуқ дар робитаи зич қарор мегирад.

Бинобар ин, дар шуури ҳуқуқии касбӣ чунин навъҳоро фарқ кардан мувофиқи мақсад аст: шуури ҳуқуқии касбии умумӣ; шуури ҳуқуқии касбии махсус.

Шуури ҳуқуқии касбии умумӣ бояд ба тамоми мутахассисон хос бошад, он барои иҷрои уҳдадориҳои бо кор алоқаманд зарур аст. Аксари мутахассисоне, ки омодагии махсуси ҳуқуқӣ надоранд, бояд дорои шуури ҳуқуқие бошанд, ки зимни амалисозии фаъолияти касбии тақозокунандаи танзими ҳуқуқӣ рафтору амалҳои онҳоро инъикос менамояд.

Шуури ҳуқуқии касбии умумӣ ба ташаккули чунин ҷанбаъҳо равона гардидааст: асосҳои саводнокии ҳуқуқӣ; тасаввуроту самтгириҳое, ки ба арзишҳои демократии ҳуқуқӣ асос меёбанд; қобилият ва омодагӣ ба амалиёти бошуурона ва бомасъулият ва соҳаи муносибатҳое равона гардидааст, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим шудаанд: қабули мустақилонаи қарорҳои ҳуқуқӣ, ки бо ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсият; амалисозии мавқеи шаҳрвандие, ки ба хатмкунандаи мактаби олӣ барои иҷрои нақшҳои асосӣ (шаҳрванд, андозсупоранда, интихобкунанда, узви оила, соҳибмулк, истеъмол-кунанда, корманд) дар ҷомеа зарур аст.

Баъди хатми мактаби олӣ навъи асосии фаъолияти донишҷӯён фаъолияти меҳнатӣ аст ва мутахассисони ҷавон иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ мешаванд. Муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ мураккаб буда, мундариҷаи он бо ҳуқуқу уҳдадориҳои байниҳамдигарии ду тараф - корманд ва корфармо

маҳдуд намешавад. Аз ин бармеояд, ки донишҷӯёнро ба фаъолияти меҳнатии минбаъда омода бояд кард. Онҳо бояд дар бораи ҳолати ҳуқуқии тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, заминаи пайдоиши муносибатҳои мазкур ва мундариҷаи он тасаввурот дошта бошанд. Ба ғайр аз ин, мутахассисони ҷавон бояд баҳои ҳуқуқӣ дода тавонанд, зеро онҳо бо фаъолияти ташкилотҳо ва шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ, баҳодиҳӣ ва қарорҳои онҳо оид ба масъалаву низоъҳои гуногуни дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, бо рафтори қонунӣ ва ғайриқонунии шахсони мансабдори маъмурият ва кормандон рӯбарӯ мешаванд.

Дар сатҳи махсус ва бо назардошти махсусияти фаъолияти ҳуқуқӣ шуури ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Сатҳи махсуси шуури ҳуқуқӣ моҳиятан аз шуури ҳуқуқии умумӣ фарқ мекунад. Фарқи асосӣ амиқии инъикоси падидаҳои ҳуқуқӣ мебошад. Шуури ҳуқуқии махсус дар донишҷӯёни ихтисоси ҳуқуқшиносӣ мақсаднок ташаккул дода мешавад.

Дар раванди таҳсилоти муассисаҳои олии таълимӣ дар мутахассисони оянда, аз ҷумла, тамоми ихтисосҳои омӯзгорӣ  шуури ҳуқуқии касбии умумиро ташаккул додан зарур аст. Бинобар ин, дар амалияи муосири таълимии мактаби олӣ зарурати коркарди технологияи мувофиқ: технологияи ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилот ба миён омадааст.

## 1.3. Технологияи педагогии ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда

Дар шароити муосир дар натиҷаи вазъияти педагогии тағйирёфта нақши шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар фаъолияти касбӣ, омӯзгорони навовар афзалиятнок гардид.

Таҳқиқоти мо ихтилоферо ошкор кард, ки аз такмили раванди педагогии ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда иборат буда, аз тарафи дигар, нокифоягии воситаҳои дар силсилаи ҳуқуқӣ ҷиҳати ноилшавӣ ба ин мақсад татбиқшаванда аён аст. Ихтилофи мазкурро бо ёрии бунёди технологияи мувофиқи педагогӣ ва ҷорӣ кардани методикаҳои инноватсионӣ дар раванди

таълим, машғулиятҳои фанни «Ҳуқуқ» бартараф метавон кард, ки ба ташаккули тафаккури эҷодии донишҷӯён ва дарки донишҳои гирифташаванда мусоидат хоҳанд кард. Дар натиҷа ин ба ташаккули салоҳиятнокии ҳуқуқии мутахассисони соҳа оварда мерасонад.

Истилоҳи «технологияҳои педагогӣ» дар нимаи солҳои 50-уми асри XX пайдо шуда, аксари муаллифон тафсири онро пешниҳод карданд (В.П. Беспалко, М.В. Кларин, П.И. Пидкасистий ва диг.). Дар таҳқиқоти мо технологияҳои педагогӣ дар мувофиқат бо таърифи В.П.Беспалко ҳамчун маҷмӯи воситаҳо, методҳо ва равандҳои бо ҳам алоқаманд баррасӣ мешавад, ки барои ташкили таъсироти мақсаднок ба ташаккули шахсият бо сифатҳои дахлдор заруранд [27].

Яке аз вазифаҳои муҳимтарин оид ба омодагии омӯзгорони оянда - ташаккулу рушди шуури ҳуқуқӣ, тафаккури касбӣ бо истифодаи воситаҳои зеҳнии методологияи эҷодкорӣ мебошад. Технологияҳои педагогӣ сифатҳои тафаккури донишҷӯёнро мақсаднок инкишоф дода, дар онҳо ҷузъҳои амалиётии тафаккур: таҳлил, синтез, муқоиса, шинохтан, таҷрид (абстраксия), ҷамъбаст, таснифот, муназзамгардонӣ ташаккул медиҳанд. Дар инкишофи тафаккури мутахассис фарогирии асосҳои маърифати илмӣ муҳим аст. Дар технологияҳои зикршуда ҷойгоҳи муҳим ба технологияҳои педагогикаи эҷодкорона тааллуқ дорад, ки таъйиноти онҳо рушди қобилияти эҷодии инсон мебошад [38, 49].

Дар таҳқиқоти мо аз ҷониби омӯзгорон тарҳрезӣ гардидани чунин технологияи эҷодкоронаи таълим пешбинӣ шудааст, ки зимни он сифати дархостшавандаи таълим (мақсад - азхудкунии мундариҷа дар сатҳи зарурӣ) ба туфайли кӯшишҳои худи таълимгирандагон ба даст меояд.

Зимни коркарди технологияи педагогии эҷодӣ дар раванди гузаронидани машғулиятҳо оид ба фанни «Ҳуқуқ» вазифаи муайян кардани чунин дидгоҳи технология истода буд, ки ба воситаи таъминкунандаи хусусияти таҳқиқӣ, ба шахсият нигаронида ва инсонпарваронаи тамоми раванди таълим, ташаккули шуури ҳуқуқӣ, тафаккури эҷодӣ ва илмӣ табдил мeёбад.

Ҳангоми тарҳрезии технологияи педагогии ба эҷод нигаронида дар марҳалаи якум раванди мақсадгузорӣ ва сохторсозии мундариҷаи таълим оид ба фанни «Ҳуқуқ» дар мувофиқат бо алгоритм амалӣ гардид [49, 52, 170]:

- муайянкунии мақсадҳои ташхисии таълим - тавсиф дар заминаи параметрҳои ченшавандаи натиҷаи интизории дидактикӣ;

- асосноккунии мундариҷаи таълим дар қаринаи фаъолияти ояндаи касбии педагог;

- муайянкунии сатҳҳои дархостшавандаи азхудкунии маводи омӯхташаванда ва сатҳҳои ибтидоии донишандӯзии донишҷӯён;

- ҷустуҷӯи амалиёти дидактикии азхудкунии унсурҳои мундариҷа, интихоби шаклҳо, методҳои ташкилӣ ва воситаҳои таълим;

- интихоби воситаҳои назорат ва ченкунии сифати азхудкунии мундариҷаи таълим, инчунин воситаҳоиислоҳи инфиродии фаъолияти таълимӣ.

Таълимро ҳамчун фаъолият баррасӣ намуда, мо пеш аз ҳама, бояд мақсадҳои онҳоро муайян карда, онро бо забони дидактика ифода намоем. Ҳамин тавр, марҳалаи якум ва пурмасъулияти тарҳрезии технологияи таълим, ки ба он натиҷабахшии тамоми раванди дидактикӣ вобаста аст, марҳалаи мақсадгузорӣ мебошад. Он аз муайянкунии мақсадҳои таълим иборат аст. Зери натиҷабахшӣ дар ин маврид дараҷаи ноилшавии таълимгирандагон ба ин мақсадҳо фаҳмида мешавад, ки ба низоми малакаву маҳорати муҳими касбӣ-педагогӣ ва ҳуқуқие табдил шудаанд, ки бояд дар хатмкунандаи ихтисоси касбӣ-педагогии мактаби олӣ ташаккул ёбанд [181].

Мақсадгузорӣ ҳамеша ҳамчун хусусияти муҳими категориалии раванди дидактикӣ баррасӣ мешавад [182]. Ба таҳқиқи ин муаммо олимон-педагогҳо, мисли Ю.К. Бабанский, В.П. Беспалко, Т.А. Илина, В.В. Краевский, В.А. Сластенин, Н.Ф. Тализина ва дигарон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд. Аммо дараҷаи коркарди илмии муаммои мазкур ва вазъи ҳозираи онро дар маҷмӯъ мураккаб ва пурихтилоф номидан мумкин аст. Сабаби ин пеш аз ҳама, дар гуногунии дидгоҳҳои ҳалли он аст [13, 27, 54, 78, 148, 163].

Ба ақидаи мо, афзалтарини (аз нуқтаи назари самтгирии касбӣ-педагогии донишҷӯён) онҳо дидгоҳи фаъолиятӣ нисбат ба муайянкунии мақсадҳои таълим мебошад. Бартарии асосии он имконияти расмигардонии фаъолияти воқеии мутахассис аст, дар мавриди мо, ин маънои ошкорсозии низоми маҳорату малакаҳои ҳуқуқиро дорад, ки бояд донишҷӯёни ихтисоси педагогӣ фаро гиранд.

Мақсади асосии ҳама гуна фанни донишгоҳӣ аз ҷониби донишҷӯён азхудшавии мундариҷаи он дар сатҳи дархостшаванда мебошад.

Зимнан мундариҷаи таълим бояд як қисми ҳаҷми мундариҷаи омодасозии мутахассиси соҳаи махсус бошад. Мундариҷаи таълим, ки қисми таҷрибаи иҷтимоист, ба таври умумӣ сохтори онро нусхабардорӣ карда, чунин ҷанбаҳоро дарбар мегирад: донишҳо дар бораи олам, яъне донишҳои назариявӣ; донишҳо дар бораи воситаҳои фаъолият, яъне донишҳо дар бораи алгоритмҳои иҷрои фаъолият; таҷрибаи фаъолияти амалӣ ва зеҳнӣ, яъне маҳорати иҷрои амалҳо дар асоси донистани алгоритмҳо; маҳорати эҷодӣ; таҷрибаи муносибати эмотсионалӣ-арзишӣ ба олам [49].

Навъҳои зикршудаи мундариҷаи таълим низоми том мебошад. Азхудкунии босифати ҳар яки онҳо ба азхудкунии навъҳои дигар вобаста аст [49].

Талаботи асосиеро ифода менамоем, ки ба мақсадҳои таълим пеш гузошта мешаванд. Онҳо бояд ҳаётан зарур, воқеан ноилшаванда, дақиқ, санҷидашаванда, муназзам ва бидуни барзиёдӣ пурра, яъне аз рӯйи тамоми сифатҳои муҳими касбии шахсияти мутахассиси оянда ташхискунанда бошанд [117, 182].

Барои муайянкунии мақсадҳои таълим ҳар ба се навъи аввалини мундариҷа сатҳи азхудкунӣ мансуб дониста мешавад, ки аз донишҷӯён намоиш додани маҳорати иҷрои амал бо дараҷаи муайяни мустақилият ва як қатор сифатҳои онро: шакл, ҷамъбастшавӣ, андозаи густариш ва андозаи азхудкунӣ тақозо мекунад [49].

Бо такя ба талаботи зикршуда мақсадҳои дидактикиро ба системавӣ, фаннӣ, модулӣ ва мақсадҳои машғулияти таълимӣ гурӯҳбандӣ менамоем [ниг. ба расми 3].




**Расми 3. Сатҳҳои мақсадгузорӣ.**

Азбаски мақсадҳои омодагӣ хусусияти умумии иҷтимоии барҷаста доранд, сатҳи системавӣ талаботи асосиро ба мутахассиси таҳсилоташ олӣ инъикос менамояд. Самтгирии мақсад дар ин маврид намуди ҷамъбастӣ ва номушаххас дорад, ки оид ба ҷузъиётбандӣ ва вобастакунии онро ба мақсаду вазифаҳои мутахассиси соҳаи дархостшаванда ва ихтисоси дахлдори мактабӣ олӣ кори ҷиддиро тақозо менамояд [117].

Яке аз сатҳҳои мақсадгузорӣ предметӣ мебошад [117]. Он ифодакунии мақсадҳои дидактикиро барои омӯзиши фанни таълимии мушаххаси мактабӣ олӣ пешбинӣ менамоянд (Дар мавриди таҳқиқоти мо - «Ҳуқуқ»).

Модули таълими фаннӣ - қисми фанни таълимӣ дар сохтори умумии нақшаи таълимии муассисаи олии таълимии мушаххас ба шумор меравад. Модули таълимӣ на танҳо қисми барномаи таълимӣ, балки низоми дидактикии интихобшуда аст, ки ҷойи асосиро дар он таъсироти мутақобили воситаву тарзҳои фаъолияти таълимӣ ишғол менамояд, ки воридшавии ин модулро ба низоми томи таълими фаннӣ таъмин менамояд [165].

Зимни чунин дидгоҳ сохтани модул яке аз вазифаҳои муҳими педагог аст. Вақте ки интихоби низоми дидактикӣ анҷом ёфт, нақши асосии омӯзгор аз татбиқи технологияи таълиме иборат аст, ки барои амалисозии модули таълимӣ ва интиқоли мақсадгузорӣ ба сатҳи машғулияти мушаххас зарур аст [52].

Гузориши мақсади таълим дар мавриди қисми маъноии фанни таълимӣ, ки мундариҷаи мавзӯъро фаро мегирад, муҳим аст. Маҳз мавзӯъ қисми маъноии хоси ҳама гуна фанни донишгоҳист, ки фарогирии он гирифтани донишҳои дархостшаванда, ҳосилкунии малакаву маҳорати зарурӣ, сифатҳои муҳими касбии шахсияти мутахассисони ояндаро имкон медиҳад [49].

Дар мувофиқат бо консепсияи фаъолиятии таълим мақсади омӯзиш маъмулан дар маҳорати иҷрои амалҳо дар сатҳи дархостшавандаи азхудкунии он ифода меёбад. Ин омӯзгор ва донишҷӯёнро ба фарогирии маводи омӯхташаванда бо сатҳи зарурӣ равона карда, ҳамчунин ташхиси дараҷаи аз ҷониби донишҷӯён ноилшавии онро имкон медиҳад [49,117, 181].

Яке аз талаботи муҳим нисбат ба тавсифи мақсадҳои мавзӯъ пуррагӣ, дар баробари ин, барзиёд набудани он аст, яъне самтгирии дақиқ ба эҳтиёҷоти донишҷӯён ба донишу маҳорати муайян дар дурнамои наздики (3-5 сол) фаъолияти касбии ояндаи онҳо мебошад.

Талаботи муҳими дигар нисбат ба тавсифи мақсадҳои мавзӯъ ташхисшаванда будани онҳо мебошад. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ донистани сатҳи ибтидоии онро тақозо мекунад. Агар мақсадҳо тариқи ташхис муқаррар нашуда бошанд, сифати омодагии донишҷӯёнро дақиқ муайяну баҳодиҳии он ғайриимкон аст, зеро онро танҳо зимни муқоиса кардан бо мақсад ошкору чен кардан мумкин аст. То он вақте ки тамоми вазифаҳои дидактикӣ возеҳу пурра ифода наёбанд, раванди даркшуда ва мазмундори ҳалли онҳоро ташкил кардан муяссар намешавад [117].

Барои гузориши ташхисии мақсадҳои таълим бояд феълҳо дар шакли номуайян истифода шаванд. Онҳо имкон медиҳанд, ки амалҳои зоҳиран мушоҳидашавандаи донишҷӯён тавсиф шаванд, ки боиси муайянкунии натиҷаи осон дарёфтшаванда мегарданд [49,181].

Ба ин гуна феълҳо тааллуқ доранд: такрор кардан, интихоб намудан, ҷудо кардан, ифода намудан, баён кардан, ҳисоб намудан, сабт кардан, тавзеҳ додан, истифода бурдан, навсозӣ кардан, номбар кардан, шарҳ додан, ҷамъбаст намудан, шинохтан, баҳо додан, тарҷума кардан, зикр кардан, дигаргун намудан, татбиқ намудан, таҳлил кардан, муназзам намудан, тартиб додан, осон кардан, дақиқ намудан ва ғ.

Ҷузъиётбандии ҳаддалимкони мақсадҳои ташкили кори донишҷӯён аз ҷониби омӯзгор имкон медиҳад, то натиҷаи фаъолияти маърифатии онҳо то дараҷае муфассал тавсиф шавад, ки ба назорати ҳам ҷорӣ, ҳам ҷамъбастӣ имкон медиҳад.

Муайянкунии мақсади омӯзиши мавзӯъ бо муқарраркунии сатҳи зарури азхудкунии он, яъне маҳорати иҷрои амалҳо бо дараҷаи муайяни мустақилият анҷом меёбад. Агар мавзӯъ танҳо барои фанни таълимии мазкур асосӣ бошад, омӯзгор худаш сатҳи азхудкунии мавзӯи баррасишавандаро таъйин мекунад. Барои ин ӯ робитаҳои дохилифаннӣ ва дохилимавзӯиро таҳлил карда, бо такя ба мақсадҳои мушаххас сатҳи даркории донишандӯзии донишҷӯёнро муайян менамоянд. Агар мавзӯъ таъминкунандаи мавзӯъҳои дигари фан бошад, сатҳи дархостшаванда бо назардошти манфиатҳои фанҳои таълимие муайян мегардад, ки барои онҳо омӯзиши масъалаҳои мавзӯи баррасишаванда муҳим аст [49].

Ҳамин тавр, мақсадҳои таълим низоми маҳоратест, ки ба таркиби мундариҷаи таълим ҳамчун қисми мундариҷаи омодагӣ ва таҷрибаи иҷтимоии азхудшавандаи донишҷӯён мувофиқанд. Мақсади таълим - натиҷаи банақшагирифтаи (дархостшаванда) таълим аст, ки ноилшавӣ ба он дар рафти раванди дидактикӣ ҳатмист [49, 79, 154].

Муайян кардани мафҳуми мақсади таълим бидуни муроҷиат ба мундариҷаи таълим ғайриимкон аст. Он на танҳо донишҳо, балки навъҳои дигари мундариҷаро дарбар гирифта, низоми ягонаи онҳоро ҳосил менамояд [49].

Мақсаду мундариҷаи таълим то дараҷае ба ҳам алоқамананд, ки дар бораи якҷоягии онҳо ҳамчун зернизоми низоми педагогӣ сухан бояд ронд. Ин зернизом ядрои шартҳои масъалаҳои дидактикӣ мебошад, зеро мисли шартҳои ҳама гуна масъала ба чунин савол ҷавоб медиҳад: дар рафти ҳалли он чӣ талаб карда мешавад. Ба ғайр аз ин, мафҳумҳои мақсаду мундариҷаи таълим зимни гузориши масъалаи дидактикӣ ва муайянкунии вазъи ибтидоии донишандӯзии донишҷӯён истифода мешаванд, ки ҳамчун зернизоми мақсаду мундариҷаи таълим зоҳир шудааст, ки ба он фанни таълимии омӯхташаванда ё ҳама гуна қисми маъноии он асос меёбад. Маънои ҳалли масъалаи дидактикӣ аз фароҳам овардани шароит барои гузариши донишҷӯён аз вазъи ибтидоии донишандӯзӣ ба ҳолати дархостшаванда иборат аст, ки ба мақсади ниҳоии таълим вобаста мебошад [26, 49, 182]. Дар расми 4 таъсироти мутақобили «дарахти мақсадҳо»-и омодагии касбӣ-педагогии донишҷӯён бо мундариҷаи қисмҳои фанни «Ҳуқуқ» тарҳрезӣ шудааст.




**Расми 4. Мақсадҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии педагогҳои оянда.**

Ҷанбаи мундариҷавии таълимро характери фаъолияти касбииояндаи хатмкунандаи мактаби олӣ таъйин карда, он дар фанҳои таълимие инъикос меёбад, ки ба барномаҳои таълими муассисаи таълимии мушаххас дохил мебошанд. Дар мундариҷаи таълим ҳамчунин махсусияти ихтисосҳо ба назар

гирифта мешавад, ки аз рӯйи онҳо омодагӣ дар мактаби олӣ ба роҳ монда шудааст. Он аз як тараф, ҳамчун чизи том барои муассисаҳои таълимӣ, аз тарафи дигар - ҳамчун ҷузъӣ барои омӯзиши фанҳои алоҳида таъйин мешавад. Якумӣ дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва талаботи ихтисоси «педагоги таълими касбӣ», дуюмӣ - дар барномаи таълими фанни «Ҳуқуқ» инъикос ёфтааст.

Омилҳои маҳдудкунанда зимни ташаккули мундариҷаи таҳсилот инҳоянд: буҷети вақти таълимӣ, вазъи пойгоҳи таълимӣ-методӣ ва моддӣ-техникии муассисаи таҳсилоти олӣ. Мундариҷаи таълимро ҳамчун низоми донишҳои аз ҷониби давлат махсус интихоб ва эътирофшудаи донишҳо, маҳорату малакаҳо ифода кардан мумкин аст, ки барои мутахассиси оянда барои амалисозии фаъолияти касбии самаранок, аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ ба мақсад мувофиқ, эҷодӣ, барои ҷамъият муфид заруранд [23, 65].

Ба сифати меъёрҳои интихоби мундариҷаи фанни таълимӣ мо муқаррароти зеринро истифода бурдем [79, 89]:

- дар мундариҷаи таълим яклухт инъикос ёфтани вазифаҳои ташаккули шахсияти ҳаматарафа инкишофёфтаи омӯзгори оянда;

- аҳамияти баланди илмӣ ва амалии мундариҷа;

- мувофиқати мураккабии мундариҷа ба имконияти воқеии таълимии донишҷӯён;

- мувофиқати ҳаҷми мундариҷа ба вақте, ки барои омӯзиши фанни мазкур ҷудо шудааст;

- мувофиқати мундариҷа ба пойгоҳи технологӣ (таълимӣ-методӣ) ва методӣ-техникии мактаби олӣ.

Нисбатан муфассал амалиёти интихоби мундариҷаи фанни таълимӣ дар таълифоти В.П.Беспалко, В.П.Мизинтсева ва олимони дигар баррасӣ шудааст. Чунончи, масалан, зимни тавсифи мундариҷаи фанни таълимӣ В.П.Беспалко мафҳуми «унсурҳои таълим» - объектҳо, падидаҳо ва методҳои фаъолиятро ворид кардааст, ки аз илм баргирифта, ба барномаи фанни таълимӣ дохил карда шуданд [26].

Дидгоҳ нисбат ба муайянкунии баҳои ҳаҷми мундариҷаи (зарфияти иттилоотӣ) фанни таълимӣ қадами қатъитаре аст, ки В.П. Мизинтсев пешниҳод намудааст [100].

Дар асоси Стандарти давлатӣ мо маҷмӯи таъминоти иттилоотӣ-барномавӣ ва методиро оид ба барномаи «Ҳуқуқ», аз ҷумла, барномаи кор ва маводи методӣ, нақшаи мавзӯӣ ва мундариҷаи фан, мақсаду вазифаҳои омӯзиши он, супоришҳои амалӣ, тестҳо, рӯйхати адабиёти асосӣ ва иловагиро коркард намудем.

Барномаи кории такмилёфта, ки пешниҳод гардид донишҷӯён-омӯзгорони ояндаро ба азхудкунии қисмҳои алоҳидаи донишҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҳидоят менамояд, ки барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва касбии онҳо, барои фаҳмиши меъёрҳои ҳуқуқӣ, донистани қонунҳо ва иҷрои бошууронаи онҳо заруранд. Ин барои фаъолияти касбии онҳо хеле муҳим аст [145].

Таълими курс дар асоси барномаи нави таълимӣ барои шакли рӯзонаи таълим 3 кредит – 72 соат машғулиятҳои аудиторӣ, аз ҷумла, лексияҳо, машғулиятҳои амалӣ ва кори мустақилона зери роҳбарии омӯзгор пешбинӣ гардидааст. Зимни баёни маводи таълим тавсия дода мешавад, ки донишҷӯён бо матнҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бо назардошти таҷдиди динамикии қонунгузорӣ шинос карда шаванд. Омӯзиши курс бо супоридани имтиҳонот дар Маркази тестӣ анҷом меёбад.

Мақсади омӯзиши фанни «Ҳуқуқ» шинос кардани донишҷӯён бо принсипҳои асосӣ ва соҳаҳои ҳуқуқ ҳамчун институти танзими меъёрии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва арзиши олитарини тамаддун, раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқи соҳавӣ барои инкишофи шуури ҳуқуқии онҳо, фарҳанги ҳуқуқӣ ва касбӣ, ҳосилкунии муносибати мусбат ба ҳуқуқ мебошад, зеро он заминаи воқеияти иҷтимоист, ки саршор аз ғояҳои инсонпарварӣ, некӣ ва адолат аст.

Вазифаҳои фан аз баёни ҳаддалимкон оммавии масъалаҳои асосии барномаи таълим иборат аст. Баён дар ҷанбаи проблемавӣ тарҳрезӣ мешавад, яъне мавзӯъ дар шакли муқоисаи дидгоҳу консепсияҳои гуногун баррасӣ мегардад. Асоснокии баёнро на танҳо аз ҳисоби иқтибоси мулоҳизаҳои боэътибор, балки бештар дар заминаи тарҳрезии мантиқи объективии мундариҷаи фан ба роҳ мондан зарур аст. Ҳамчунин вазифаҳои дар донишҷӯён ҳосил намудани маҳорати фаҳмидани қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дигар; таъмини риояи қонунгузорӣ; қабули қарорҳо ва иҷрои амалҳои дигар ҳуқуқӣ дар мувофиқат бо қонун; таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он; сарфаҳм рафтан ба адабиёти махсус, баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги касбӣ ба миён гузошта шудаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши фан донишҷӯён чунин донишҳоро азхуд мекунанд: дар бораи назарияҳои асосии пайдоиши давлат ва ҳуқуқ ; принсипҳои асосӣ ва аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд; меъёрҳо ва манбаъҳои ҳуқуқ ва ахлоқ; соҳаҳои ҳуқуқ; асосҳои моддӣ ва маънавии ҳаёти ҷомеа; ташкил ва қонунияти равандҳои ҷамъиятӣ; асосҳои сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқ уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд; сохтори мақомоти давлатӣ ва принсипҳои ташаккулу амалкарди дастгоҳи давлатӣ; марҳалаҳои равандҳои ҳуқуқэҷодкунӣ; сохтори соҳавии ҳуқуқ; таъсири шуури ҳуқуқӣ ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва касбии шахсият.

Вазифаи амалии курс аз ҳосилкунии малакаҳои донишҷӯ дар фаҳмиши низоми соҳавии ҳуқуқ; таҳлили мундариҷаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки аз он бармеоянд; ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандии худ бо тамоми воситаҳои қонунӣ; софдилона ва дақиқ иҷро кардани ухдадориҳои шаҳрвандии худ иборат аст.

Асоси интихоби мундариҷаи барномаи зикршударо принсипҳои тамомият, илмӣ ва ҳамгиро будан, вариативнокӣ (тағйирпазирӣ) ташкил медиҳанд [79, 89, 117, 148].

1) Тамомият. Фанни «Ҳуқуқ» чунин қисмҳоро дарбар мегирад: ҷанбаи таърихӣ-ҳуқуқӣ, ҷанбаи шахсиятӣ-ҳуқуқӣ, ҷанбаи давлатӣ-конститутсионӣ,

ҷанбаи иҷтимоӣ-касбӣ-ҳуқуқӣ. Мундариҷаи қисмҳои зикршуда дар алоқамандии органикӣ ва ҳамбастагӣ қарор дорад.

2) Илмӣ будан. Дар мундариҷаи фанни «Ҳуқуқ» боядислоҳи доимӣ инъикос ёбад, ки ба рушди илму ҳуқуқ, қабули санадҳои нави қонунгузорӣ вобаста мебошад.

3) Ҳамгироӣ. Мундариҷаи фан бояд ба барпо кардани мутаносибӣ ва созгории байни фанҳо ва соҳаҳои гуногуни низоми таълими донишгоҳӣ мусоидат намояд, ҳамчунин таъсироти мутақобили сохтории байни қисмҳоро таъмин намояд, ки бо тамомият муттаҳид шудаанд.

4) Вариативнокӣ. Дар раванди мушаххас гардонидани мундариҷаи фанни «Ҳуқуқ» аз қисмҳои номбаршуда танҳо он фанҳоро интихоб бояд кард, ки барои фаъолияти ояндаи касбӣ-педагогӣ заруранд.

Зимни тарҳрезии мундариҷаи маводи таълим дидгоҳи системавӣ мувофиқи мақсад аст, зеро худи сохтори низоми дидактикӣ хеле устувор мебошад, бо сабаби он, ки робитаҳои байни унсурҳои алоҳидаи онро мантиқи илм ва талаботи психологӣ-педагогӣ қатъӣ таъйин менамоянд, ки ҳам нисбат ба фанни таълимӣ, ҳам ба технологияи таълим дар маҷмӯъ пеш гузошта шудаанд [49, 117].

Моҳияти раванди тарҳрезӣ дар он аст, ки низоми робитаҳои маъноӣ байни унсурҳои мундариҷаи воҳиди дидактикии калон (фанни таълимӣ, модул, мавзӯъ) ошкор гардида, маводи таълим дар он пайдарпаӣ гузошта шавад, ки аз ин низоми робитаҳо бармеояд. Дар мавриди тарҳрезии мундариҷаи мавзӯъ ин маънои онро дорад, ки масъалаҳои мавзӯъ ва пайдарпаии омӯзиши онҳо мувофиқи мантиқи робитаи мутақобил муқаррар карда мешавад [49, 79].

Шаклҳои амалии татбиқи принсипҳои классикии тарҳрезӣ ва муаррифии аёнии онҳо дар раванди кори бевоситаи омӯзгор муҳиманд. Дар адабиёти педагогӣ оид ба муаммои мазкур намудҳои гуногуни чунин шаклҳо коркард шудаанд.

Бо ёрии таҳлили сохтории маводи таълим педагог метавонад унсурҳои муҳимтарин (такявӣ) мавзӯъро (модул) муайян карда, робитаҳои

низомофарандаро ошкор намояд, ки самаранокии амалкарди низоми дидактикиро дар маҷмӯъ таъйин мекунанд. Зимнан муҳим аст, ки таъсироти сохтори муайяни маводи таълим ба ангезиши таълим, ташаккули шавқу рағбати донишҷӯён ба таълим ва тарзи тафаккури илмии онҳо ба назар гирифта шаванд.

Мундариҷаи фанни таълимиро таҳлил карда, унсурҳои сохторро (категорияҳо, таърифҳо ва мафҳумҳо) муайян кардан мувофиқи мақсад аст, ки аз рӯйи онҳо таълим дар сатҳи донишҳо, малака, маҳорат, дидгоҳи эҷодӣ ба татбиқи амалӣ ба роҳ монда мешавад [79, 117].

Марҳалаи дигари тарҳрезии технологияи таълим марҳалаи муайянкунии сатҳҳои ибтидоии донишандӯзии донишҷӯён ва таъйин кардани сатҳҳои дархостшавандаи азхудкунии маводи омӯхташаванда мебошад.

Дар дидактикаи имрӯза ҳоло дидгоҳҳои умумӣ нисбат ба муайянкунии сатҳҳои азхудкунии мундариҷаи маводи таълим коркард нашудаанд. Муаллифони гуногун тафсирҳои ин мафҳумро пешниҳод намуда, миқдори муайяни сатҳҳои имконпазирро муайян кардаанд, ки аз омӯзгор зимни тарҳрезии технологияи таълим дидгоҳи эҷодиро тақозо мекунад [117].

И.Я. Лернер ва М.Н. Скаткин се сатҳи азхудкунии донишҳоро муқаррар кардаанд: идрок, андешидан, ба хотир гирифтан; татбиқи донишҳо дар вазъияти монанд аз рӯйи намунаи муайян [91, 147]. С.И. Архангелский ва В.П. Беспалко чор сатҳи маърифати илмиро ҳамчун чор зинаи рушди зеҳнии хонандагон дар раванди таълим муайян кардаанд [10, 26]. С.И. Архангелский ин сатҳҳоро чунин муайян кардааст: 1) корбасти тасаввурот ва омӯзиши аломатҳо; 2) корбасти мафҳумҳо ва робитаҳои мантиқӣ; 3) ҷамъбасти аломатҳо, тасаввурот ва мафҳумҳо, тасаввуроти инвариативӣ ва изоморфӣ; 4) корбасти озодонаи мафҳумҳову рамзҳои илмии таҷридӣ. Чор сатҳе, ки В.П. Беспалко муқаррар кардааст:

1) возеҳият - таълимгиранда аввалин бор бо маводи таълим шинос шуда, навии он ва аломатҳои фарқкунандаро дарк менамояд, муқаррароти асосии фанро мефаҳмад;

2) ассотсиатсия - таълимгиранда маълумоти навро бо донишҳои худ алоқаманд карда, байни онҳо муносибатҳои зарурро барпо мекунад ва мундариҷаи фанро дарк менамояд;

3) низом - таълимгиранда тамоми қоидаву қонуниятро азхуд карда, маводи таълимро тасаввуро менамояд ва барои истифодаи донишҳо дар амалия тайёр аст;

4) метод - таълимгиранда воситаҳои татбиқи донишҳоро фаро гирифтааст ва зимни машқи минбаъда малакаи дахлдорро ҳосил менамояд [117].

В.П.Беспалко таснифоти зикршударо ҷамъбаст карда, сатҳҳои зерини азхудкуниро пешниҳод намудааст [26, 27]:

1. *Шинохтани* (ҳангоми дарки такрории онҳо) объекту хусусиятҳо, равандҳои соҳаи мазкури падидаҳои воқеият (донишҳо - шиносоиҳо).

2. *Амали репродуктивӣ* (донишҳо-нусхаҳо) бо роҳи такрорҳосилкунии мустақилона ва татбиқи иттилоот дар бораи таҳкурсии қаблан азхудшудаи самтбахшанда барои иҷрои амали маълум.

3. *Амали маҳсулнок* - фаъолият аз рӯйи намуна дар заминаи маҷмӯи муайян объектҳо (донишҳо - маҳорат). Донишҷӯён барои иҷрои амали нав иттилооти нави субъективиро дар раванди тарҳрезии мустақилона ё тағйирдиҳии асоси маълуми самтбахшанда ба даст меоранд.

4. *Амали эҷодӣ*, ки дар маҷмӯи дилхоҳи объектҳо бо роҳи тарҳрезии мустақилонаи асоси нави самтбахшанда барои фаъолият (донишҳо-табдилдиҳиҳо), ки дар раванди он иттилооти нави объективӣ ба даст оварда мешавад.

Зимни лоиҳакашӣ ва тарҳрезии технологияи таълими педагогҳо оид ба фанни «Ҳуқуқ» ба ақидаи мо истифодаи таснифоти тағйирдодаи мо мувофиқи мақсад аст [26,27].

Чор сатҳи азхудкунии маводи таълим фарқ карда мешаванд. Мо мутобиқсозии сатҳҳои мазкурро ба фанни худ бо ворид кардани як сатҳи иловагӣ пешниҳод менамоем.

Сатҳи сифр (фаҳмиш) - сатҳест, ки зимни он донишҷӯ ба фаҳмиш, яъне бошуурона дарк кардани иттилоти барояш нав қобил аст. Аслан онро сатҳи азхудкунии маводи таълим аз рӯйи мавзӯи омӯхташаванда номидан мумкин нест. Сухан дар бораи омодагии пешакии хонанда меравад, ки ба ӯ фаҳмидани маводи навро имкон медиҳад. Шартан фаъолияти таълимгирандаро дар сатҳи сифр «сатҳи фаҳмиш» меноманд. Мо онро ҳамчун донишҳои ҳуқуқии дар таҳсилоти тодонишгоҳи ҳосилшуда муқаррар кардем.

Сатҳи якум (шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ) - донишҳое, ки дар рафти омӯзиши асосҳои фанни «Ҳуқуқ» ташаккул ёфтаанд.

Ин сатҳ ба сатҳи якуми таснифот мувофиқ аст (маърифат): шинохтани объектҳо ва равандҳои омӯхташаванда зимни дарки такрории иттилооти қаблан азхудшуда дар бораи онҳо ё амалиёт бо онҳо, масалан, ҷудо кардани объекти омӯхташаванда аз қатори объектҳои гуногуни пешниҳодшуда [26, 27].

Сатҳи дувум (ҷаҳоншиносии ҳуқуқӣ ва инсонпарварона) - чунин сатҳи азхудкунии фан, ки зимни он донишҷӯ барои мустақилона такрор ва дигаргун кардани иттилооти азхудшуда ҷиҳати баррасии объектҳои маълум ва истифодаи он дар вазъияти гуногуни типӣ (воқеӣ) ва ғайристандартӣ қобил аст. Зимнан донишҷӯ қобил аст, ки дар бораи объектҳои омӯхташаванда ва амалиёт бо онҳо иттилооти барояш нави субъективиро ҳосил намояд. Мисолҳо: таҳлили адабиёти меъёрӣ-ҳуқуқӣ (қонунгузории байналхалқӣ) ва дар ин замина ҳал кардани масъалаҳои ғайриқолабӣ тавассути сатмгирӣ ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд. Метавон гуфт, ки дар сатҳи мазкур донишҷӯ оид ба фанни омӯхташаванда дорои ҷаҳоншиносии худ мебошад. Ин сатҳ ба сатҳи дувум мувофиқ аст, ки шартан «татбиқ» номида шуда, донишҳои асоси онро ташкилдиҳанда «донишҳо-нусхаҳо» мебошанд. Танҳо ба шарти ташаккулёбии ҷаҳоншиносии ҳуқуқӣ дар бораи масъулияти ҳуқуқӣ сухан рондан мумкин аст.

Сатҳи севум (масъулияти ҳуқуқӣ) - такроран зоҳир кардани донишҳои пештар фарогирифта аз нусхаи айнан то корбаст дар вазъияти типӣ. Мисолҳо: такрори иттилоот аз хотир, ҳалли масъалаҳои типӣ (аз рӯйи намунаи пештар азхудшуда). Фаъолияти ин сатҳ ба сатҳи севум мувофиқ аст, ки шартан

«такроркунӣ», донишҳои дар асоси он қарордошта «донишҳо - маҳорат» номида шуданд.

Сатҳи чорум (эҷод) - чунин сатҳи фарогирии маводи таълим, ки зимни он дар донишҷӯ тафаккури эҷодӣ шакл мегирад ва ӯ барои дарёфтан, ҷудо кардани иттилоот ва табдил додани он ба лоиҳаҳои эҷодӣ дар режими ҷустуҷӯи фаъолонаву мустақилона қобил аст. Он ба сатҳи чорум (донишҳо - табдилдиҳиҳо) мувофиқ аст. Дар ин маврид мо сатҳи панҷуми азхудкунии донишҳои ҳуқуқиро ворид мекунем, ки салоҳиятнокии ҳуқуқӣ-касбӣ номида шуд. Ин сатҳи олии салоҳиятнокии касбии педагоги оянда мебошад, ки кирдорҳои ахлоқӣ-ҳуқуқиро дар фазои ҷустуҷӯи фаъолонаву мустақили асоси ҳуқуқии вазъияти фаъолияти касбӣ ва ҳосилкунии иттилооти нави объективӣ кафолат медиҳад.

Ба ғайр аз муқаррар кардани сатҳҳои дархостшавандаи азхудкунии маводи омӯхташаванда омӯзгор бояд дақиқ тасаввур кунад: донишҷӯёне, ки ба омӯзиши масъалаҳои мавзӯъ (модул) оғоз кардаанд, бояд кадом сатҳи донишандӯзиро фаро гиранд. Зери сатҳи ибтидоии донишандӯзӣ дар ин маврид сатҳи азхудкунии донишҳо аз рӯйи мавзӯъҳо ва фанҳои пештара дар назар аст. Муайянкунии сатҳҳои дархостшавандаи маводи омӯхташаванда ба омӯзгор ёрӣ медиҳанд, ки дар ниҳояти кор омодагии мутахассисро бо сифати кафолатдодаи таълим таъмин намояд.

Дар ин ҳолат имконияти тафриқаи донишҳои барои донишҷӯён зарур бо мақсади таҳияи саволҳои назоратии дахлдор ва супоришҳои тестӣ, назорати сифати азхудкунии онҳо фароҳам оварда мешавад.

Ҳамин тавр, таъмини омодагии ҳуқуқии раванди таълиму тарбия дар машғулиятҳои фанни «Ҳуқуқ» бо роҳи амалисозии мақсадноки сатҳҳои азхудкунии мундариҷаи фан барои педагогҳои оянда зимни тарҳрезии технологияҳо, шаклу методҳои фаъоли педагогӣ, бо ҷалб кардани таълими муаммовӣ, ба шахсият нигаронида, инкишофдиҳанда, якҷоя бо методҳои дигари таълими педагогҳои оянда ҷиҳати омодагии онҳо ба фаъолият дар фазои ягонаи бисёрфарҳангӣ амалӣ мешавад.

Истифодаи дидгоҳи системавӣ ба раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқии педагогҳои оянда имкон дод, ки он ҳамчун ташкилаи тому бисёрсатҳ, ҳамчун навъи махсуси фаъолияти педагогӣ баррасӣ шавад, ки тавассути равандҳои гуногуни иҷтимоӣ, психологӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла, шуури ҳуқуқӣ таъмин мегардад. Ташаккули бомуваффақияти шуури ҳуқуқӣ тавассути низом, маҷмӯи методҳо, шаклҳои ташкилӣ ва воситаҳои таълим, низоми супоришҳои эҷодӣ муяссар мешавад, ки тафаккури эҷодӣ, дарки донишҳои гирифтаро ташаккул медиҳад, ки ба сифати омодагии ҳуқуқии донишҷӯён таъсир мерасонад. Барои он, ки чунин низом самаранок гардад, он бояд пурра, кофӣ бошад, яъне он бояд азхудкунии тамоми сатҳҳои донишҳои ҳуқуқиро таъмин намояд, ҳамчунин ояндадор бошад, ба он маънӣ, ки он бояд аз ҷониби донишҷӯён азхудкунии сатҳи баландтари рушд ва ангезишро барои такмили донишҳои ҳуқуқӣ-касбӣ дар тӯли зиндагӣ таъмин намояд; ба ғайр аз ин, низоми зикршуда бояд хусусиятҳои инфиродии ҳар як донишҷӯ ва хусусияти шароити мушаххаси таълимро ба инобат гирад.

Мақсади асосии раванди таълиму тарбия зимни омодагии ҳуқуқии педагоги оянда - ташаккули ҷаҳоншиносии ҳуқуқӣ ва инсонпарварона, шуури ҳуқуқӣ ва масъулияти ҳуқуқӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ мебошад.

Бо назардошти ин, самтгирии ҳуқуқӣ-касбии раванди таълиму тарбия - тамоюли мақсаду вазифаҳо, мундариҷа, шаклу методҳои таълими омӯзгорони оянда ба амалисозии вазифаи мувофиқати сабти касби онҳо дар фаъолияти касбӣ мебошад.

Таълими комплексии проблемавӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки донишҷӯён - омӯзгорони оянда фанҳои таълимии якчанд соҳаҳои илмро меомӯзанд ва дар тамоми навъҳои машғулияти таълимӣ аз лиҳози сарфи вақт сарбории зиёд доранд. Проблемавӣ будани мундариҷаи машғулиятҳо аз интихоби масъалаҳои мубрами педагогика ва ҳуқуқшиносии муосир барои мундариҷаи машғулиятҳо иборат аст. Мавқеи фаъоли донишҷӯёни ихтисоси педагогӣ шарти ҳатмии самаранокии раванди таълими ҳуқуқӣ мебошад.

Ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва баланд кардани сатҳи он танҳо дар фаъолияти пурғайрат, ҷустуҷӯи мустақилонаи иттилооти илмӣ-оммавӣ аз рӯйи мавзӯъҳои барномаи таълим имконпазир аст, ки вазъияти касбӣ-педагогиро амсиласозӣ карда, ҷустуҷӯи фаъолона, мустақилона ва такмили доимии донишҳои ҳуқуқиро дар касби оянда таҳрик медиҳад.

Назардошту истифодаи технологияи таълими пешгузаранда ба таҳрики эҳтиёҷ ба раванди фарогирии донишҳои нав, методҳои муосири кори педагогӣ, тарзҳои ташкили самаранок ва маҳорати касбӣ равона шудааст. Технологияи таълими пешгузаранда, ки бояд на танҳо эҳтиёҷро ба донишҳои ҳуқуқӣ таъмин намоянд, балки самтҳои ҷустуҷӯи мустақилонаи донишҳоро дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ошкор созанд, аз педагоги оянда муайян кардани дурнамои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва мавқеи онро дар фаъолияти ташкилӣ-педагогии мутахассисон (омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ) тақозо менамоянд. Барои ин дар раванди таълим васеъ татбиқ кардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи педагогикаи ҳуқуқии таҳсилоти касбӣ, ҳамчунин педагогикаи умумӣ, дидактика, психология ва ғайра зарур аст.

Барои амалисозии таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар донишгоҳи олии педагогӣ шароити педагогие бояд фароҳам оварда шаванд, ки дар ташаккули фазои ҳуқуқии донишгоҳ ифода меёбад. Чунин муҳити таҳсилот бо низоми амалишавандаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ робитаи мутақобил дошта, низоми тадбирҳо ва чорабиниҳои самташон ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд: бунёди мақомоти воқеан амалкунанда ва интихобшавандаи худидоракунии донишҷӯӣ ва илмию педагогӣ, лоиҳаҳои оид ба муаммоҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои таълимӣ, лексияҳои оммавӣ ва дарсҳои устодии (мастер-класс) ҳуқуқшиносони корозмо, ҳафта ва даҳаҳои ҳуқуқ, иқдомҳои самташон ҳуқуқӣ ва ватанпарварона, лоиҳаҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ, машваратҳои ҳуқуқӣ барои иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқӣ. Дар доираи фазои ҳуқуқии донишгоҳ ҳар як субъекти раванди таҳсилот на танҳо аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ огоҳ мешавад, балки мебинад, ки онҳо воқеан амал мекунанд, ҳамчунин мавқеи

фаъолонаи шаҳрвандиро ташаккул дода, зоҳир карда метавонад, ҳуқуқҳои худро дар доираи муассисаи таълимӣ ҳимоя мекунад.

Дар натиҷаи татбиқи маҷмӯи тадбирҳо оид ба таълиму тарбияи ҳуқуқии хатмкунандагони донишгоҳи педагогӣ салоҳиятнокии ҳуқуқӣ ташаккул хоҳад ёфт, ки кори минбаъдаи мустақилонаро ҷиҳати такмили доимӣ тақозо менамояд. Ба ин вазъият мактабе, ки мутахассиси ҷавон ба он меояд, бояд мусоидат намояд ва дар ин ҷо низ фазои ҳуқуқӣ ташаккул ёбад, ки унсурҳои зикршудаи муҳити ҳуқуқии донишгоҳ, ҳамчунин доираи васеътари чорабиниҳои ба барномаи мактабии тарбияи ҳуқуқӣ воридшударо фаро гирад.

Дар марҳалаи таълими донишгоҳӣ салоҳиятнокии ҳуқуқиро ташаккул метавон дод, аммо дар ин маврид воситаҳои таълими ҳуқуқии назариявӣ нокифоя мебошанд, пайвастшавии пурраи педагоги оянда ба раванди тарбияи ҳуқуқӣ зарур аст, ки бо фазои ҳуқуқии дар донишгоҳи педагогӣ ва сипас дар мактаб фароҳамоварда робитаи мутақобил дорад. Фақат дар сурати амалисозии дидгоҳи комплексии мазкур нисбат ба ташаккули салоҳиятҳои ҳуқуқӣ воридшавии мукаммали педагог ба раванди таҳсилот ҳамчун мутахассиси аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва меъёрӣ босалоҳияте имконпазир мегардад, ки барои фаъолияти касбӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф қобил буда, арзиш ва нақши ҳуқуқро дар ҳаёти ҷомеа дарк менамояд. Вобаста ба ин, коркарди барномаи марҳала ба марҳалаи таълиму тарбияи ҳуқуқии педагоги оянда зарур аст, ки дар шароити ҳама гуна донишгоҳи олии педагогӣ татбиқшаванда буда, тарҳрезии фазои ҳуқуқиро дар дохили донишгоҳ пешбинӣ менамояд, ки ба фаъолияти он тамоми донишҷӯён - педагогҳои оянда ҷалб мешаванд.

Дар барномаи кории фанни «Ҳуқуқ» вазифаи бунёди пойгоҳи ҳуқуқӣ барои омӯзиши фанҳои минбаъдаи нақшаи таълими ихтисос, ҳамчунин таъмини амалисозии самтҳои зикршуда дар асоси робитаҳои баёнифаннӣ дар маҷрои талаботи ягонаи таълимӣ-педагогӣ нисбат ба мундариҷа ва методҳои таълими педагогҳои оянда, ҳамкории омӯзгорони фанҳои гуногун зимни ҳосилкунии технологияи ягонаи таълимии омодагӣ аз рӯйи ихтисос, ҷорикунии

технологияҳои педагогии инноватсионӣ ва иттилоотӣ барои ҳамоҳангсозии онҳо ба миён гузошта мешавад. Ҳамчунин ҳамгироии донишҳои касбӣ дар чорабиниҳои таълимӣ бо ёрии воситаҳои зеҳнии методологияи эҷод - конференсияҳои илмӣ, семинарҳои илмӣ, корҳои эҷодии илмӣ, коллективӣ, инфиродии донишҷӯён ва ғайра муҳим аст.

Бо ин мақсад дар таҳқиқоти мо методҳо, шаклу воситаҳои педагогии ташаккули шуури ҳуқуқии педагогҳои оянда ошкор гардида, низоми супоришҳои эҷодӣ ва ғайра коркард шуданд. Мундариҷаи онҳоро пайгирона шарҳ медиҳем.

Амалисозии асосҳои педагогӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди таълим барои донишҷӯён - педагогҳои оянда тавассути методҳои гуногун сурат мегирад.

Методи таълимро ҳамчун категорияи дидактикӣ муайян мекунем, ки дар бораи низоми меъёрҳои фаъолияти ҳамбастаи омӯзгор ва донишҷӯён тасаввурот медиҳад. Дар рафти он ташкилу танзими фаъолияти донишҷӯён амалӣ мешавад, ки аз ҷониби онҳо азхуд шудани мундариҷаи таълимро дар сатҳи дархостшаванда таъмин менамояд. Ҳар яке аз методҳои таълим фаъолияти омӯзгорро пешбинӣ намуда, амалҳои мувофиқи донишҷӯёнро зикр менамояд. И.Я.Лернер нишон додааст, ки панҷ методи умумии дидактикӣ вуҷуд доранд: иттилоотӣ-ретсептивӣ, репродуктивӣ, баёни муаммовӣ, эвристӣ ва таҳқиқотӣ. Онҳо тамоми маҷмӯи имконпазири амалҳои педагогии таъсироти мутақобили омӯзгор ва донишҷӯёнро фаро гирифта, нақшаи умумии фаъолияти таълимиро пешбинӣ мекунанд [91]. Ба методҳои таълими проблемавӣ методҳои баёни проблемавӣ, эвристӣ ва таҳқиқотӣ мансубанд [135].

Бо методҳои таълими проблемавӣ мафҳуми «эҷод» зич алоқаманд аст. Эҷод раванди аз ҷониби инсон офаридани чизҳои объективӣ ё субъективӣ нав тавассути амалиёти махсус, зеҳнӣ мебошад, ки ҳамчун низомҳои дақиқ тавсифшаванда ва алгоритмии амалиёт тасаввур кардан ғайриимкон аст [49]. Ба

чунин амалиёт, ки мундариҷаи таҷрибаи фаъолияти эҷодиро ташкил медиҳанд ва онро бояд донишҷӯ азхуд намояд, инҳо мансубанд:

- интиқоли мустақилонаи донишу маҳорати пештар азхудшуда ба вазъияти нав, ки бо ҳалли муаммои барои субъект нав алоқаманд аст;

- биниши муаммои нав дар вазъияти шинос, вақте ки он возеҳ нест ё кушод ифода нашудааст;

- биниши сохтори объект, яъне унсурҳои он ва робитаҳои байни онҳо;

- назардошти алтернативаҳо зимни ҳалли муаммо, яъне дидани ҳалҳои гуногуни имконпазири он, мавҷудияти омилҳои ихтилофнок;

- якҷоякунӣ ва дигаргунсозии воситаҳои пештар маълуми фаъолият зимни ҳалли муаммои нав;

- инкори ҳама гуна воситаҳои маълум ва бунёди дидгоҳи усулан нав [135].

Амалиёти зикршуда, ки мундариҷаи таҷрибаи фаъолияти эҷодиро ташкил медиҳанд, бо роҳи такрори донишҳо дар бораи онҳо ё фаъолияти намоишдода, яъне тариқи такрористеҳсол алгоритмӣ ва азхуд кардан ғайриимкон аст. Аз ин ҷо бармеояд, ки сохторҳои психологии шахсият, ки барои эҷод заруранд, танҳо дар раванди худи фаъолияти ҷустуҷӯӣ зимни ҳалли вазифаҳои эҷодӣ ба вуҷуд меоянд. Таҳрики чунин фаъолият мушкилоти аз ҷониби донишҷӯён даркшуда мебошад, ки бартараф кардани он аз ӯ кӯшишҳои шахсӣ ва ҷустуҷӯи эҷодии донишҳо ва воситаҳои пештар номаълуми амалро тақозо менамояд. Мавҷудияти ин омилҳо инсонро ба ҳолати махсуси психологӣ мерасонад, ки ба он хоҳиши бартараф кардани мушкилот хос мебошад. Дар ин ҳолат оид ба мавҷудияти вазъияти проблемавӣ сухан меравад. Онро субъект мепазирад ё намепазирад.

Шарти пазируфтани вазъияти проблемавӣ аз ҷониби субъект мавҷудияти маводи ибтидоӣ (таҷрибаи пештар андӯхта) барои ҷустуҷӯи донишу маҳоратест, ки барои ӯ ҷиҳати бартараф кардани мушкилот заруранд. Агар чунин иқтидор вуҷуд дошта бошад, вазъияти проблемавӣ пазируфта шуда, ба муаммо табдил меёбад. Муаммо бо нишон додани ягон параметрҳои ҳалли он

масъаларо ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, мундариҷаи чунин масъалаест, ки заминаи онро ихтилоф байни маълум ва матлуб аст [21, 135]. Низоми супоришҳои эҷодӣ методикаи тарҳрезии мустақилонаи мавзӯи омӯхташавандаро бо истифодаи технологияҳои компютерӣ дарбар мегирад.

Кори мустақилонаи эҷодии донишҷӯён оид ба баёни маводи омӯхташудаи лексия бояд дар шакли ҳаддалимкон мухтасар, бо корбасти нақшаҳои мантиқӣ дар КШ ва муаррифиҳо тавассути барномаи PowerPoint ва Flash - наворҳо бо истифодаи воситаҳои зеҳнии методологияи эҷодӣ сурат гирад.

Аз рӯйи натиҷаҳои курси омӯхташуда донишҷӯён бояд мустақилона корҳои эҷодиро оид ба таҳияи курси лексионии фанни «Ҳуқуқ» дар шакли PowerPoint - муаррифиҳо ва Flash - наворҳо иҷро намоянд. Мо чунин мешуморем, ки методикаи инноватсионии мазкур имкон медиҳад, ки якчанд ҷузъ муттаҳид шаванд. Онҳо аз нуқтаи назари ангезиш ба таълим ва ҳалли вазъияти проблемавӣ муҳиманд. Якум, донишҷӯён бо қаноатмандӣ дар компютер кор мекунанд; дувум, бо раванди эҷод машғул шуда, ҷиҳатҳои фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯиро ба натиҷа табдил медиҳанд; севум, онҳо худтатбиқшавӣ ва худинкишофдиҳиро анҷом медиҳанд; чорум, донишҳои ҳуқуқии онҳо мустаҳкам гардида, сифати азхудкунии онҳо беҳтар мешавад; панҷум, онҳо масъалаҳои ғайриқолабиро ҳал мекунанд; шашум, онҳо донишҳои дар машғулиятҳо гирифтаро дар рафти ҷамъоварии мавод оид ба воситаҳои ангезиш ба фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯӣ пурра мекунанд. Нуктаҳои зикршуда доираи назари онҳоро васеъ карда, сатҳи малакаҳои эҷодиашон баланд мешавад, шавқу рағбаташон ба фанни омӯхташаванда зиёд мегардад. Бо назардошти ин, сифати омодагии ҳуқуқии донишҷӯён ва сатҳи шуури ҳуқуқии онҳо баланд мешавад ва ташаккули шахсияти эҷодкор, педагоги оянда сурат мегирад, ки мувофиқи амсилаи коркардаи амсилаи мутахассиси типи инноватсионӣ дорои сифатҳои эҷодкории педагоги нававар аст. Мақсади мо аз бунёди технологияи эҷодии таълим оид ба фанни «Ҳуқуқ» мебошад.

Методҳои таълим бо шаклҳои ташкили раванди таълим алоқамандии зич доранд [170]. Дар мактаби олӣ зимни баёни маводи таълим лексия мавқеи

муҳим дорад. Он ба сифати ҳалқаи тамоми силсилаи таълим зоҳир гардида, воситаи баёни маводи назариявии калонҳаҷм мебошад, ки тамомияти дарки онро аз ҷониби таълимгирандагон таъмин менамояд. Лексия бояд оид ба фан асосҳои муназзами донишҳои илмиро диҳад, вазъият ва дурнамои рушди соҳаи дахлдори илмро ошкор намояд, диққати донишҷӯёнро ба масъалаҳои мураккаб ва калидӣ равона созад, фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро таҳрик дода, ба ташаккули тафаккури эҷодии онҳо мусоидат намояд [135].

Мақсадҳои дидактикӣ ва тарбиявии лексия:

- ба донишҷӯён додани донишҳои муосир, яклухту бо ҳам алоқаманд, ки сатҳи онҳоро самтгирии мақсад ба ҳар як мавзӯи мушаххас таъйин мекунад;

- таъмин кардани кори якҷояи эҷодии онҳо бо омӯзгор дар раванди лексия;

- дар донишҷӯён тарбия намудани сифатҳои барои касб муҳим, муҳаббат ба фан ва дар онҳо рушд додани тафаккури мустақилонаи эҷодӣ.

Функсияҳои асосии лексияи донишгоҳӣ чунинанд: маърифатӣ (таълимӣ), инкишофдиҳанда, тарбиявӣ ва созмондиҳанда [64, 182].

Функсияи маърифатии лексия дар таъмини донишҷӯён бо дониши асосҳои илм ва муайянкунии роҳҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки ҳалли вазифаҳои амалӣ ва муаммоҳо ифода меёбад. Зимнан тамоми маводи таълим бо суханони зинда бо воситаҳои водоркунанда интиқол дода мешавад. Дар чунин муоширати лектор бо аудитория дараҷаи фаҳмишу азхудкунии мавод ошкор мегардад, ки баёни он пурра карда шуда, тағйир меёбад ва бо назардошти хусусиятҳои донишҷӯён ва вокуниши онҳо инфиродӣ мегардад.

Функсияи инкишофдиҳандаи лексия аз он иборат аст, ки дар раванди интиқоли донишҳо он донишҷӯёнро на ба хотир, балки тафаккур равона месозад, ба тарзи илмӣ фикр ронданро меомӯзонад, ки барои фаъолгардони фаъолияти маърифатии онҳо шароит фароҳам меорад [170].

Функсияи тарбиявии лексия дар он ҳолат амалӣ мешавад, ки агар мундариҷаи он бо чунин мавод пур аст, ки на танҳо ба зеҳни донишҷӯён, балки ба ҳиссиёту иродаи онҳо таъсир мерасонад. Бо ин ягонагии таълиму тарбия дар

рафти раванди педагогӣ таъмин мегардад. Лексияҳоро ба тарбияи касбӣ равона карда, зимнан роҳҳои ҳалли ин ё он масъалаи амалиро дақиқ ифода бояд кард, ки педагог дар оянда рӯбарӯ хоҳад шуд.

Таъсири тарбиявӣ дар раванди лексия дорои ҷанбаъҳое, мисли эътибори омӯзгор, муносибати аудитория ба шахсияти ӯ, фанни таълимдиҳанда ӯ мебошад.

Функсияи созмондиҳандаи лексия пеш аз ҳама, идоракунии кори мустақилонаи донишҷӯёнро ҳам дар раванди лексия, ҳам дар соатҳои худомодагӣ пешбинӣ менамояд. Ин функсияро омӯзгор бошуурона зимни хондани лексияҳои муқаддимавӣ ва мухтасар, ҳамчунин лексияҳо оид ба мавзӯъҳое тақвият медиҳад, ки баъди онҳо семинарҳо ва машғулиятҳо пешбинӣ шудааст. Дар ин маврид лектор донишҷӯёнро барои кор бо адабиёти дар барнома зикршуда ҳидоят карда, дар бораи манбаъҳои нав иттилоот медиҳад. Ӯ диққати донишҷӯёнро ба он равона мекунад, ки чиҳоро бояд омӯхт ва бо ҳам муқоиса намояд [49, 135].

Талаботи асосӣ ба лексияҳои муосир илмият, дастрасӣ, ягонагии шаклу мундариҷа, эмотсионалӣ будани баён, робитаи органикӣ бо навъҳои дигари машғулияти таълимӣ, амалияи ҳаёти ҳаррӯза мебошанд.

Ба дастрасии лексия, дарку азхудкунии мавод аз ҷониби таълимгирандагон аҳамият бояд дод, зеро дар ниҳояти кор мақсади асосии марҳалаи лексионии таълим аз ҳамин иборат аст.

Дар лексия чизи асосӣ - фикр, мантиқ, маҳорати нишон додани ҷиҳати ҷолиби масъалаи баёншаванда, ифодаҳои мухтасар, дақиқ ва хотирмон, ноил шудан ба авҷи энергияи зеҳнии донишҷӯён, ба ҳаракат даровардани фикри онҳо аз паси андешаи лектор, ноил гардидан ба вокуниши ҷавобии фикрӣ мебошад. Дар ин ҳолат ба хотиргирии ғайриихтиёрӣ низ таъмин мешавад. Лексия бояд донишҷӯёнро ба мулоҳизаронӣ водор намуда, самти кори мустақилонаро муайян мекунад [49, 167].

Лексияи таълимӣ дар донишгоҳ дорои сохтори дақиқ ва қатъӣ мебошад. Таърихан чунин шудааст, ки лексия маъмулан аз се қисм иборат аст: муқаддима, баён (қисми асосӣ) ва хулоса.

Муқаддима мавзӯъ, нақша ва мақсади лексияро таъйин мекунад. Он бояд аудиторияро шавқманд гардонад, асоснок намояд, ки мавзӯи лексия ва мубрамии он, ғояи асосӣ (муаммо, масъалаи марказӣ) дар чист, ҳамчунин робита бо машғулиятҳои пештара ва минбаъда, масъалаҳои асосӣ кадом аст. Муқаддима бояд мухтасар ва мақсаднок бошад.

Баёни мундарича қисми асосии лексия аст, ки дар он мундаричаи илмии мавзӯъ амалӣ мешавад, тамоми низоми далелҳо аз рӯйи масъалаҳои асосӣ бо истифодаи воситаҳои методии ба мақсад мувофиқ оварда мешавад.

Дар рафти баён тамоми шаклу воситаҳои мулоҳизаронӣ, далелҳо ва исботҳо татбиқ мешаванд. Ҳар як масъала бо хулосаҳои кӯтоҳ анҷом меёбад, ки донишҷӯёнро мантиқан ба масъалаи дигари лексия наздик мекунанд.

Хулоса дар ифодаҳои мухтасар ғояҳои асосии лексия ҷамъбаст гардида, онро мантиқан ба анҷом мерасонад. Дар он тавсияҳоро оид ба тартиби омӯзиши мустақилонаи минбаъдаи масъалаҳои асосии лексия аз рӯйи адабиёти зикршуда ҷойгир кардан мумкин аст.

Омодасозии лексия - раванди интихоб ва тарҳрезии мундаричаи маводи таълимӣ, тақсими он аз рӯйи вақт, андешидани мантиқи тарҳрезии лексия, ҷудо кардани лаҳзаҳои муҳимтарин аз тамоми маводест, ки бояд баён гардад.

Дар мувофиқат бо талаботи муосир нисбат ба таълим методи асосӣ дар лексия методи баёни проблемавӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар бораи лексияи проблемавӣ сухан меронанд. Агар дар лексияи анъанавии донишгоҳӣ асосан тавзеҳ, намоиш, тасвир, овардани мисолҳо истифода шаванд, дар лексияи проблемавӣ - таҳлили ҳаматарафаи падидаҳо, ҷустуҷӯи илмии ҳақиқат ба кор мераванд. Лексияи проблемавӣ ба мантиқи вазъияти пайдарпай тарҳрезишавандаи проблемавӣ тавассути гузориши масъалаҳо ё пешниҳоди вазифаҳои проблемавӣ такя мекунад. Лексияи проблемавӣ фаъолияти маърифатии фаъолонаи донишҷӯёнро тақозо менамояд [135].

Лексияи проблемавӣ вазъияти проблемавӣ, саволҳои проблемавӣ ва масъалаҳои проблемавиро дарбар мегирад. Саволи проблемавӣ ихтилофи диалектикиро фаро мегирад ва барои ҳал на такроран баён кардани донишҳои маълум, балки мулоҳизаронӣ, муқоиса, ҷустуҷӯ, андӯхтани донишҳои нав ё татбиқи донишҳои пештар азхудшударо тақозо мекунад. Масъалаи проблемавӣ бар хилофи саволи проблемавӣ иттилооти нави иловагӣ ва дар сурати зарурат баъзе роҳнамоҳои ҷустуҷӯи ҳалли онро фаро мегирад. Мафҳуми «саволи проблемавӣ» ва «масъалаи проблемавӣ» шартан фарқ карда мешаванд, зеро саволҳои проблемавӣ метавонанд ба масъалаҳо табдил ёбанд, масъалаҳо бошанд, ба саволҳо ва зерсаволҳо тақсим шуда метавонанд [135].

Сатҳи мураккабӣ, характери проблемаҳо ба омодагии донишҷӯён, мавзӯи омӯхташаванда ва ҳолатҳои дигар вобастаанд.

Дар лексия ҳалли масъалаҳои проблемавӣ ва ҷавоб доданро ба саволҳои проблемавӣ омӯзгор амалӣ менамояд (баъзан бо ёрии донишҷӯён тавассути ташкили мубодилаи афкор).

Зимнан омӯзгор на танҳо ихтилофро ҳал мекунад, балки мантиқ, методика, воситаҳои фаъолияти зеҳниро нишон медиҳад, ки аз методи диалектикии маърифати падидаҳои мураккаб бармеояд.

Ҳамин тавр, дар лексияи проблемавӣ донишҷӯён дар раванди доимии «ҳамтафаккурӣ» бо лектор қарор доранд. Ҷиҳатҳои мусбати лексияи проблемавиро қайд мекунем:

1) донишҳое, ки бо ин роҳ азхуд мешаванд, дастоварди донишҷӯён, яъне ба андозаи муайяне донишҳо - ақидаҳо мебошанд;

2) донишҳои фаъолона азхудшуда амиқтар дар хотир нигоҳ дошта шуда, осон татбиқ мешаванд, бештар тағйирпазир буда, дорои хосияти интиқол ёфтан ба вазъияти дигар мебошанд (таъсири рушди тафаккури эҷодӣ);

3) ҳалли масъалаҳои проблемавӣ навъе машқдиҳандаи инкишофи зеҳн (таъсири инкишофдиҳанда) аст;

4) чунин навъи лексия шавқу рағбатро ба мундариҷаи азхудшаванда баланд карда, омодагии касбиро тақвият медиҳад (таъсири омодагии психологӣ ба фаъолияти касбии оянда).

Ҳалқаи марказии технологияи педагогии коркардшуда лексияҳои проблемавӣ ва машғулиятҳои амалию эҷодиянд. Машғулиятҳои амалӣ супоришҳои эҷодиро дарбар мегиранд, ки барои рушди тафаккури эҷодӣ аҳамияти пойгоҳӣ дошта, донишҳои муназзаме медиҳанд, ки ба ташаккули маҳорати ҳалли вариантҳои вазъияти ҳуқуқии назариявӣ ва амалӣ равона шудаанд.

Кори эҷодии донишҷӯёнро дар машғулиятҳои амалӣ ҳамчун сатҳҳои бо ҳам алоқаманди зерин пешниҳод метавон кард:

1. Шиносоӣ бо мавзӯъ ва маводи таълимӣ-методӣ аз рӯйи мавзӯъ (манбаъҳо: модули ҳуқуқии маълумотдиҳӣ-иттилоотӣ, ҷустуҷӯи инфиродӣ ва фаъолияти коллективии ҷустуҷӯӣ, маводи лексионӣ ва ғ.).

2. Баррасии тезисҳои рефератҳо, диспутҳо, мавзӯъҳо-экспрессҳо, мубоҳисаҳо, шаклҳои дигари мубодилаи донишҳо, ки самтҳои мафҳумии навро ташаккул дода, иттилооти мавҷударо татбиқ мекунанд.

3. Ҷамъбасти маводи пешниҳодшуда ва оғози марҳалаи мураккабтари кор бо мавзӯъ: муайянкунии моҳияти муаммо, шаклгирии мантиқи мафҳумҳои калидӣ, хулосаҳо.

4. Кори лоиҳавӣ; ҷустуҷӯи ғояҳои нави илмӣ оид ба мавзӯи баррасишаванда, тавсияҳои методӣ, ташаббус ва иқдомҳо.

5. Баррасии нақшаҳои гуногуни вариативии татбиқи амалии хулосаҳои назариявӣ.

Дар ниҳояти кор чунин вазифаҳо иҷро мешаванд: баромадан ба сатҳи талаботи муосир нисбат ба донишҳои ҳуқуқӣ: шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва иҷрокунандагӣ, масъулияти ҳуқуқӣ, ҷаҳоншиносии ҳуқуқӣ ва инсонпарварона, тафаккури эҷодӣ ва салоҳиятнокии ҳуқуқӣ-касбӣ.

Истифодаи маҷмӯи зикршудаи шаклҳои ташкилӣ, восита ва методҳои хароҷоти иловагиро талаб намекунанд, вақти таълимро сарфа мекунанд, ба

донишҷӯён имкон медиҳанд, ки маводро босифат, дар муҳлати камтарин азхуд намоянд, тафаккури эҷодии онҳоро инкишоф дода, сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва дарки донишҳои гирифтаро баланд мебардоранд.




**Расми 5. Низоми ичрои супоришҳои мураккабшавандаи эҷодӣ аз ҷониби донишҷӯён - омӯзгорони оянда**

Таҳлили технологияҳои пешбарро, ки дар фаъолияти педагогии мактаби олӣ истифода мешаванд (анъанавӣ; ба шахсият нигаронида; ҳамгирошуда; таълими проблемавӣ; рушди эҷодии шахсият; иттилоотӣ-компютерӣ) ва ҷамъбасти таҷрибаи онҳоро анҷом дода, мо ба хулоса расидем, ки тамоми технологияҳои зикршударо пайдарпай дар раванди таълиму тарбияи фанни «Ҳуқуқ» вобаста ба вазъияти педагогӣ (мавзӯъҳои мушаххаси лексия, машғулиятҳои амалӣ, таҳлили кори мустақилона ва ғ.) истифода бояд кард. Дар ин замина мо композитсияи технологиро барои ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии омӯзгорони оянда коркард намуда, аз санҷиш гузаронидем ва барои корбаст пешниҳод менамоем. Технологияи мо сохтори композитсионии инноватсионӣ мебошад, ки дар заминаи технологияҳои мавҷудаи педагогӣ коркард шудааст.

## Хулосаҳои боби якум

Таҳлили асосҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён ба як қатор хулосаҳо мерасонад:

1. Шуури ҳуқуқии донишҷӯён - тавсифи мураккаби ҳамгирои шахсият, ки огоҳии ҳуқуқӣ, дарки бошууронаи таҷрибаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, омодагӣ ва қобилияти тарҳрезии рафтори иҷтимоӣ-касбии худ дар мувофиқат бо меъёрҳои ҳуқуқ, қобилияти худбаҳодиҳии ахлоқӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳаётии худро инъикос менамояд.

2. Бо назардошти сифатҳои асосии шахсияти инсон, яъне муносибат, ангезаҳо, зеҳн, соҳаи эмотсионалӣ-иродавии ӯ шуури ҳуқуқии донишҷӯ ҳамчун сохтори шахсият муайян карда шуд, ки донишҳои ҳуқуқӣ, муносибати арзишӣ ба ҳуқуқ, маҳорати тарҳрезии рафторро дар мувофиқат бо ҳуқуқи амалкунанда фаро гирифта, ҷузъҳои когнитивӣ, баҳодиҳӣ - эмотсионалӣ, рафториро дар соҳаи ҳуқуқ, татбиқи он дар вазъияти ҳуқуқӣ, ҳаёти рӯзмарра ва фаъолияти касбӣ дарбар мегирад.

3. Сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён нишондиҳандаи калонтарини инкишофи шахсият ва натиҷабахшии раванди таълиму тарбия дар мактаби олӣ мебошад. Шуури ҳуқуқии донишҷӯён ҳамчун ташкилаи барои шахсият муҳим донишҳои ҳуқуқӣ, муносибати арзишӣ ба ҳуқуқ, маҳорати тарҳрезии рафторро мувофиқи ҳуқуқӣ амалкунанда таҷассум намуда, ба иҷтимоишавии ҳуқуқии ӯ мусоидат менамояд.

4. Сохтори шуури ҳуқуқӣ чунин ҷузъҳоро дарбар мегирад: когнитивӣ, баҳодиҳӣ - эмотсионалӣ, рафторӣ.

Ҷузъҳо ҳамдигарро пурра карда, ноилшавиро ба натиҷаи ниҳоӣ дар намуди сатҳи ташаккулёфтаи шуури ҳуқуқӣ таъмин менамоянд.

Сатҳи шуури ҳуқуқӣ вобаста ба дараҷаи зоҳиршавии нишондиҳандаҳои он ба баланд, миёна, паст тақсим мешавад.

5. Масъалаҳои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён ҳамчун аъзои ҷомеа ва омӯзгорони оянда таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунанд. Самтҳои меҳварии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯёнро дар раванди таълими донишгоҳӣ дар намуди се мавқеи ҳаётӣ баррасӣ метавон кард: Ман - шахсият, Ман - шаҳрванд, Ман - мутахассиси кордон.

6. Муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён на танҳо аз гирифтани донишҳои ҳуқуқӣ ва самтгирӣ ба ҳуқуқ, балки фарогирии маҳорату малакаҳои кор иборат аст. Вобаста ба ин, зарурати коркарди мундариҷаи маводи таълим барои ихтисоси муайян, бо назардошти самтгирии амалии он ба шарти кори якҷояи омӯзгорони фанни ҳуқуқ ва омӯзгорони фанҳои ихтисос ба миён меояд.

Шуури ҳуқуқии ташаккулёфта ба шаклгирии муносибати муайян ба касби оянда, фаҳмиши масъулият барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи меҳнат мусоидат менамояд.

7. Бинобар ин, бо назардошти талаботи муосири иҷтимоӣ мактаби олӣ бояд шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаро ҳамчун сохтори ҷудонашавандаи шахсиятӣ баррасӣ карда, ба такмили он мусоидат намояд. Воситаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён таҳсилоти ҳуқуқӣ мебошад, ки ба қисми ҳатмӣ ва зарури омодагии касбии мутахассиси оянда мансуб бояд донист.

## БОБИ 2. РОҲУ ВОСИТАҲОИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ШАРОИТИ МАКТАБИ ОЛӢ

### 2.1. Амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда

Амсила шакли куллии донишҳо дар бораи олами атроф, як навъ муодили иттилоотии объект аст, ки бо мақсади муайян сохта шудааст.

Зери мафҳуми амсила (модель, аз лот. modulus - андоза, намуна, меъёр) ба маънои васеъ ҳамчун ҳаммонанд, «ҷойнишини асл» (порчаи воқеият) фаҳмида мешавад, ки зимни шароити муайян хосиятҳои барои муҳаққиқ ҷолиби аслро такрор менамояд.

Истилоҳи «модел»-ро Г.Лейбнитс, файласуф, математик, физик, забоншинос ворид кардааст, ки лоиҳаҳои инкишофи таҳсилот ва идоракунии давлатиро дар Россия коркард намудааст.

Таърифи В.А.Леванский ба истилоҳи мазкур чунин аст: «Зери мафҳуми модел мо дониши осонкарда, агар ҷоиз бошад, бастабандӣ шударо мефаҳмем, ки ҳомили иттилооти муайян, маҳдуд дар бораи предмет (падида) аст, ки хусусиятҳои алоҳидаи онро инъикос менамояд. Моделро ҳамчун шакли махсуси рамзбандии иттилоот баррасӣ бояд кард. Бар хилофи рамзбандии муқаррарӣ, вақте ки тамоми иттилооти ибтидоӣ маълум аст ва мо онро танҳо ба забони дигар тарҷума мекунем, модел новобаста ба забони дар он истифодашуда, иттилоотеро низ рамзбандӣ мекунад, ки одамон пештар намедонистанд. Метавон гуфт, ки модел дониши имконпазирро ғунҷоиш додааст, ки инсон тавассути таҳқиқи он ба даст оварда, аёнӣ мегардонад ва амалан барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҳаётиаш истифода бурда метавонад [88].

Зери модел психологҳо ва педагогҳои муосир «ҳаммонанди порча муайяни воқеияти табиӣ ё иҷтимоӣ»; «низоми фикран тасаввуршаванда ё ба таври моддӣ татбиқшуда, ки объекти таҳқиқотро (табиӣ ё иҷтимоӣ) инъикос ё такрор менамояд ва онро тавре иваз карда метавонад, ки омӯзиши модел ба мо дар бораи ин объект иттилооти нав медиҳад» [22, 56].

Методи ноилшавӣ ба мақсади асосии таҳсилоти ҳуқуқӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ - ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии омӯзгорони oянда - коркарди амсила аст, ки муносибати комплексӣ ва тафриқавиро ба масъалаҳои ташкили таълиму тарбияи омӯзгорони оянда, назаррас баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқии онҳоро имкон медиҳад.

Барои сохтани амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ фактеро ба назар гирифтан зарур аст, ки амсила қисми амсилаи умумии соҳаи касби мутахассис буда, аз ду ҷузъи бо ҳам алоқаманд мебошад: амсилаи фаъолият ва амсилаи омодагӣ. Дар таҳқиқоти назариявӣ дар соҳаи тарҳрезии амсилаи мутахассис (Е.Э. Смирнова, Р.Е. Горбатова, Н.Ф. Тализина ва диг.) педагогҳо ва ҷомеашиносон қайд кардаанд, ки амсилаи мутахассис «маҷмӯи муайяни талабот, ки амалия ба хатмкунанда пеш меорад ва бояд дар раванди таълим инъикоси дахлдор ёбанд» [171, 36, 185]. Зимнан амсиласозӣ «на танҳо параметрҳои инвариативӣ, идеалишудаи шахсият, фаъолияти касбии мутахассисро, балки раванди ташаккули ӯро ошкор месозад».

Мо бо Е.Э.Смирнова ҳамфикрем, ки ба амсилаи мутахассис зарурати ҳамроҳ кардани тавсифу ҷиҳатҳои гуногунро асоснок менамояд муаммоҳое (вазифаҳо), ки мутахассис бояд иҷро намояд; типҳои фаъолияти ӯ; функсияҳо (уҳдадориҳо); роҳҳои аз ҷониби ӯ ҳал шудани муаммоҳои гуногун. Тавсифҳои зикршуда параметрҳои фаъолияти мутахассисро таъйин мекунанд. Хусусиятҳои донишҳо, маҳорату малакаҳои фаъолият, ҳамчунин сифатҳои шахсият ва самтгириҳо, арзишҳо, ҷаҳоншиносӣ, ки мутахассисро ҳамчун инсон - ҳомили сифатҳои муайяни касбӣ инъикос мекунанд, аз ҷониби мо ба амсилаи омодагии умумиҳуқуқии донишҷӯён ворид карда шуданд [151].

Амсилаи мазкур ба амсилаи фаъолияти ҳаётии ояндаи донишҷӯи мактаби олии педагогӣ ва талабот ба сифатҳои шахсият такя мекунад, ки омӯзгори оянда бояд ба онҳо мувофиқ бошад. Ба ғайр аз ин, он дар асоси мундариҷаву сохтори шуури ҳуқуқӣ, мақсадҳои инноватсионӣ ва мундариҷаи таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда, мундариҷаву сохтори раванди таълиму тарбияи омодагии умумиҳуқуқии донишҷӯён коркард шуд, ки дар доираи фанни

«Ҳуқуқ», ҳамчунин воситаҳо, методу шартҳои натиҷабахшии воридкунии амсилаи мазкур, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда амалӣ гардид.

Чунонки В.В.Мишенко қайд кардааст, таҳсилот ҳамчун қисми фарҳанг аз як тараф, он ва донишҷӯро ғизо медиҳад, аз тарафи дигар - ба ҳифзу рушди он тавассути шахсияти донишҷӯ таъсир мерасонад. Мувофиқи дидгоҳи фарҳангшиносона, ки мақсадҳои асосии он тақвияти ядрои инсонпарварии таҳсилот аст, фаҳмиши рушди шахсият ҳамчун раванд ва натиҷаи таъсироти мутақобили он бо муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ баррасӣ мешавад, фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун нишонаи ҷамъиятии давлати ҳуқуқбунёд дар айни замон дар ҷанбаи шахсӣ зоҳир гардида, ба соҳаи фаъолияти касбии педагог равона шуда метавонад [104].

Инкишофи фарҳанги ҳуқуқии омӯзгори оянда ҳамчун қисми омодагии касбӣ дар тайёр будани ӯ барои дарки дастурҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлат, инкишофи низоми донишҳо, маҳорату малакаҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва фаъолият оид ба худомӯзии ҳуқуқӣ, ҳамчунин дар ташаккулёбии самтгириҳои арзишӣ - ҳуқуқии шахсият зоҳир мегардад [104].

Асоси сохторофаранда ва ҳамгирокунандаи таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди ташаккули шуури ҳуқуқии ӯ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари мо, амсилаи омодагардида мебошад, ки ба сифати асоси гносеологӣ барои таҳлили амиқи раванди мазкур дар донишгоҳ ва пешгӯии самаранокии тағйироти сохтории он хизмат мекунад.

Раванди инсонпарварона намудани таҳсилоти олии педагогӣ тариқи ҳамгирошавии омодагии касбӣ ва иҷтимоию фарҳангии донишҷӯён амалӣ мешавад, ки ба инкишофи сифатҳои шахсии омӯзгори оянда мусоидат менамояд. Яке аз қисмҳои таркибии омодагии иҷтимоию фарҳангӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии педагоги оянда равона гардидааст, омодагии умумиҳуқуқии донишҷӯён мебошад. Омодасозии мазкур дар донишгоҳ донишҷӯёни тамоми ихтисосҳоро, яъне омӯзгорони ояндаи фанҳои

гуногуни мактабиро фаро мегирад, ки дар фаъолияти касбии худ бо кори тарбияи ҳуқуқӣ дар мактаб машғул хоҳанд шуд.

Мувофиқи ақидаи М.В.Мотехина, омодагии ҳуқуқии омӯзгори оянда раванд ва натиҷаи азхудкунии низоми донишҳои ҳуқуқӣ, ташаккули маҳорати асосии касбӣ-ҳуқуқӣ ва инкишофи сифатҳои шахсиятии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои педагог заруранд. Аммо дар мавриди омодагии умумиҳуқуқии донишҷӯёни мактаби олии педагогӣ ба сифати натиҷа ташаккули низоми маҳорату малакаҳои асосиро на дар сатҳи касбӣ, балки «одӣ» (шаҳрвандӣ) инкишоф ёфтани низоми самтгириҳои асосии арзишии ҳуқуқӣ ва сифатҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқии шахсиятро баррасӣ кардан мувофиқи мақсад аст [106].

Вобаста ба ин, ба ақидаи мо, омодагии умумиҳуқуқии донишҷӯёнро ҳамчун раванди рушду ғанӣ гардидани донишҳо, маҳорату малакаҳо, самтгириҳои арзишӣ-ҳуқуқӣ, ҳамчунин фаъолнокии иҷтимоӣ  ва сифатҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқии шахсияти донишҷӯ муайян кардан зарур аст, ки ба иҷтимоишавии самараноки ӯ дар ҷомеа мусоидат мекунанд. Зимнан ба сифатҳои умумиҳуқуқии (шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ) шахсияти омӯзгори оянда, ба ақидаи мо, эҳтиёҷи шахсӣ ва касбии донишҷӯ ба иттилооти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва маҳорати сарфаҳм рафтан ба он, донистани асосҳои қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он, эҳтиёҷу қобилият ба корбасти эҷодии онҳоро дар фаъолияти шахсӣ ва касбӣ ҷиҳати қонеъ гардонидани манфиатҳои «қонунӣ»-и худ ва шогирдони оянда (саводнокӣ ва салоҳиятнокии ҳуқуқӣ) мансуб донистан зарур аст.

Имрӯз сохтору мундаричаи омодагии умумиҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда асосан дар заминаи талаботи Стандарти давлатии таҳсилотии олии касбӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълим, мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълим оид ба фанни «Ҳуқуқ» коркард мешаванд. Тасаввуроти як қатор олимонро (М.В. Кускова, М.В. Мотехина, В.П. Пономарева, В.Н. Циганиш ва диг.) оид ба мундариҷаи омодагии умумиҳуқуқии шахсият ҷамъбаст намуда, ба ҷузъҳои сохтории он донишҳо, маҳорату малакаҳои ҳуқуқӣ, ангезаҳо ва баҳоҳои ҳуқуқӣ, ҳиссиёту ақидаҳои ҳуқуқӣ, рафтори мувофиқ ба ҳуқуқро мансуб донистан мумкин аст [81, 106, 135, 180].

Дар натиҷаи таҳлили мафҳум, сохтор ва мундариҷаи фарҳанги ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгоронии оянда, мафҳуму мундариҷаи омодагии шахсияти педагоги оянда мо барои коркарди амсилаи маҷмӯии ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда имконияти воқеиро ба даст овардем (Расми 6).

Дар нақшаи мазкур мақсади ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯёни донишгоҳи педагогӣ - баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда муайян гардида, ҷузъҳои сохтории амсилаи мазкур - таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар раванди томи таълиму тарбия муқаррар шуданд, ки ба амалисозии таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда равона гардидааст. Воситаи асосии татбиқи амсилаи мазкур - таълими фанни «Ҳуқуқ» дар асоси истифодаи технологияҳои ба шахсият нигаронидаи таълим, методҳои интерактивии таълим дар мактаби олии педагогӣ мебошад. Таълими фанни «Ҳуқуқ» дар донишгоҳҳои педагогӣ зарурати қонеъ гардонидани эҳтиёҷ ба баландшавии сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда ва дар натиҷа, фарҳанги ҳуқуқӣ ва дар онҳо ташаккул додани омодагӣ ба амалисозии тарбияи ҳуқуқии мактаббачагон дар фаъолияти минбаъдаи касбӣ, зарурати татбиқи барномаи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ба миён овардааст.




Расми 6. **Амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда**

Омӯзиши он ба ташаккули фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахсияти омӯзгорони оянда, ҳамчунин азхудкунии воситаҳои татбиқу ҳимояи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунӣ мусоидат менамояд. Таълими «Ҳуқуқ» ба сифати фанни таълимии мустақил барои тамоми низоми таҳсилоти ҳуқуқии аҳолӣ аҳамият дорад. Бо баробари баланд кардани сатҳи таҳсилоти ҳуқуқии донишҷӯён ҳамчун интиқолдиҳандагони ояндаи арзишҳои фарҳангӣ вазифаи ташаккули шуури ҳуқуқии шогирдони ояндаи онҳо, самаранокии амалисозии тарбияи ҳуқуқии онҳо тавассути намунаи ибрати шахсии омӯзгорони оянда ва таҷрибаи субъективии ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад.

Мундариҷаи амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ 2 қисми бо ҳам алоқамандро дарбар мегирад: а) ядрои инвариантии комплекси таълимӣ-методӣ, ки мундариҷаи таълиму тарбияи ҳуқуқии донишҷӯёнро инъикос намуда, аз ҷузъҳои мундариҷавии таҳсилоти ҳуқуқӣ, мисли низоми донишҳо, маҳорату малакаҳо, низоми самтгириҳои арзишӣ-ҳуқуқӣ, таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқӣ ва рафтори қонунӣ, низоми сифатҳои ҳуқуқии (шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ) шахсият иборат аст; б) ядрои вариативии барномаи таҳсилот, ки мундариҷаи он вобаста ба ихтисоси донишҷӯён, ҳамчунин дархостҳои инфиродӣ ва хоҳишҳои омӯзгоронии оянда вобаста мебошад. Зимнан воситаҳои ноилшавӣ ба мақсадҳо дар натиҷаи татбиқи амсилаи мазкур дар раванди таълиму тарбия технологияҳои таълимии инноватсионӣ – методҳои интерактивии таълим мебошанд.

Шартҳои асосии ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошта чунин дидгоҳҳо буданд: тағйир додани мундариҷаи таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда; назардошти хусусиятҳо синни «донишҷӯӣ»-и  шахсият; татбиқи принсипи аксиологӣ дар таҳсилоти ҳуқуқӣ; дар раванди омодасозии умумиҳуқуқии донишҷӯён татбиқ кардани принсипҳои таълими ба шахсият нигаронида; дидгоҳи шахсиятӣ-фаъолиятӣ ба таълими умумиҳуқуқӣ дар донишгоҳ; дидгоҳҳои ҷустуҷӯӣ ва инноватсионӣ-рефлексивӣ (муаммовӣ-рефлексивӣ) ба фаъолияти таълимии омӯзгорони оянда; инкишофи тафаккури эҷодии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни «Ҳуқуқ».

Натиҷаи татбиқ ва амалкарди амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён афзудани самаранокии ташкили раванди омодагии умумиҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда ва ҳамчун натиҷа баланд шудани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии онҳо мебошад.

Бо мақсади санҷидани натиҷабахшии амалкарди амсилаи зикршуда баҳодиҳии сатҳи таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгорони оянда ва сифати он аҳамият пайдо мекунад, ки бо сатҳи донишандӯзии ҳуқуқӣ ва сатҳи тарбиятдидагии ҳуқуқӣ (сатҳи итоат ба қонун ва сатҳи фаъолнокии ҳуқуқӣ) таъйин шуда, натиҷаи он - сатҳи соҳибмаълумотии шахсият аст. Оид ба дараҷаи ташаккулёбии сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ ягонагии аз рӯйи «нишондиҳандаҳои меъёрии сифат ҳамчун тавсифи объект хулоса барвардан мумкин аст, ки барои гирифтани ифодаи сифатӣ ё миқдорӣ дар ин ё он лаҳзаи вақт чен метавон кард» [151].

Ба ақидаи мо, баҳодиҳии сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгориояндаро аз рӯйи се меъёри муҳим амалӣ намудан зарур аст:

1. Меъёри донишандӯзӣ, ки чунин нишондиҳандаҳо дорад: сатҳи ташаккулёбии ангезиши омӯзиши асосҳои ҳуқуқ; сатҳи саводнокӣ ва салоҳиятнокии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, маҳорати эҷодкорона татбиқ намудани донишҳои ҳуқуқӣ зимни баррасии вазъияти проблемавӣ; сатҳи омодагӣ ба худомӯзии муттасили ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати саводнокӣ ва салоҳиятнокии ҳуқуқии худ.

Интихоби нишондиҳандаҳои мазкур пеш аз ҳама, ба он вобаста мебошад, ки донишандӯзии таълимгирандагонро мо ҳамчун «натиҷаи таълим баррасӣ менамоем, ки аз чумла, ҳамчун омодагии касбӣ зоҳир мешавад» [99].

Дар баробари ин, имрӯз яке аз нишондиҳандаҳои муҳиме, ки ташаккули он бидуни татбиқи методикаҳои махсус ғайриимкон аст, ангезиши омӯзиши фанни «Ҳуқуқ» ҳамчун низоми ангезаҳое мебошад, ки фаъолнокии донишҷӯёнро дар раванди ташаккули саводнокӣ ва салоҳиятнокии ҳуқуқии онҳоро таъйин менамояд.

Мавҷудияти ангезаҳои муайян хоҳиши донишҷӯ барои ноилшавӣ ба мақсадҳо, водоркуниро ба фаъолият пешбинӣ менамояд, ки зери таъсири омилҳои гуногун шакл гирифта, нерӯи ботинии рафтор аст, самтгирии фаъолнокии ӯро таҳрик медиҳад.

Ақидаҳои муҳаққиқонро оид ба масъалаҳои инкишофи соҳаи ангезавии фаъолияти таълимии донишҷӯён ҷамъбаст намуда, мо ба хулосае расидем, ки раванди таълиму тарбияи мактаби олии педагогиро аз ташаккули ангезаҳои мусбати донишҷӯён барои омӯзиши фанни «Ҳуқуқ» оғоз бояд кард. Ба ангезаҳои мазкур инҳо мансубанд: дарки аҳамият ва фоидаи донишҳо ва маҳорати ҳуқуқӣ, ҳамчунин курси «Ҳуқуқ» барои шахсияти худ; зоҳир кардани шавқмандӣ ба фанни мазкур бо назардошти аҳамияти он барои фаъолияти ҳаётии минбаъда; дарки зарурати муттасил баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ ва ғ.

Сатҳи саводнокӣ ва салоҳиятнокии ҳуқуқии донишҷӯро сатҳи донишҳо, маҳорату малакаҳои ӯ таъйин менамояд.

Дар таҳқиқоти илмии педагогҳо, психологҳо ва методистон, ҳуқуқшиносон (М.В. Мотехина, А.А. Шайдуров ва диг.) донишҳои ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи раванди маърифати воқеияти ҳуқуқӣ ё инъикоси мувофиқи он дар шуури шахсият дар шакли тасаввурот, мафҳумҳо, ақидаҳо, назарияҳо ва ғояҳои ҳуқуқӣ, фактҳои ҳуқуқӣ (меъёрҳои ҳуқуқ) баррасӣ шудааст, ки ба ташаккули ақидаҳо, ҳиссиёт, қобилиятҳои ҳуқуқӣ мусоидат карда, рафтори иҷтимоии фаъолонаро таъмин мекунанд [106, 183, с. 54-56].

Зимнан педагогҳо сифати донишҳоро ҳамчун «мувофиқати навъҳои гуногуни он (қонунҳо, назарияҳо, донишҳо ва ғ.) бо унсурҳои мундариҷаи таҳсилот ва ба ин васила, бо сатҳҳои азхудкунӣ баррасӣ намуда, параметрҳои зерини сифати донишҳоро муайян кардаанд: амиқӣ, васеъ будани донишҳо, дараҷаи пуррагии бо онҳо фаро гирифтани ашёву падидаҳои воқеият, хусусиятҳо, қонунияти он, ҳамчунин дараҷаи ҷузъиётбандӣ ва ғ. Вобаста ба ин, ба сифати меъёрҳои махсуси азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби донишҷӯён муфассилӣ, муназзамӣ (системавӣ будан), фаврият, пуррагии

фарогирӣ, воқеишавӣ, амиқии азхудкунии донишҳо, татбиқи донишҳои ҳуқуқӣ дар вазъияти нав, самаранокии истифодаи донишҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти воқеӣ зоҳир мешаванд.

Ҳангоми ташхиси донишҳои ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда ба донистани моҳияти давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқу уҳдадориҳои худ, донистани асосҳои масъулияти ҳуқуқӣ, манбаъҳои ҳуқуқ, муқаррароти асосӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои асосии ҳуқуқ таваҷҷуҳ додан мувофиқи мақсад аст. Зимнан хеле муҳим аст, ки донишҷӯ мавқеи худ, ҳуқуқу уҳдадориҳои худ, ҷойи худро дар ин ё он сохтори иҷтимоӣ дуруст дарк намояд.

Донишҳои ҳуқуқӣ (мафҳуму категорияҳо) танҳо марҳалаи ибтидоии фарҳанги ҳуқуқии шахсияти донишҷӯ мебошанд, ки ташаккулёбии онҳо низ ба салоҳиятнокии педагоги оянда ҳамчун «сатҳи маҳорати шахсият таъсир мерасонад, ки дараҷаи мувофиқати салоҳияти муайянро инъикос намуда, дар шароити тағйирёбанда ба таври созанда амал карданро имкон медиҳад» [41]. Маҳорати ҳуқуқӣ ба ақидаи мо, дар омодагии донишҷӯ ба амалҳои назариявӣ ва амалин ифода меёбанд, ки дар асоси донишҳои азхудшуда ва таҷрибаи ҳаётии ҳуқуқӣ иҷро мешаванд, малакаҳо бошанд, маҳорате ба шумор мераванд, ки дар раванди такмил то автоматизм расонида шудаанд.

Адабиёти психологию педагогиро оид ба муаммоҳои ташаккули маҳорат, аз ҷумла, маҳорати ҳуқуқӣ баррасӣ намуда [41, 106, 99 ва диг.], мо ба хулосае расидем, ки ба меъёрҳои асосии ташаккулёбии маҳорати ҳуқуқии донишҷӯ – омӯзгори оянда, ки сатҳи салоҳиятнокии ҳуқуқии ӯро таъйин мекунанд, чунин меъёрҳоеро, мисли ҳаҷми маҳорати ҳуқуқӣ, устувории онҳо, дақиқии амалҳои иҷрошаванда, мустақилият зимни иҷрои супориш, чандирӣ, маҷмӯӣ будан, татбиқи эҷодии донишҳои ҳуқуқиро дар амалия мансуб бояд донист.

Маҳорати ҳуқуқии зерин бояд ташхис шаванд: дуруст истифода бурдани истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ, хондани порчаҳои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва тавзеҳи мазмуни онҳо; додани баҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ ба кирдорҳои одамон, рӯйдодҳои гуногун; дарки равандҳое, ки дар ҷомеа дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ рӯй медиҳанд, шарҳ додани падидаҳои воқеияти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ бо ёрии донишҳои

ҳуқуқӣ; тартиб додан ва пур кардани ҳуҷҷатҳои гуногуни расмӣ, ки таҳсилоти махсуси ҳуқуқиро тақозо намекунанд; татбиқи ҳуқуқҳои худ дар амалия, яъне дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа амал кардан бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқии муосир; ҳал кардани мушкилоти худ, ҳам мушкилоти шогирдони худ бо воситаҳои қонунӣ; пешгӯии оқибатҳои амалҳои худ ва ғ.

Ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва рафтори қонунии шахсияти омӯзгори оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олии педагогӣ бо эҷодкорӣ дар татбиқи донишҳо, маҳорату малакаҳо алоқамандии зич дорад.

М.В.Кускова дар таҳқиқоти худ исбот кардааст, ки нишондиҳандаи асосии ташаккулёбии эҷодкории шахсият ҳамчун қобилият ба фаъолияти эҷодӣ сатҳи фаъолнокии зеҳнии ӯ мебошад [81]. Ташаккулёбии эҷодкориву созандагӣ дар раванди ҳалли вазъияти ҳуқуқӣ ва баррасии муаммоҳои иҷтимоӣ - ҳуқуқӣ зоҳир мешавад.

Ба нишондиҳандаҳои меъёри донишандӯзии таълимгирандагон оид ба асосҳои ҳуқуқ, ҳамчунин омодагиро ба худомӯзии муттасили ҳуқуқӣ ҳамчун мунтазам ва ихтиёрӣ гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ аз ҷониби омӯзгорони оянда ҷиҳати истифодаи эҷодкоронаи он дар амалияи педагогӣ ва вазъияти гуногуни ҳаётӣ бояд мансуб бошад [135, с.59]. Омодагӣ ба чунин таҳсилот дар хоҳиши бошууронаи омӯзгори оянда барои татбиқи ҷузъҳои худомӯзии ҳуқуқӣ (фаҳмидани зарурат ва аҳамияти иҷтимоии худомӯзӣ ва худтарбияи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқ ҳамчун унсури таҳсилоти касбӣ, маҳорати пур кардани пойгоҳи ҳуқуқии худ, кӯшиши пайгирии тағйирот дар соҳаи ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва ғ.) зоҳир мешавад.

Меъёри самтгириҳои арзишӣ - ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи идеалҳои барои шахсият муҳиму арзишманд, ақидаҳо, мавқеъҳо, муносибатҳо. Нишондиҳандаҳои меъёри мазкур ба ақидаи мо, инҳоянд: сатҳи дарки (эътиқод) ба арзишмандии ҳуқуқ ва зарурати риояи меъёрҳои он; сатҳи эҳтиёҷоту манфиатҳо, даъвоҳои ҳуқуқӣ; сатҳи ақидаву самтгириҳои ҳуқуқӣ.

Мақсади омодасозии фарҳангшиносонаи омӯзгорони оянда, чунонки П.Е.Решетников қайд менамояд, аз ташаккули пойгоҳи ба арзишҳо

нигаронидаи онҳо барои фаъолияти ҳаётии гуногун ва худмуайянкунӣ иборат аст [140, с.126]. Ин таъкид ба ақидаи мо, ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии донишҷӯён низ дар раванди таҳсилот тааллуқ дорад.

Имрӯз ҷомеашиносон, психологҳо, педагогҳо, ҳуқуқшиносон арзишҳоро чунин муайян кардаанд: «низоми аз ҷониби умум қабулшудаи намунаҳои рафтор, ки тавассути онҳо одамон муносибатҳоро бо якдигар мутаносиб мегардонанд ва бо ёрии онҳо таҷрибаи иҷтимоӣ муназзам карда мешавад» [144, с.86]. Ҳамин тавр, арзишҳо ҳамчун самтгирӣ  фаъолияти шахсиятро дар соҳаи ҳуқуқ танзим мекунанд.

Ба низоми самтгириҳои арзишӣ ҳамчун кӯшишҳо, хоҳишҳо, эҳтиёҷоти таъйиншудаи инсон, ки барои ӯ ҳамчун арзишҳои шахсӣ ва мақсадҳои фаъолияти ҳаётӣ зоҳир мешаванд [135, с. 477], муҳаққиқон мақсадҳо, ангезаҳо, идеалҳо, самтгириҳо ва тавсифҳои дигари ҷаҳоншиносонаи шахсияти омӯзгорро дохил кардаанд [149].

Самтгирии арзишӣ ба ақидаи мо, тамоюли шахсиятро ба ин ё он арзишҳо ифода менамояд, ки дар навбати худ, ҳамчун ангезаи ҷамъбастии фаъолияти шахсият зоҳир гардида, дар худ сифатҳои тамоми низоми ангезаҳо, эҳтиёҷот, манфиатҳо, мақсадҳоро ҳамгиро мекунад. Самтгирии мусбати арзишӣ-ҳуқуқии шахсиятро ҷанбаи муайяни шуури ҳуқуқии ӯ мебошад, ки муносибатҳои арзишӣ ва тамоюлро ба риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ (рафтори қонунӣ) дарбар гирифта, барои фаъолияти ҳуқуқии омӯзгорони оянда ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад.

Яке аз нишондиҳандаҳои ташаккулёбии самтгириҳои арзишӣ - ҳуқуқӣ дарки арзишмандии ҳуқуқ ва зарурати риояи меъёрҳои он мебошад, ки дар эҳтиром ба  қонун, меъёрҳои он, ба афзалияти қонун ва тартиботи қонунӣ инъикос меёбад. Дар асоси таҳлили таҳқиқоти педагогҳо, методистон ва ҳуқуқшиносони муосир дар соҳаи ташаккули самтгириҳои арзишӣ - ҳуқуқи шахсият (Головченко В.В., Кускова М.В., Мотехина М.В., Сиротин А.С., Циганиш В.Н., Шайдуров А.А.  ва диг.) мо таъкид карда метавонем, ки дарки арзишмандии ҳуқуқ ва зарурати риояи меъёрҳои он дар ақидаҳо, эҳсосоти

ҳуқуқии шахсияти омӯзгори оянда, дар ҳиссиёт ва рӯҳияи ӯ зоҳир мешавад [39, 81, 106, 145, 180, 183].

Эҳсосоти олӣ дар соҳаи ҳуқуқ бо қонеъ гардонидан ё қонеъ нашудани эҳтиёҷот, манфиатҳо ва даъвоҳои ҳуқуқии шахсияти донишҷӯ алоқаманд буда, онҳоро ба нишондиҳандаҳои ташаккулёбии меъёри самтгириҳои арзишӣ-ахлоқии педагоги оянда мансуб донистан зарур аст. Зери мафҳуми эҳтиёҷоти ҳуқуқии шахсият инъикоси рӯҳии зарурати объективӣ ё субъективии онро дар риоя (худдорӣ аз татбиқи амалҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқ манъ кардаанд), иҷро кардан (анҷом додани амалҳои қонунӣ) ва истифодаи он (татбиқи ташаббускорона ва эҷодкоронаи ҳуқуқҳо, иҷрои қатъии уҳдадориҳо, татбиқи донишҳо, маҳорат ва малакаҳо дар амалия) фаҳмида мешавад.

Шавқу рағбати ҳуқуқии донишҷӯ – омӯзгори оянда тамоюли маърифатии донишҷӯ ба падидаву рӯйдодҳои ҳуқуқии воқеияти ҳуқуқӣ ҳамчун объективӣ гардонидани самтгириҳои арзишӣ - ҳуқуқӣ мебошад: тамоюл ба омӯзиши қонунгузорӣ, адабиёти ҳуқуқшиносӣ, ҳалли вазъияти ҳуқуқӣ ва баррасии муаммоҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, самтгирӣ ба ҷустуҷӯи иттилоот оид ба тағйироти ҳаёти иҷтимоӣ - ҳуқуқии ҷомеа ва давлат, омӯзиши фанҳои ҳуқуқ, мавқеи ҳуқуқии шахсият ва ғ.

Даъвоҳои ҳуқуқии омӯзгори оянда кӯшиши шахсияти ӯро барои ноилшавӣ ба мавқеи муайяни ҳуқуқӣ, мақсади муайян, натиҷаи фаъолияти ҳуқуқӣ инъикос менамояд, ки ба фаъолнокии иҷтимоӣ- ҳуқуқии шахсият (кӯшиши донишҷӯён барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ бо воситаҳои қонунӣ ва талаб кардани риояи онҳо аз шахсони дигар) мусоидат менамояд.

Сатҳи самтгириҳои ҳуқуқӣ ва ақидаҳои ҳуқуқии шахсияти донишҷӯ - омӯзгори оянда, ки нишондиҳандаи ташаккулёбии ангезаҳои рафтори қонунӣ мебошад, боз як нишондиҳандаи меъёри самтгириҳои арзишӣ-ахлоқии омӯзгори оянда мебошад. Самтгирии ҳуқуқии шахсият дар омодагии ӯ ба дарку баҳодиҳии падидаҳо, рӯйдодҳо, вазъият, равандҳо, ҳамчунин омодагӣ ба фаъолнокии иҷтимоӣ - ҳуқуқӣ зоҳир мешавад, ки ба мавҷудияти эҳтиёҷоти ҳуқуқӣ ва вазъияти объективии қонеъ гардонидани онҳо вобаста мебошад. Он

тамоюли омӯзгори ояндаро ба иҷрои меъёрҳои ҳуқуқ, татбиқи донишҳо, маҳорату малакаҳои ҳуқуқӣ, иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳаётии шахсӣ ва касбӣ ифода мекунад.

Самтгирии ҳуқуқӣ дар ақидаҳо ва принсипҳои шахсият ошкор мегардад.

Ақидаҳои ҳуқуқӣ - низоми афкори ҳуқуқӣ ҳамчун қисми таркибии ҷаҳоншиносӣ ва шуури ҳуқуқии шахсият, ки муносибати эмотсионалӣ - психологиро ба воқеияти ҳуқуқии атроф ва қонунгузории амалкунанда, ангезаҳои ботинӣ ва таҳрикҳои амалҳои шахс, ҳамчунин интихоби хатти рафтори иҷтимоӣ-ҳуқуқиро (тамоюли умумии фаъолияти ҳуқуқӣ) таъйин мекунад, ки танзимкунандаи шуури ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии омӯзгори оянда ба шумор меравад. Онҳо роҳнамои ҳалли масъалаҳое мебошад, ки бо рафтори қонунӣ ё ғайриқонунӣ алоқаманданд ва ҳамчун қобилияти шахсият ба худназорат, яъне «дарку баҳодиҳии амалҳои худ, равандҳо ва ҳолатҳои рӯҳӣ» зоҳир мешаванд [99, с.386].

Ҳамин тавр, ташаккулёбии ақидаҳои мусбати ҳуқуқии шахсият мавқеи ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони ояндаро таъйин менамояд. Ақидаҳои паҳншудаи мусбати шахсиятро оштинопазирӣ ва бетаҳаммулӣ ба ҳуқуқвайронкунӣ, хоҳишу дарки зарурати муносибгардонии рафтори худ, мақсаду манфиатҳои худ бо меъёрҳои ҳуқуқ (риояи талаботи қонун ва зиндагӣ кардан дар мувофиқат бо он), омодагӣ ба зиндагии софдилона ва ҳеҷ гоҳ вайрон накардани талаботи қонун, омодагӣ барои ҳамеша амал кардан дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ (мувофиқи талаботи қонунҳо) ҳангоми вазъияти мушаххаси ҳаётӣ, яъне самтгирӣ ба рафтори қонунӣ ва ғайра ба шумор меравand.

Дар натиҷа самтгириҳои арзишӣ - ҳуқуқӣ, ки тариқи низоми ақидаҳои омӯзгори оянда ифода ёфтаанд, барои ташаккули фаъолияти ӯ дар соҳаи ҳуқуқ замина фароҳам оварда, рафтори қонунии ӯро пешбинӣ менамоянд ва ба иҷтимоишавии бомуваффақияти шахсияти ӯ мусоидат мекунанд.

Меъёри рафтори иҷтимоӣ- ҳуқуқӣ. Ба нишондиҳандаҳои меъёри мазкур ба ақидаи мо, чунин нишондиҳандаҳоро мансуб бояд донист: сатҳи

ташаккулёбии ангезиши рафтори ҳуқуқӣ ва сатҳи фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеа.

Фарҳанги ҳуқуқии омӯзгори оянда дар фаъолияти донишҷӯи мактаби олии педагогӣ дар соҳаи ҳуқуқ, қобилияту хоҳиши ӯ барои амалисозии ҳуқуқу уҳдадориҳои худ, дар рафтори ҳуқуқӣ зоҳир мешавад, ки заминаи онро кӯшиши татбиқи донишҳо, маҳорату малакаҳо дар фаъолияти ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ки ба иҷрои бошууронаи талаботи меъёрҳои ҳуқуқ асос ёфта, дар риоя, иҷро, корбасти меъёрҳо ифода меёбад.

Аксари педагогҳо ва ҳуқуқшиносон (Е.Л. Ковалева, А.А. Шайдуров ва диг.) зери рафтори ҳуқуқӣ «муносибатҳои мутақобили шахсият бо одамони дигар ва объектҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро мефаҳманд, ки дар онҳо ҳуқуқҳои табиии ӯ татбиқ шуда, бо ҳуқуқҳои одамони дигар маҳдуд мегарданд. Он дар риояи анъанаҳо, муносибатҳои шаклгирандаи ҷамъиятӣ, дар мувофиқат ба ҳуқуқи мусбат (қонун, муқаррарот ва ғ.) ифода меёбад, ки дар ҷомеаи мушаххас ва ҷомеаи муайян боадолат эътироф шудаанд» [76, с.25; 183]. Вобаста ба муносибати шахсият ҳуқуқшиносон чунин навъҳои рафторро муайян кардаанд: рафтори бошууронаи ҳуқуқӣ; рафтори ҳуқуқии комформистӣ (тақлид); рафтори маҷбурии ҳуқуқӣ.

Ташаккули ангезаҳо ва одатҳои (амалҳое, ки зарурати анҷом додани онҳо ба эҳтиёҷ табдил ёфтааст) қонунӣ, иҷтимоию фаъолона инкишофи эҳтиёҷот ва шавқу рағбат, самтгирӣ ва ақидаҳоро дар соҳаи ҳуқуқ пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи таъкиди М.В.Кускова ба чунин гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст: ангезаҳои арзишӣ - ҳуқуқӣ (дарки арзиши иҷтимоии ҳуқуқ); ангезаҳои ҳисси вазифашиносии ҳуқуқӣ; ангезаҳои зарурати иҷборӣ; ангезаҳои номуайяни мусбат; ангезаҳои нуфуз; ангезаҳои коммуникативӣ [81, с.66].

Ҳамин тавр, дар бораи сатҳи фарҳанги ҳуқуқии омӯзгори оянда аз рӯйи хусусияти рафтори қонунӣ хулоса баровардан мумкин аст, сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ бояд аз рӯйи сатҳи ташаккулёбии ангезаи рафтори қонунӣ ва сатҳи фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқии донишҷӯ баҳо дода шавад. Тасаввуроти шахсияти донишҷӯ дар бораи худаш ҳамчун субъекти ҳуқуқ ва дар бораи

низоми самтгириҳои арзишӣ-ҳуқуқии худ, ба ақидаи мо, ангезаҳои водоркунандаи фаъолнокии ҳақиқии иҷтимоӣ-ҳуқуқии ӯ ҳамчун нишондиҳандаи муҳими меъёри рафтори иҷтимоӣ-ҳуқуқии омӯзгори оянда мебошанд.

Фаъолнокии иҷтимоии омӯзгори оянда - хосияти мутаҳаррики донишҷӯи мактаби олии педагогист, ки дар он тамоюл ва омодагӣ барои ҳамроҳшавӣ ба навъҳои гуногуни фаъолият инъикос меёбад, ки онро характери фаъолиятиояндаи педагогӣ таъйин менамояд. Вобаста ба ин, сатҳи фаъолнокии ҳуқуқӣ метавонад ҳамчун меъёр ва нишондиҳандаи ҷамъбастии самаранокӣ ва сифати фаъолияти шахсият дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ  зоҳир шавад.

Бо такя ба таҳқиқоти А.А.Шайдуров қайд метавон кард, ки фаъолнокии ҳуқуқӣ дар шароити муосир ҳамчун шакли рафтор арзиши бештар дошта, дар эътирофи афзалияти баланди қонун, татбиқи самараноки ҳуқуқҳо, озодиҳо ва уҳдадориҳо ифода меёбад. Сатҳи фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахсият дар бораи дараҷаи омодагии ӯ барои амалисозии нақши ҳуқуқии иҷрошаванда иттилоот дода, ҳамчунин оид ба хусусияти рафтори донишҷӯ дар соҳаи амаликарди соҳаи ҳуқуқ тасаввурот ҳосил мекунонад ва омӯзиш, муқоисаи фаъолияти субъектҳоро имкон медиҳад [183, с.74].

Таълифоти илмии муҳаққиқонро оид ба муаммоҳои ташаккули фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахсият таҳлил карда, мо ба хулосае расидем, ки ба меъёрҳои ташаккули фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқии омӯзгори оянда пеш аз ҳама, чунин меъёрҳо тааллуқ доранд: риояи ҳуқуқҳои одамони дигар ва талаб кардани эҳтироми ҳуқуқу манфиатҳои худ, ки дар истифодаи воситаҳои қонунӣ ва тамаддунии ҳалли низоъҳо ифода меёбад; кӯшиши баланд бардоштани сатҳи саводнокию салоҳиятнокии ҳуқуқии худ; мавқеи принсипиалӣ нисбат ба риояи меъёрҳо аз ҷониби одамони дигар; оштинопазирӣ бо поймолкунии ҳуқуқу манфиатҳои одамони дигар; эҳтироми шаъну шарафи худ ва одамони дигар; иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ (иҷрои супоришҳои ҳуқуқӣ).

Ҳамин тавр, бо назардошти меъёру нишондиҳандаҳои мазкур, ки ченкунии сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда, ҳамчунин асоснок кардани

зарурати баланд кардани онро имкон медиҳанд, дар доираи таълими фанни «Ҳуқуқ» амсиласозӣ шуда, методикаи махсуси баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқии омӯзгоронии оянда коркард шуд.

Ба ғайр аз ин, қайд бояд кард, ки сатҳи сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ тавсифи нисбии таҳсилоти ҳуқуқӣ мебошад, ки ба муқоисаи ифодаҳои нишондиҳандаҳо асос ёфта, мувофиқати онро ба стандартҳои мушаххас нишон медиҳад. Вобаста ба ин, баҳодиҳии сифатии таҳсилоти ҳуқуқии пешниҳодшаванда, яъне раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ва натиҷаи он, инчунин муқаррар кардани сатҳи мувофиқати онро ҳам ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилотии олии касбӣ, ҳам ба интизориҳои иштирокчиёни раванд, дархостҳои истеъмолкунандагони хизматрасо-ниҳои таълимӣ бо роҳи мониторинги педагогӣ пешбинӣ менамояд.

Бо мақсади қонеъ гардонидани дархостҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таълимӣ сифати таҳсилоти ҳуқуқии худро дар раванди таҳсилот бояд худи донишҷӯён низ баҳо гузоранд. Худбаҳодиҳӣ мувофиқати таҳсилоти ҳуқуқиро ба дархостҳо ва имконияти омӯзгори оянда аёну возеҳ нишон медиҳад ва то кадом андоза мувофиқат доштани дастовардҳои воқеии донишҷӯро ба тасаввуроти ӯ дар бораи онҳо ошкор месозад.

Самаранокии воридкунии ҷузъҳои асоси амсилаи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда ба ташкили кори таълимӣ-методӣ дар муассисаи олии таълимии педагогӣ (мундариҷаи маводи таълимии ҳуқуқӣ, амалисозии худомӯзии ҳуқуқӣ, татбиқи методҳои инноватсионии ташкили раванди таълими фанни «Ҳуқуқ» ва воситаҳои дигари ташкилӣ-методии таъмини раванди таълиму тарбия дар донишгоҳ) вобаста мебошад.

Ҳамин тавр, коркарду ҷорӣ намудани унсурҳои амсилаи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки: ҷойгоҳӣ ва махсусияти таълиму тарбияи умумиҳуқуқӣ дар механизми таъсироти ҳуқуқӣ ба шахсияти донишҷӯ муайян карда шавад; татбиқи амсила бо методикаи интерактивии таълими фанни «Ҳуқуқ» таъмин гардад, ки ба таълиму тарбияи донишҷӯёни тамоми ихтисосҳо равона шавад ва дар ниҳояти

кор, барои ҳалли муаммои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи раванди мазкур ёрӣ мерасонад.

## 2.2. Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ бо иситифодаи методҳои интерактивии таълими фанни "Ҳуқуқ".

Дар ҷомеаи муосир талабот ба хатмкунандагони муассисаи таълимии олии педагогӣ тағйир ёфтаанд. Тамоюлҳои рушди ҷомеа ба шахсияти мутахассиси оянда талаботи навро пеш меорад.

Чанд вақт пеш барои тавсифи мутахассиси соҳибихтисос баҳогузории сифатҳои касбии ӯ кофӣ буд, аммо имрӯз ба рӯйхати талабот чунин сифатҳо ворид карда шудаанд: донистани технологияҳои муосири иттилоотӣ, салоҳиятнокии иртиботӣ (коммуникативӣ), малакаҳои идоракунӣ, ҳамчунин фарҳанги ҳуқуқӣ. Мутахассис мувофиқи талаботи имрӯзаи ҷамъиятӣ ва давлатӣ бояд соҳиби донишҳои амиқ оид ба ихтисоси интихобшуда, донишҳои ҳуқуқӣ, қобилият ба эҷоди техникӣ ва иҷтимоӣ бошад, доимо худро такмил диҳад, аз ҷиҳати шахсӣ ва касбӣ инкишоф ёбад, барои кор дар шароити бозории меҳнат ва рақобати шадид омода бошад, ки хоси бозори муосири  меҳнати касбӣ аст.

Тамоми тавсифҳои зикршуда оид ба иҷтимоишавӣ ва ташаккули шахсият на танҳо ҳамчун узви ҷомеа, балки пеш аз ҳама, ҳамчун мутахассиси кордон (профессионал) гувоҳӣ медиҳанд. Ташаккули чунин сифатҳои шахсият вазифаи мактаби олӣ мебошад.

Ба ташаккули сифатҳои зикршуда низоми чорабиниҳо равона гардидааст, ки дар соҳаи таҳсилоти олии муосир дар Тоҷикистон амалӣ мешавад. Дар мувофиқат бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф, ҳамчунин мувофиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ пеши низоми таҳсилот, ки ба омодасозии омӯзгорони оянда нигаронида шудааст, вазифаи фароҳам овардани шароите истодааст, ки инкишофи ҳаматарафаи шахсияти донишҷӯи ба худомӯзӣ, худамалисозӣ ва худинкишоф қобилият доштаро таъмин менамояд.

Дар марҳалаи муосири рушди ҷомеа омодасозии кадрҳои рақобатпазир ҳам дар бозори дохилӣ, ҳам ҷаҳонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки низоми таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2018) таъкид сохта буданд: " Моислоҳоти низоми ҳамаи зинаҳои таҳсилро минбаъд низ давом дода, усулҳои фаъоли таълимро ҷорӣ мекунем ва ба сатҳу сифати таълим эътибори аввалиндараҷа медиҳем" [125].

Ба марҳалаи имрӯзаи рушди низоми таҳсилоти олӣ ҷустуҷӯи бошиддат ва ҷорӣ намудани шаклу методҳои нави таълими мутахассисони оянда хос мебошад. Тамоюли инкишофи низоми омодасозии мутахассисон дар фаъолгардонии шавқу рағбати омӯзгорони мактабҳои олии ватаниву хориҷӣ дар мубодилаи таҷрибаи педагогӣ ва илмӣ оид ба масъалаҳои татбиқи шаклҳо, технологияҳо, методу воситаҳои нав зоҳир мегардад, ки сифати таҳсилоти касбиро баланд мебардоранд.

Барои он, ки таҳсилоти муосири педагогӣ барои амалисозии омодагии босифати ҳуқуқии педагогҳои оянда қодир бошад, дар донишгоҳҳои педагогӣ бояд барномаҳои тарбияи ҳуқуқии донишҷӯён коркард шаванд, ки дар баробари таълими ҳуқуқ қисми ҷудонашавандаи таҳсилоти ҳуқуқӣ мебошад. Консепсияи милли тарбия бояд бо назардошти инкишофи батадриҷи сифатҳои касбии донишҷӯ коркард шавад. Он гоҳ қисми фаннии ҳуқуқ, ки аллакай дар донишгоҳҳо вуҷуд дорад, барои ташаккули ҷузъи когнитивӣ масъул гардида, низоми тарбияи ҳуқуқӣ бошад, ба шаклгирии самтҳои шахсиятӣ, арзишҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд, ки дар фаъолияти зеҳнӣ ва амалӣ ифода ёфтаанд.

Ба ғайр аз ин, барои амалисозии таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар донишгоҳи олии педагогӣ шароити педагогие бояд фароҳам оварда шаванд, ки дар ташаккули фазои ҳуқуқии донишгоҳ ифода меёбад. Чунин муҳити таҳсилот бо низоми амалишавандаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ робитаи мутақобил дошта, низоми тадбирҳо ва чорабиниҳои самташон ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд: бунёди мақомоти воқеан амалкунанда ва интихобшавандаи худидоракунии

донишҷӯӣ ва илмию педагогӣ, лоиҳаҳои оид ба муаммоҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои таълимӣ, лексияҳои оммавӣ ва дарсҳои устодии (мастер-класс) ҳуқуқшиносони корозмо, ҳафта ва даҳаҳои ҳуқуқӣ икдомҳои самташон ҳуқуқӣ ва ватанпарварона, лоиҳаҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ, машваратҳои ҳуқуқӣ барои иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқӣ. Дар доираи фазои ҳуқуқии донишгоҳ ҳар як субъекти раванди таҳсилот на танҳо аз ҳуқуқу уҳдадориҳои худ огоҳ мешавад, балки мебинад, ки онҳо воқеан амал мекунанд, ҳамчунин мавқеи фаъолонаи шаҳрвандиро ташаккул дода, зоҳир карда метавонад, ҳуқуқҳои худро дар доираи муассисаи таълимӣ ҳимоя мекунад.

Солҳои охир шавқу рағбати назариявӣ ва амалӣ ба муаммои татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва методҳои таълим устувор боқӣ мемонад. Дар навбати аввал, муҳаққиқон ва омӯзгорони амалкунанда оид ба самаранокии истифодаи методҳои таълими фаъолона ҷиҳати баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисони оянда ҳамфикр мебошанд.

Таълими муосири ҳуқуқ бояд ба талаботи ҷомеаи муосири инкишофёбанда мувофиқ бошад ва бо татбиқи методикаҳои на танҳо анъанавӣ, балки муосири таълим амалӣ гардад.

Дар низоми муосири таҳсилот се шакли асосии таъсироти мутақобили омӯзгор ва донишҷӯён васеъ паҳн шудаанд: методҳои камфаъоли таълим, методҳои фаъоли таълим ва методҳои интерактивии таълим [3].

Методи камфаъол чунин шакли таъсироти мутақобил аст, ки зимни он омӯзгор симои асосии амалкунанда мебошад, ки рафти машғулиятро идора мекунад, донишҷӯён бошанд, дар нақши шунавандагони камфаъол қарор доранд. Дар ин ҳолат лексия навъи бештар паҳнгаштаи таълими камфаъол мебошад, ки дар муассисаҳои таълимии олӣ густариш ёфтааст. Аксари омӯзгорон методи камфаъолро нисбат ба методҳои дигар беҳтар медонанд.

Методи фаъол чунин шакли таъсироти мутақобили донишҷӯён ва омӯзгорон аст, ки ҳангоми он таълимгирандагон иштирокчии фаъоли раванди таҳсилот мебошанд. Дар ин ҳолат омӯзгор ва донишҷӯён баробаранд, тарзи авторитарии таъсироти мутақобил, ки ба методи камфаъоли гузаронидани

машғулиятҳо хос мебошад, бо тарзи демократӣ иваз мешавад. Аксар вақт байни методҳои фаъол ва интерактивӣ аломати баробарӣ гузошта мешавад, аммо аслан онҳо баъзе тафовутҳо доранд. Методҳои интерактивӣ ҳамчун шакли бештар муосири методҳои таълим баррасӣ мешаванд.

Методи интерактивӣ ба маънои имконияти таъсироти мутақобили омӯзгор ва донишҷӯён дар режими суҳбат ё муколама фаҳмида мешавад. Зимнан бар хилофи методҳои фаъол ин навъи методҳо ба таъсироти мутақобили донишҷӯён на танҳо бо омӯзгор, балки бо якдигар равона шудаанд. Нақши омӯзгор аз равона кардани фаъолияти донишҷӯён барои ноилшавӣ ба мақсадҳои машғулият иборат аст.

Омӯзгор ҳамчунин машқу супоришҳои муайянро коркард менамояд, ки дар натиҷаи иҷрои онҳо донишҷӯён на танҳо маводи навро меомӯзанд, балки маводи кӯҳнаро мустаҳкам мекунанд [3].

Таълими интерактивӣ :

- «таълиме, ки дар асоси таъсироти мутақобили таълимгиранда бо атрофиён ва муҳити таълимӣ роҳандозӣ шуда, чун соҳаи таҷрибаи азхудшаванда хизмат мекунад»;

- «таълиме, ки ба психологияи муносибатҳо ва таъсироти мутақобили одамон асос ёфтааст»;

- «таълиме, ки ҳамчун раванди якҷояи маърифат дарк мешавад, ки дар он дониш дар фаъолияти муштарак тавассути муколама, суҳбати чанд нафар (полилог) ба даст оварда мешавад» [126].

Методҳои интерактивии таълим ба дидгоҳи ба шахсият нигаронида бештар мувофиқанд, зеро таълими якҷояро (коллективӣ, таълим дар ҳамкорӣ) пешбинӣ менамоянд, зимнан ҳам таълимгиранда, ҳам педагог субъектҳои раванди таълим мебошанд. Педагог аксар вақт танҳо дар нақши ташкилкунандаи раванди таълим, пешбари гурӯҳ, фасилитатор (ёрирасон), фароҳамоварандаи шароит барои ташаббуси таълимгирандагон баромад мекунад. Таълими интерактивӣ ба таҷрибаи худи таълимгирандагон, таъсироти бевоситаи онҳо бо соҳаи таҷрибаи касбии азхудшаванда асос ёфтааст.

Таълими интерактивӣ сатҳи ангезиш ва ҳамроҳшавии иштирокчиёнро ба ҳалли муаммоҳои баррасишаванда баланд менамояд, ки ба фаъолнокии ҷустуҷӯии минбаъдаи иштирокчиён такон дода, онҳоро ба амалҳои мушаххас водор менамояд, бинобар ин, раванди таълим бештар даркшуда мегардад.

Таълими интерактивӣ қобилияти фикрронии ғайриқолабӣ, ба тарзи худ дидани вазъияти муаммовӣ, роҳҳои баромадан аз он; асоснок кардани мавқеи худ, арзишҳои ҳаётии худро ташаккул медиҳад. Хислатҳоеро, мисли маҳорати бодиққат шунидани нуқтаи назари каси дигар, маҳорати ҳамкорӣ, воридшавӣ ба муоширати шариконаро бо зоҳир намудани таҳаммулпазириву хайрхоҳӣ нисбат ба мӯътариз (оппонент) инкишоф медиҳад.

Методҳои интерактивии таълим амалӣ намудани интиқоли воситаҳои ташкили фаъолият, андӯхтани таҷрибаи нави фаъолият, ташкили он, муошират, таассуротро имкон медиҳад. Фаъолияти интерактивӣ на танҳо афзудани донишҳо, маҳорату малакаҳо, воситаҳои фаъолияту иртибот, балки ошкорсозии имконияти нави таълимгирандагонро имкон дода, шарти зарури ташаккулу такмили салоҳиятҳо тариқи ҷалб намудани иштирокчиёни раванди таълим ба фарогирии фаъолияти инфиродӣ ва коллективӣ ҷиҳати андӯхтани таҷриба, дарку пазируфтани арзишҳо мебошад [126].

Татбиқи шаклҳои интерактивии таълим дар амалия яке аз самтҳои муҳимтарини омодасозии донишҷӯён дар мактаби олии муосир мебошад. Дар байни шаклҳои гуногуни таълим нақши муҳимтарин ба лексия мансуб дониста шудааст, ки навъ мушкилтарини кор аст ва онро ба омӯзгорони соҳибтаҷриба ва омодашуда месупоранд. Бо вуҷуди осон намуданаш шакли лексионии таълим сатҳи баланди маҳорати педагогӣ ва санъати суханвариро тақозо мекунад. Омӯзгор бояд пеш аз ҳама, ба методҳои интерактивии таълим таваҷҷуҳ зоҳир намояд, ки ба шарофати онҳо шунавандагон ба раванди таълим фаъолона ҳамроҳ мешаванд. Омӯзгори соҳибтаҷриба донишҷӯёнро ҳидоят намуда, мустақилона дарёфтани ҳалли масъалаҳои вазъиятиро меомӯзонад. Фаъолнокии омӯзгор дар ин маврид бо фаъолнокии донишҷӯён иваз мешавад,

вазифаи омӯзгор бошад, фароҳам овардани шароитест, ки барои инкишофи ташаббуси таълимгирандагон зарур мебошад.

Таълими интерактивӣ - шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ мебошад. Чунин навъи таълим мақсадҳои мушаххас ва пешгӯишавандаро пешбинӣ менамояд, ки аз фароҳам овардани шароити мусоиди таълим иборат аст, вақте ки донишҷӯ ё шунаванда комёб шудан, коршоямии зеҳнии худро дарк менамояд ва ин худи раванди таълимро маҳсулнок мегардонад.

Таълими интерактивӣ чунин мантиқи раванди таҳсилро пешбинӣ менамояд, ки аз мантиқи таълими маъмулӣ фарқ дорад: на аз назария ба амалия, балки аз ташаккули таҷрибаи нав (малака) ба дарки назариявии он. Таҷриба ва донишҳои иштирокчиён ҳамчун манбаи ҳамдигарро таълим додан ва аз ҷиҳати арзишӣ ғанӣ гардидани тарафайн хизмат мекунанд. Бо донишу таҷрибаи фаъолият мубодила намуда, иштирокчиён як қисми вазифаҳои омӯзгорро ба дӯши худ мегиранд, ки ангезиши онҳоро баланд карда, барои самаранокии бештари таълим мусоидат менамояд. Чунин ҷиҳатҳои таълими интерактивиро ошкор метавон кард:

**Ҷадвали №3. Ҷиҳатҳои хоси таълими интерактивӣ**

| **Таълими интерактивӣ** | | | |
|---|---|---|---|
| Таъсироти мутақобили донишҷӯён байни ҳамдигар ва бо омӯзгор (бевосита ё бавосита), ки татбиқи ғояҳои таълими байниҳамдигарӣ ва фикррониии коллективиро дар таълим имкон медиҳад. | Раванди муоширати «баробарҳуқуқ», вақте ки иштирокчиёни чунин муошират шавқманд мебошанд ва барои мубодилаи иттилоот, баёни ғояву ҳалҳои худ, баррасии муаммоҳо тайёранд. | Таълиме, ки ба таҷрибаи таълимгирандагон, ба муаммову вазъияти воқеияти атроф асос ёфтаанд. | Таълиме, ки муколамаи ботиниро фаъол мегардонад, барои фарогирии самтгириҳои арзишӣ аз ҷониби донишҷӯён мусоидат мекунад. |

Татбиқи методҳои интерактивии таълим имкон медиҳад, ки ташкили раванди таҳсил аз ҷиҳати азхудкунӣ ва гирифтани иттилооти нав аз ҷониби

таълимгирандагон ба ваҷҳи беҳтарин сурат гирад, фаъолияти маърифатии онҳо таҳрик дода шуда, дар онҳо маҳорату малакаҳои нав ташаккул ёбанд, ташаккули шахсият ва рушди фарҳангии онҳо фаъол гардад [185].

Кашлев С.С. дар таълифоти илмии худ ҷанбаҳои муҳими истифодаи шаклу методҳои интерактивии таълимро ошкор намудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки истифодаи технологияҳои интерактивӣ дар доираи раванди таълим амсиласозии ҳам вазъияти ҳаётӣ, ҳам касбиро имкон дода, барои андӯхтани малакаҳои муҳими касбӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби таълимгирандагон, дарёфти ҳалли масъалаҳои гузошта ва имконпазир ёрӣ мерасонад. Вақте ки раванди таҳсил бо истифодаи технологияҳои интерактивии таълим ташкил шудааст, тамоми субъектҳои фаъолияти таълимӣ дар як сатҳ қарор доранд, ки ба онҳо қадр кардани фикри каси дигар ва якҷоя дарёфтани созишро ҳангоми ҳалли масъалаҳо меомӯзонад. Ин дар шахсияти таълимгиранда фарҳанги муошират, инсонпарварӣ ва баробарҳуқуқиро ташаккул медиҳад. Азбаски дар методи интерактивии таълим азхудкунии гурӯҳии донишҳо пешбинӣ шудааст, тамоми таълимгирандагон бояд барои азхудкунии донишҳои гирифта ё ба даст овардани донишҳои нав баробар кӯшиш намоянд [60].

Моҳияти методи мазкур дар он аст, ки таълимгирандагон дар фаъолияти якҷоя донишҳои навро ба даст меоранд, ҷустуҷӯи ҳалҳои масъалаҳои гузоштаро амалӣ мекунанд, бо иттилооти дарёфтшуда ва таҷриба мубодила менамоянд. Дар рафти чунин таъсироти мутақобили тамоми субъектҳои раванди таълим онҳо фанҳои таълимиро бо комёбии бештар азхуд мекунанд, пешрафти онҳо дар сатҳи баландтар қарор мегирад. Фаъолияти маърифатии онҳо аз чунин таъсироти мутақобил: донишҷӯ - донишҷӯ, донишҷӯ - омӯзгор иборат аст. Омӯзгор дар схемаи мазкур мавқеи иштирокчии баробарҳуқуқи раванди маърифатро ишғол карда, фаъолияти таълимгирандагонро ташкил менамояд, аммо дар он худаш низ иштирок мекунад, ки робитаи таълимгирандаро бо педагог нисбат ба таълими анъанавӣ бештар қавӣ мегардонад. Омӯзгор нақши мураббӣ ва рафиқро дар раванди таълим иҷро мекунад, барои дарёфти ҳалли дурусти масъала ёрӣ мерасонад, ба донишҷӯён худтанқидкунӣ, эҳтироми

ақидаи дигарон, дарёфтани ҳалҳои ғайриқолабии муаммоҳо, ба тарзи ғайриқолабӣ ва созанда фикр кардан, муносибати эҷодӣ ба иҷрои супоришҳо, барои натиҷаи фаъолият ба дӯши худ гирифтани масъулиятро меомӯзонад. Татбиқи методи таълими интерактивӣ бо ёрии якҷоя кардани шаклҳои гуногуни ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия: гурӯҳӣ ва фронталӣ сурат мегирад. Шакли фронталӣ фаъолияти умумии ягона барои тамоми субъектҳои фаъолияти таълимӣ мебошад, ки баъди он мубодилаи афкор аз рӯйи мавзӯи додашуда ва натиҷаҳои ҳосилшуда сурат мегирад, шакли гурӯҳӣ ё коллективӣ тақсим кардани коллективи таълимро ба якчанд гурӯҳ ҷиҳати иҷрои супоришҳои гуногун дар доираи машғулияти таълимӣ пешбинӣ менамояд. Ин мувофиқат имкон медиҳад, ки тамоми иқтидори машғулияти таълимӣ ва таълимгирандагон барои ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои гузошта ва гирифтани донишу маҳорати нав истифода шавад [63].

Татбиқи методҳои интерактивии таълим на танҳо натиҷаи навсозии раванди таҳсилот аст, балки ба он вобаста мебошад, ки онҳо ноилшавиро ба чунин мақсадҳои таҳсилот имкон медиҳанд:

- баланд кардани пешрафти донишҷӯён;

- фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии онҳо;

- таҳрик додани донишҷӯён барои гирифтани донишу маҳорати нав;

- инкишофи тафаккури танқидӣ, ҳамчун тафаккури ғайриқолабӣ зимни ҳалли масъалаҳои гуногун ё вазъияти проблемавӣ;

- инкишофи таъсироти мутақобили иҷтимоӣ ва малакаҳои муошират бо иштирокчиёни дигари раванди таълим;

- тағйир ёфтани заминаи таълим: ҳамкорӣ ва рафоқат зимни ҳалли масъалаҳо;

- ангезиши таълимгирандагон ба худинкишофдиҳӣ, пайваста гирифтани донишҳои нав, азхудкунии маҳорати нав, на танҳо дар машғулиятҳои аудиторӣ, балки дар вақти барояшон қулай, то ки раванди таълим на фақат дар доираи муассисаи таълимӣ, балки дар дилхоҳ ҷойи мувофиқ сурат гирад [97].

Барои иҷрои вазифаҳои зикршуда дар доираи таълими интерактивӣ ҳамгироии шаклҳои гуногуни ташкили фаъолияти таълимӣ истифода мешаванд: машғулияти ҳамгиро, ки дар он донишҷӯён вазифаи умумиро иҷро мекунанд, масъала ё мавзӯи муайянро баррасӣ менамоянд, дар бозиҳои нақшдор ё дар басаҳнагузории рӯйдодҳо иштирок мекунанд, унсурҳои таълими проблемавӣ истифода мешаванд. Ҳамчунин дар доираи методи мазкур воситаву методҳои таҳрики фаъолияти маърифатии таълимгирандагон корбаст мешаванд, дар раванди таълим шакли кори донишҷӯён ҷиҳати ноилшавӣ ба тавозун байни шаклҳои кори таълимгирандагон ва баланд бардоштани шиддату мутаҳаррикии он тағйир меёбад [101].

Вазифаҳои асосии шаклҳои интерактивии таълим инҳоянд: инкишофи шавқу рағбати донишҷӯён ба фанни омӯхташаванда; амиқу пурратар азхуд шудани мавод; ташаккули малакаҳои ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳои ҳалли вазифаи таълимии гузошташуда; таъсироти байни донишҷӯён ва омӯзгор, ҳамчунин ташаккули малакаҳои кор дар даста; инкишофи таҳаммулпазирӣ ба ҳама гуна нуқтаи назар, эҳтироми ҳуқуқи ҳар як донишҷӯ ба озодии сухан, ҳамчунин шаъну шараф; дар донишҷӯён ташаккул додани ақидаҳои худӣ ва муносибат ба касби оянда.

Ҳамин тавр, ҷиҳати мусбати методикаи баррасишаванда имконияти ҳаддалимкон самаранок ва пурра истифода бурдани вақти барои машғулияти аудиторӣ ҷудошуда мебошад. Ин имкон медиҳад, ки дар машғулият ҳамаи таълимгирандагон ба кор ҷалб карда шаванд, кори инфиродии таълимгирандагон якҷоя бо кори гурӯҳҳои хурд татбиқ гардад, ки яке аз шаклҳои интерактивии ташкили раванди таълим мебошад.

Ба ақидаи мо муҳим он аст, ки таълимгирандагон имконияти арзишманди зоҳиркунӣ ва татбиқи иқтидори касбиро пайдо мекунанд, дар онҳо шавқу рағбати назаррас ба ихтисоси интихобшуда ҳосил мешавад, онҳо аҳамияти касби омӯзгорро дарк намуда, муносибати боэҳтиромро ба он ташаккул медиҳанд.

Бо такя ба мушоҳидаҳо ва таҷрибаи таълими фанни «Ҳуқуқ» баъзе талаботро ба тадриси босифати он дар мактаби олӣ муайян бояд кард.

Дар хотир доштан муҳим аст, ки омӯзиши ҳуқуқ, дарки ҳуқуқу уҳдадориҳои худ аз ҷониби донишҷӯён ба онҳо имкон медиҳад, ки минбаъд ба вазъияти ҳуқуқӣ сарфаҳм раванд, низоъҳоро ҳам дар фаъолияти касбӣ, ҳам дар вазъияти ҳаётӣ сари вақт ҳал кунанд.

Қайд бояд кард, ки натиҷаи мусбати донишҳои ҳуқуқӣ зимни татбиқи методҳои гуногуни таълим имконпазир аст.

Ба назари мо, машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ бояд бо назардошти пайдо шудани технологияҳои нав ва мутаносибан, татбиқи онҳо дар амалия сурат гиранд.

Чунончи машғулиятҳои лексиониро дар шакли лексияи муқаддимавӣ, лексияи академӣ, лексия - суҳбат, лексия - мубоҳиса ва ғайра гузаронидан мумкин аст [37, с. 5-6]. Чунин навъҳои лексия дер боз маълуманд, аммо онҳоро бо роҳи истифодаи таҷҳизоти ёрирасон навсозӣ метавон кард.

Лексияи муқаддимавӣ имрӯз дар шакли муаррифӣ (пурра ё қисман) гузаронида мешавад. Алоҳида мақсаду вазифаҳои курси мазкур, талабот ва низоми баҳодиҳии донишҳоро нишон додан мумкин аст. Маводро дар намуди қисмҳо баён кардан мувофиқ мақсад аст. Ҳар яки онро аз назар гузаронида, таълимгирандагон дар бораи чизҳое тасаввурот пайдо мекунанд, ки минбаъд меомӯзанд, кадом донишҳо, маҳорату малакаҳоро баъди анҷоми курс ҳосил менамоянд.

Имрӯз имконияти бештар шавқовар пешниҳод кардани маводи лексияи муқаддимавӣ фароҳам оварда шудааст, масалан, нишон додани видеонаворе, ки дар он тамоми унсурҳои машғулияти мазкур дар шакли аёнӣ ва дастрас нишон дода шудаанд. Донишҷӯ он маводеро хуб азхуд мекунад, ки на танҳо мешунавад, балки муоина карда, баҳо медиҳад [129, с. 81].

Лексияи академӣ методи анъанавии баёни мавод мебошад. Онро аз раванди таълими ҳуқуқ ё ҳама гуна фанни дигар пурра истисно кардан мумкин нест. Қайд бояд кард, ки лексияи мазкур бояд бо сатҳи баланди илмӣ

(пешниҳоди ақидаҳои гуногун оид ба объекти омӯзиш,  иқтибоси гуфторҳои олимон дар соҳи мазкур), мантиқи дақиқу қатъӣ (дар ҳар як соҳа ҷудо кардани схемаи муайян: предмет, метод, субъектҳо, объектҳои соҳа), исботҳои боэътимод ва хулосаҳои кӯтоҳ фарқ кунад. Лексияи академӣ бо мисолҳои аёнӣ ҳамроҳ сурат мегирад - тарҳрезии схемаҳо ё ҷадвалҳо барои сабт аз ҷониби донишҷӯён, ки самаранок азхуд шудани маводро имкон медиҳад. Қайд бояд кард, ки лексияҳои мазкур нақли оддии матн аз китоби дарсӣ, балки интиқоли донишҳоест, ки омӯзгор дар давоми солҳои фаъолияти илмӣ ва амалияш андӯхтааст.

Дар таълими фанни «Ҳуқуқ» бештар лексия - суҳбат паҳн шудааст. Зимни ҷалби фаъолонаи таълимгирандагон чунин шакл имкон медиҳад, ки сатҳи донишҳои онҳо оид ба мавзӯъ ошкор гардида, шавқи шунавандагон барангехта шавад. Дар режими мазкур баёни тезисии мавод пешниҳод мешавад, ки дар идома зимни муошират бо аудитория кушода дода мешавад. Дар чунин шакл қабул кардани иттилоот аз рӯйи мавзӯъҳое, мисли ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи меросӣ, ҳуқуқи меҳнат барои донишҷӯён шавқовар аст. Ҳангоми чунин муошират омӯзгор масъалаҳои бештар проблемавии мавзӯъро ошкор намуда, вобаста ба хусусиятҳои аудитория суръат ва мундариҷаи лексияро муқаррар мекунад, ки баррасии ҳаҷми бештари маводро имкон медиҳад.

Зимни омӯзиши ҳуқуқ лексия - мубоҳисаро истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Дар ин ҳолат барои баёни мавод қисмҳои асосии мантиқан алоқамандро ҷудо кардан зарур аст. Баъди анҷоми ҳар як қисм ба донишҷӯён савол дода, фикри онҳоро аз рӯйи муаммоҳои баррасишаванда бояд шунавид. Одатан, ҷавонон зимни чунин муошират зиндадил шуда, кӯшиш мекунанд, ки бо такя ба донишҳои ҳуқуқиашон нуқтаи назари худро қатъӣ ҳимоя намоянд.

Методи «мини - лексия» ба сифати методи интерактивии таълим дар машғулиятҳои таълимӣ оид ба фанҳои силсилаи ҳуқуқ истифода мешавад. Он яке аз воситаҳои пешниҳоди маводи таълимӣ-назариявӣ ё мавзӯи машғулияти таълимӣ буда, дорои лаҳзаҳои асосии тезисӣ мебошад, ки барои омӯзиши он

муҳиманд. Дар рафти машғулият омӯзгор аз таълимгирандагон мепурсад, ки онҳо дар бораи мавзӯи мазкур чиро медонанд, сипас ба онҳо тасаввуроти умумӣ ё маълумотро дар бораи ҷанбаҳои муҳими мавзӯъ пешниҳод мекунад. Баъди ин таълимгирандагон фарзия ва гумонҳои худро оид ба маводи нав ташаккул дода, ба омӯзгор ҷавобро пешниҳод мекунанд. Ба ин васила онҳо мавзӯи додашуда бо иттилоот пурра карда, онро фаъолона меомӯзанд.

Омӯзиши мукаммали ҳуқуқ бидуни машғулиятҳои амалӣ ғайри-имкон аст, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқии таълимгирандагон, малакаҳои тафаккури танқидӣ оид ба фанни омӯхташаванда нигаронида шудаанд [172, с. 43].

Шакли машғулиятҳои амалӣ метавонад гуногун бошад, аз ҷумла, суҳбати густаришёфта (масалан, рӯёнидани алимент барои таъминоти фарзандон), мизҳои мудаввар (роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсарон), бозиҳои корӣ (мерос аз рӯйи қонун ва васиятнома, таъсиси Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд), мубоҳисаҳо (дузанагӣ ё бисёрзанагӣ), ҳалли масъалаҳо аз рӯйи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ.

Яке аз методҳои асосӣ ва серистифодаи таълими интерактивӣ дар машғулиятҳои фанҳои ҳуқуқ бозии корӣ мебошад. Он рафтор ва муносибатҳоеро амсиласозӣ мекунад, ки барои фаъолияти оянда хосанд, ба ҳалли муаммоҳои касбӣ, ихтилофу мушкилоти воқеии вазъияти касбӣ мусоидат менамояд» [134, с.120].

Корбасти бозиҳои корӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим ба фаъолияти воқеию амалии мутахассиси оянда наздик карда шавад. Иштирокчиёни фаъолияти бозии тақлидӣ дар ягон нақш баромад карда, қарорҳои идоракунӣ мебароранд ва дар коллектив ақидаҳои худро ҳимоя мекунанд.

Дар адабиёти муосири илмӣ чунин соҳаҳои татбиқи бозии корӣ фарқ карда мешаванд:

- соҳаи таълимӣ;
- соҳаи таҳкиқотӣ;
- соҳаи фаврӣ-амалиётӣ [132].

Моҳияти методи бозии корӣ аз фаъолгардонии тафаккури донишҷӯён бо мақсади баланд бардоштани мустақилияти мутахассисони оянда бо роҳи амсиласозии эҷодии вазъияти таълимӣ иборат аст, ки ба воқеияти касбии фаъолияти педагогӣ наздик карда шудаанд [34].

Ба ақидаи муҳаққиқон, зимни ташкили фаъолияти таълимӣ бо истифодаи методи бозии корӣ азхудкунии иттилоот ба 90% мерасад, ки баҳогузории самаранокии татбиқи методҳои фаъоли таълимро дар баробари методҳои репродуктивӣ имкон медиҳад [132].

Бозии корӣ ба рушди таҷрибаи касбии амалӣ нигаронида шудааст, аммо дар баробари ин, ба инкишофи малакаҳои иртиботӣ, ҳосилшавии фарҳанги муоширати байнишахсӣ ва рафтори касбӣ мусоидат менамояд.

Фазои муайяни эҳсосотӣ, ки дар бозӣ ҳукмфармост, ба сатҳи баланди ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ мусоидат карда, ангезиши онҳоро барои фарогирии донишҳо ва салоҳиятҳои касбӣ баланд мекунад, ҳамчунин баланд гардидани натиҷаҳои фарогирии касбро таҳрик медиҳад. Бо роҳи тақсими нақшҳо бозии корӣ фаъолнокии ҳар як донишҷӯро таҳрик дода, имконияти нишон додани худ, баёни нуқтаи назари худро фароҳам меорад, ки барои баландшавии сатҳи боварӣ ва худбаҳодиҳии донишҷӯён мусоидат менамояд [132].

Дар рафти таълими ҳуқуқ гузаронидани бозиҳои корие мувофиқи мақсад аст, ки ба вазъияти ҳуқуқии мураккаб дахл доранд. Ҳамин тавр, таҷрибаи касбии мутахассиси оянда аллакай дар низоми омодасозии донишгоҳӣ ба ташаккулёбӣ оғоз меёбад.

Бозии корӣ бевосита аз такрори фаъолияти нақшҳои гуногун дар корхонаҳо, ташкилот, муассисаҳо, ширкатҳо ва соҳаҳои дигари истеҳсолоту меҳнат иборат аст. Такрори зикршуда донишҷӯёнро ба раванди тақлиди фаъолияти касбӣ, баррасии вариантҳои ҳалли муаммоҳои муайяни идоракунӣ, молиявӣ, кадрӣ ё хоҷагидорӣ ва интихоби беҳтарини онҳо ҷалб менамояд [32].

Дар адабиёти методии муосир муаммои таснифоти бозиҳои корӣ, махсусияти татбиқи онҳо дар раванди таълими фанҳои мактаби олӣ фаъолона

коркард мешавад, ки ба омӯзгорон истифодаи дидгоҳҳои инноватсионии илмӣ ва коркардҳои амалиро барои омодасозӣ ва гузаронидани машғулиятҳо бо истифодаи бозиҳои корӣ, аз ҷумла, зимни банақшагирӣ ва татбиқи қисми амалии курсҳои таълимӣ имкон медиҳад.

Шаклҳои асосии бозиҳои кориро баррасӣ менамоем, ки дар машғулиятҳо бо мақсади баландкунии сатҳи азхудкунии донишҳои назариявӣ ва ташаккули салоҳиятҳои калидии касбӣ метавонанд истифода шаванд:

- бозиҳои нақшдор, ки аз коркарди тактикаи пазируфтани нақшҳои муайяни иҷтимоӣ, вазифаҳо, уҳдадориҳо, амалҳо аз ҷониби донишҷӯён иборатанд;

- бозиҳои тақлидӣ, ки дар раванди онҳо тақлиди фаъолияти ягон корхона, ташкилот ё ширкат сурат мегирад, иштирокчиён амалҳоеро инъикос мекунанд, ки фаъолиятии дастгоҳи идоракунӣ ё кормандони ташкилотро тақлид мекунад ва ин барои ҳосилкунии малакаҳои рафтории касбӣ ва иҷтимоӣ имкон медиҳад;

- бозиҳои вазъиятӣ, ки аз фароҳам овардани вазъияти гуногуни касбӣ ва иҷтимоӣ иборат аст, ки дар рафти он мушоҳида ва таҳлили рафтори одамон рӯй медиҳад;

- бозиҳои амалиётӣ, ки ҳамчунин тренингҳо номида мешаванд, коркарди амалиёти махсуси таъйиноташон касбӣ ё иҷтимоиро имкон медиҳанд [28].

Истифодаи чунин бозиҳо дар амалияи таълими ҳуқуқ беҳтар кардани раванди аз ҷониби донишҷӯён фарогирии низоми донишҳо, маҳорату малакаҳои касби мушаххас, шиносоиро бо амсилаҳои рафтор дар вазъияти воқеии касбӣ, ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги касбиро имкон медиҳад.

Мақсади фаъолияти бозӣ аз се ҷанба иборат аст:

- гирифтани донишу малакаҳо барои кори ояндаи касбӣ;

- баҳодиҳии худ дар нақши иҷрошаванда;

- ғолибият дар мусобиқа [166, с.10].

Истифодаи методи таълим дар асоси бозӣ барои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда мувофиқи мақсад аст. Таълим дар заминаи бозӣ

фаъолияти маърифатӣ мебошад, ки дар вақти он дар донишҷӯён ташаббус, мустақилият, худфаъолият зоҳир гардида, мавқеи фаъол ҳосил мешавад, фазои эмотсионалӣ ва зеҳнӣ, рифоҳи психологӣ ба вуҷуд меояд. Таълим дар асоси бозӣ инкишофи маҳорати ишғол кардани мавқеи фаъолона, маҳорати худидоракуниии фаъолияти шахсиро (худсозмондиҳӣ, худтатбиқнамоӣ, худназорат) таъмин менамояд.

Дар машғулиятҳои фанни “Ҳуқуқ” мо методи бозии кориро аз рӯйи мавзӯъҳои «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» - Масъулияти тарафайни давлат ва шахсият дар мисоли шартномаи сетарафаи таълими донишҷӯёни гурӯҳи буҷавӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», «Ҳуқуқи гражданӣ» - Мерос аз рӯйи қонун ва васиятнома, «Ҳуқуқи оилавӣ» - Воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсарон, «Ҳуқуқи андоз ва соҳибкорӣ» - Таъсиси Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд ва бақайдгирии давлатии он дар мақомоти андоз истифода бурдем.

Дар мавзӯи «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» вобаста ба масъулияти тарафайни давлат ва шахс дар мисоли шартномаи сетарафаи таҳсил, ки байни донишгоҳ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва донишҷӯ баста мешавад, бозии корӣ гузаронида шуд. Тарафҳо тибқи шартномаи басташуда ҳуқуқу уҳдадориҳои худро ироа намуданд. Инчунин бо оқибатҳои ҳуқуқӣ дар сурати вайрон кардани шартнома огоҳ шуданд. Намояндаи донишгоҳ - омӯзгор ба сифати яке аз тарафҳои шартнома донишҷӯёнро бо муқаррароти Тартиби баргардонидани маблағҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои тайёр кардани мутахас-сисон харҷ шуданд, шинос кард (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.22 таҳти № 563).

Дар мавзӯи «Ҳуқуқи гражданӣ» донишҷӯён дар бозии корӣ ба се гурӯҳ - меросхурони қонунӣ, меросхурон аз рӯйи васиятнома ва нотариуси давлатӣ тақсим шуданд. Дар бозӣ меросгирандагон ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаро ба нотариус пешниҳод карда, ҳар яке мерос талаб карданд. Аз ҷониби омӯзгор, ки нақши нотариусро бозӣ кард, муҳтавои қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 1165-1180) фаҳмонида шуд.

Вобаста ба мавзӯи «Ҳуқуқи оилавӣ» оид ба тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи молумулкии зану шавҳар бозии корӣ гузаронида шуд. Донишҷӯён дар ин бозӣ ба зан, шавҳар, кӯдакони ноболиғ тақсим шуда, ба суд оид ба тақсимоти амволи муштараки зану шавҳар, оиди рӯёнидани амволи тӯҳфашуда мурочиат намуданд. Омӯзгор нақши судяро бозӣ карда, ба тарафҳо муҳтавои моддаҳои 35-40 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаҳмонид.

Дар мавзӯи «Ҳуқуқи андоз ва соҳибкорӣ» донишҷӯён ба соҳибкор ва мақомоти бақайдгиранда тақсим шуда, бо мақсади таъсис додани Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд ва ё ҳамчун соҳибкори инфиродӣ аз қайди давлатӣ гузаштан ба нозироти андоз мурочиат намуданд. Аз намояндаи нозироти андоз дар бораи номгӯйи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва тартиби бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009 с. маълумот гирифтанд.

Ҳамин тавр, бозиҳои кории гузаронидашуда на танҳо ба омӯзиши амиқи соҳаҳои ҳуқуқ таҳрик доданд, балки ба дарки эҷодии мавқеи худ дар фаъолияти ҳуқуқӣ мусоидат намуданд.

Дар натиҷа бозиҳои корӣ ба озодшавии нерӯҳои эҷодии ҳам донишҷӯ, ҳам педагог мусоидат карда, имконияти озодона фикр ронданро фароҳам оварданд.

Яке аз методҳои таълими интерактивӣ методи кейсҳо мебошад. Заминаи методи мазкурро на вазифаҳои махсус интихобшуда ва аз ҷониби омӯзгор таҳияшуда, балки ҳолатҳои воқеӣ ташкил медиҳанд, ҳам зимни иҷрои корҳои муайян ва вазифаҳои  меҳнатӣ, ҳам дар ҳолатҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ғайра, ки дар ҳаёти воқеӣ рӯй медиҳанд. Афзалияти вазъияти воқеӣ нисбат ба вазъияти хаёлан бофташуда асосан дар андӯхтани таҷриба аз ҷониби донишҷӯён аст, зеро масъалаҳои воқеӣ ва вазъияти проблемавиро ҳал карда, онҳо алгоритми воқеии ҳалли онҳоро дар ҳаёти воқеӣ ҳосил менамоянд [60].

Методи кейсҳо методи комплексӣ мебошад, ки аз методҳои муттаҳидшудаи маърифат иборат аст. Дар доираи он методи амсиласозӣ,

методи таълими проблемавӣ, методи мубоҳиса, ҳуҷуми зеҳнӣ, таҳлили муназзами вазъият, методи таълим дар асоси бозӣ, озмоишӣ фикриро фарқ кардан мумкин аст. Ҳамгироии методҳои мазкур пеш аз ҳама, ба иҷрои вазифаҳои онҳо нигаронида шудааст. Дар сохтори кейс - метод ҷузъҳои барангезанда низ ҷой доранд, ки бояд фаъолияти донишҷӯёнро барои вокуниши гурӯҳи таълимӣ таҳрик диҳанд, ки мубоҳисаҳоро оид ба мундариҷаи кейс ба миён меорад. Ин дар онҳо коркард ва ҳимояи мавқеи худ ва асоснок кардани он, ташаккули малакаву маҳорати иртиботӣ, ҷустуҷӯи ҷавоб ба масъалаҳо бо роҳи тафаккури ғайриқолабӣ ва эҷодӣ машқ медиҳад.

Кейсҳо шаклҳои гуногун дошта бошанд, ҳам чопӣ, ҳам электронӣ, зеро шакли ягонаи пешниҳоди онҳо вуҷуд надорад. Кейс метавонад на танҳо матни чопӣ, балки файлҳои бисёррасонаӣ, мисли видео, аксҳо, графикҳо, аудио - файлҳоро дарбар мегирад, ки вазифаро шавқовару ҷолиб карда, таълимгирандагонро ба ҳалли бомуваффақияти он таҳрик медиҳад.

Мубрамии таҳқиқот дар он аст, ки имрӯз кейс-метод имкон медиҳад, ки бисёр вазифаҳои таҳсилот ҳал шаванд, он ба ташаккули салоҳияту малакаҳои касбии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Истифодаи кейс - методҳо дар машғулиятҳо аз рӯйи фанҳои ҳуқуқшиносӣ афзудани маҳсулнокии донишҷӯёнро дар ҳалли вазъияти проблемавӣ имкон дода, ба фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ, инкишофи шаклҳои ғайриқолабии тафаккур, дидгоҳи эҷодӣ дар иҷрои супоришҳо мусоидат мекунанд. Методи мазкур дар таълимгирандагон маҳорати ҳосилкунии стратегияҳо, таҳияи нақшаҳоро оид ба ҳалли муаммову мушкилот ташаккул медиҳад. Ин шавқу рағбати таълимгирандагонро зиёд намуда, ба баландшавии сатҳи ангезиши онҳо ба фаъолият, гирифтани донишҳои нав барои ҳалли муаммо ва вазъият, таҳрики фаъолияти худомӯзӣ, азхудкунии фан мусоидат менамояд. Дар доираи методи мазкур таълимгирандагон ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд, баррасии муштараки кейсҳо дар онҳо малакаву сифатҳои иртиботӣ ва пешбариро ташаккул медиҳанд, нутқи касбӣ ва луғати дахлдор, маҳорати кор

дар коллектив, якҷоя тақсим кардани нақшҳо ва ҳалли вазифаҳоро дар доираи раванди таълим ҳосил мекунонанд [60].

Барои расидан ба мақсади гузошташуда ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- муайян кардани моҳияту аҳамияти кейс - метод дар таълими фанни ҳукуқ;

- баррасии хусусиятҳои асосии кейс - метод ва мақсади татбиқи он дар таълими фанни ҳуқуқ;

- муқаррар кардани марҳалаҳои гузаронидани машғулиятҳои таълимии фанни ҳуқуқ бо истифодаи методи кейсҳо.

Хусусияти кейс ҳамчун методи таълим аз он иборат аст, ки он донишҳои ҳамгироро оид ба ҳуқуқ дода, барои синтези донишҳое ёрӣ мерасонад, ки аз рӯйи мавзӯъҳои «Ҳуқуқи меҳнат», «Ҳуқуқи оилавӣ», «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «Ҳуқуқи гражданӣ» фаро гирифта шудаанд.

Марҳалаҳои гузаронидани машғулияти таълимӣ бо истифодаи кейс - методҳо:

1. Марҳалаи ташкилӣ. Дар ин марҳала омӯзгор донишҳои таълимгирандагонро муайян намуда, мавзӯи машғулиятро баён мекунад ва оид ба иҷрои кейс - супоришҳо дастур медиҳад, коллективро ба гурӯҳҳои баробар ҷудо карда, кейс - супоришҳоро тақсим менамояд. Донишҷӯён иттлоотро гӯш карда, дарк менамоянд.

2. Марҳалаи иҷрокунӣ. Дар ин марҳала омӯзгор пешбари ҳар як гурӯҳро муайян карда, бо онҳо оид ба иҷрои кейс - супоришҳо машварат гузаронида, ба саволҳои таълимгирандагон ҷавоб медиҳад. Таълимгирандагон дар ин марҳала кейс - супоришҳоро иҷро карда, ҷустуҷӯ ва интихоби иттилоотро анҷом медиханд, дар бораи ҳалли масъала ақидаҳояшонро баён карда, ҷавоби ягонаро ифода менамоянд.

3. Марҳалаи ниҳоӣ. Дар ин марҳала омӯзгор ҷавобҳои пешбарони гурӯҳҳоро мешунавад ва натиҷаи дарс ва дониши гирифтаи донишҷӯёнро тахлил мекунад, иҷрои кейс – супоришҳо барои ҳар як гурӯҳ баҳо медиҳад. Донишҷӯён хатогиҳои ҳангоми ҳалли масъала роҳдодаро таҳлил мекунанд,

донишҳои навро оид ба мавзӯъ ва малакаҳои корӣ дастаҷамъона мегиранд, инчунин барои худ натиҷаҳои дарси амалиро ташаккул медиҳанд [159].

Алгоритми ҳалли кейс-вазъият оид ба фанҳои ҳуқуқ:

- Шиносоӣ бо вазъияти ҳуқуқӣ, муайян кардани хусусиятҳои он ва навъи муносибатҳои ҳуқуқие, ки ба миён омад;

- Пешниҳоди консепсияҳо ё мавзӯъҳо барои «ҳуҷуми зеҳнӣ» оид ба ҳалли вазъияти проблемавии ҳуқуқӣ;

- Таҳлили оқибатҳои қабули ҳар як қарори имконпазир, интихоби ҳалли беҳтарин дар вазъияти пешниҳодшуда;

- Танзими ҳуқуқии вазъияти ҳуқуқии проблемавӣ, пешниҳоди як ё якчанд варианти ҳалли он [101].

Методи кейсҳо имкон медиҳад, тамоми навъҳои баҳодиҳӣ истифода шаванд:

- назорати ҷорӣ, ки ба баҳодиҳии фаъолият ва кори ҳар як таълимдиҳандаро дар раванди баррасии кейс - супориш мусоидат менамояд;

- назорати байнифосилавӣ, ки аз инъикоси динамика ва рафти ҳалли кейс аз ҷониби таълимгирандагон иборат аст

- назорати ҷамъбастӣ, ки бомуваффақият ва дуруст будани ҳалли кейс - супориш ва азхудкунии супоришҳои фан аз ҷониби таълимгирандагон [108].

Методи таҳлили кейсҳо ба суҳбат ҷалб кардани донишҷӯёнро бо роҳи муроҷиати бевосита имкон медиҳад, масалан: «Шумо дар ин ҳолат чӣ гуна рафтор мекардед?», «Дар ин хусус чӣ фикр доред?», «Шумо кадом қарорро қабул мекунед?» ва ғ. Ин методро ҳам барои муайянкунии фикри иштирокчиёни алоҳидаи таҳлил, ки дар машғулиятҳо фаъоланд, ҳам барои ба мубоҳиса ҷалб кардани онҳое метавон истифода кард, ки бо сабаби шармгинӣ ё сабабҳои дигар хомӯш буданро афзал мешуморад.

Барои инкишофи малакаву маҳорати мушаххаси донишҷӯён такрори бисёркаратаи технологияи мазкур зарур аст. Самаранокии машғулият бо ёрии кейс -технология бештар ба маҳорати омӯзгор дар ташкили кори гурӯҳӣ - равона кардани суҳбат ба маҷрои даркорӣ,ба мубоҳиса ҷалб кардани тамоми

иштирокчиёни раванди таълим, ташкили робитаи акс бо иштирокчиёни машғулият, сари вақт пешниҳод кардани ҳаволаҳо ба адабиёт, ҷамъбасти натиҷаҳо ва баровардани хулосаҳои созанда вобаста мебошад.

Ба сифати муаммо барои кейс - таълим мо мавзӯъҳои «Қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо» (Ҳуқуқи меҳнат), «Рӯёнидани алимент барои таъминоти фарзандон» (Ҳуқуқи оилавӣ), «Оқибатҳои ҳуқуқии никоҳи мусулмонӣ» (Ҳуқуқҳои оилавӣ ва гражданӣ), «Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноят» (Ҳуқуқҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ) интихоб шуданд. Чунончи:

1. Ҳуқуқи меҳнат. М.Абдуллоев дар ширкати «Чарх» ба сифати борбардор дар асоси шартномаи меҳнатӣ фаъолият дошт. Соли навро хурсандона пешвоз гирифта, сипас то 10.01.2023 ба кор набаромад. Сардори шуъбаи кадрҳо якчанд маротиба ба ӯ занг зада, аз ҳолаш пурсон шуд. М.Абдуллоев бо ҳар баҳона ваъда дод, ки пагоҳ ба кор мебарояд, лекин танҳо 10.01.23 ба кор ҳозир шуда, ба роҳбарият ариза оиди бо хоҳиши худ аз кор озод шуданро пешниҳод кард. Саволе ба миён меояд: Оё маъмурият метавонист то 10.01.23 нисбати Абдуллоев М. ягон чораи қонунӣ андешад? Донишҷӯён ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, оид ба ин масъала андеша ронданд. Аз ду гурӯҳ намояндагон баромад карда, фикру ақидаи гурӯҳро баён карданд. Муайян карда шуд, ки донишҷӯён аз дарсҳои лексионӣ дарк намудаанд, ки тибқи моддаи 42 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан, аз ҷумла, дар давоми рӯзи корӣ 3 соат дар ҷойи кор набудан барои бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо асос ба шумор меравад.

Дар охир омӯзгор ақидаҳои донишҷӯёнро ҷамъбаст карда, ба хулосабарории онҳо баҳои ҳуқуқӣ дод. Инчунин аз ҷониби омӯзгор муҳтавои моддаҳои 41 (бо ташаббуси корманд бекор кардани шартномаи меҳнатӣ) ва 42-юми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро (бо ташаббуси корфармо бекор кардани шартномаи меҳнатӣ ва моддаи 44 –уми ҳамин Кодекс (мувофиқаи он бо Кумитаи иттифоқи касаба) ба донишҷӯён ёдрас гардид.

Чунин шакли кор омодасозии назариявии пешакиро дар соҳаи ҳуқуқҳои оилавӣ, граждании ва маъмурӣ, ҳамчунин истилоҳоти мавзӯи мазкурро назар дошт.

Ҳангоми истифодаи методи кейсҳо дар таълими фанҳои ҳуқуқ сатҳи ангезиши донишҷӯён барои гирифтани донишу маҳорати нав дар раванди таълим меафзояд; муносибати том ба раванди фарогирии малакаву маҳорати ҳуқуқии истифодаи методи мазкур ташаккул меёбад; қобилият ба татбиқи эҷодӣ ва худбаҳодиҳии рефлексивӣ инкишоф меёбад; сатҳи омодагии амалӣ ба фаъолияти касбӣ бо истифодаи донишҳо оид ба ҳуқуқ баланд шуда, ба ин васила, рушди салоҳиятҳои умумӣ ва касбии онҳо амалӣ мегардад. Ниҳоят, бо ёрии татбиқи кейс  - метод раванди таълими фанҳои ҳуқукро аз ҳисоби таъсироти мутақобил бештар маҳсулнок кардан мумкин аст, ки гирифтани донишу маҳорати заруриро имкон медиҳад. Ин раванди таълим дар муассисаи таълимӣ, ки таълимро аз рӯйи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамояд, бештар самаранок мегардонад.

Ба методҳои интерактивии таълим мубоҳисаҳои гурӯҳӣ ва байнигурӯҳӣ мансубанд. Методи мубоҳисаи гурӯҳӣ пеш аз ҳама, ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти якҷоя бо мақсади ҳалли фаврӣ ва самараноки вазифаҳо, инчунин ҳамчун методи таълими фаъол ва таҳрики равандҳои гурӯҳӣ дар гурӯҳҳои табиӣ ва махсус ташкилшуда истифода мешавад.

Мубоҳиса мубодилаи афкор оид ба масъала дар мувофиқат бо қоидаҳои амалиёт ва иштироки тамоми иштирокчиён ё чанд нафар аз онҳо мебошад.

Мубоҳиса яке аз методҳои асосӣ ва маъмули таълими интерактивӣ дар машғулиятҳои фанни ҳуқуқ аст, вақте ки дар доираи раванди таълим вазифаи ҳалли масъала ё муаммо тавассути муҳокимаи умумӣ ба миён гузошта шудааст. Дар доираи методи мазкур дар таълимгирандагон малакаҳои иртиботӣ - иҷтимоӣ фаъолона инкишоф меёбанд. Инчунин методи мазкур фаъолияти маърифатии таълимгирандагонро таҳрик дода, ангезиши онҳо барои ҷустуҷӯ ва ҳосилкунии ҷавоби дуруст ба саволи додашуда баланд мешавад, аз ин бармеояд, ки фаъолияти онҳо оид ба гирифтану азхудкунии донишҳои нав

ангезиш меёбад. Мубоҳиса яке аз навъҳои баҳс буда, моҳиятан чунин аст, ки таълимгирандагон бонавбат фикри худро баён карда, дар рафти баррасиҳои кӯтоҳ хулосаи дурусти аз ҷониби ҳама эътирофшуда мебароранд [118].

Мубоҳиса ба сифати ҳам методи мустақил ва ҳам шакли самараноки раванди ташкилӣ оид ба ҳамгирокунии мутахассисони соҳаҳои гуногун барои муҳокимаи ин ё он муаммои методологӣ истифода шуда метавонад. Мубоҳисаҳо аз рӯйи нишонаҳои гуногун фарқ мекунанд:

- детерминантаи пешбар;
- предмети муҳокима (аз рӯйи ихтилофи асосӣ);
- натиҷа;
- мақсади мубоҳиса;
- самаранокӣ;
- муташаккилӣ ва идорашавандагӣ.

Дар адабиёт оид ба ин муаммо ҳамчунин техникаҳо, тактика ва стратегияҳои гуногуни мубоҳиса фарқ карда мешаванд. Аз нуқтаи назари Панфилова А.П. чунин навъҳои мубоҳиса вуҷуд доранд: озодона, барномавӣ ва мобайнӣ (созишкорона) [126].

Ба мубоҳисаи озодона инкишофи худ аз худ рӯйдиҳанда, муташаккилии сатҳаш паст хос мебошад. Чунин мубоҳиса ҷиҳатҳои ҳам мусбат, ҳам манфӣ дорад. Ба афзалияти он пеш аз ҳама, набудани танзими қатъӣ ва озодии баёнро мансуб бояд кард, ки ба фаъолнокии бештар ва озодии иштиокчиён мусоидат менамояд. Ин бошад, дар навбати худ, майдони нуқтаи назарҳо ва дидгоҳҳои имконпазирро оид ба ҳалли вазъият васеъ мекунад. Ба норасоиҳои чунин техникаи мубоҳиса номуташаккилӣ дахл дорад, ки дар рафти он мақсади мубоҳисаро гум карда, бесарусомониро барангехтан мумкин аст.

Мубоҳисаи барномавӣ мавҷудияти алгоритми муайян, нақшаи гузаронидани онро пешбинӣ менамояд, ки сенарияи мубоҳиса, пайдарпаии қадамҳо, тарҳрезии амалкарди иштирокчиёнро пешбинӣ менамояд. Ҷиҳати мусбати чунин типи мубоҳиса самтбахшии оқилонаи кӯшишҳои иштирокчиён

барои ноилшавӣ ба мақсади гузошташуда, ҷиҳати манфӣ - маҳдудияти ташаббуси иштирокчиён мебошад.

Мубоҳиса одатан аз рӯйи порчаҳои алоҳида - марҳалаҳо сурат мегирад. Роҳбарии ҳар як марҳаларо баранда амалӣ менамояд, ки рафти он, тамоми амалиётро танзим мекунад, муаммо, саволҳоро барои мубоҳиса пешниҳод мекунад, риояи регламентро талаб менамояд, ба мубодилаи афкор роҳбарӣ карда, сухани хулосавиро ифода мекунад. Барои гузаронидани чунин мубоҳиса нақшҳоро тақсим кардан зарур аст, ки иҷрои онҳо ба баҳс ҷалб намудани аксари иштирокчиён, ба шиддати эмотсионалӣ, махсусан, ҳангоми ба миён омадани низои афкор ноил гардиданро имкон медиҳад.

Байни иштирокчиёни мубоҳиса нақшҳо тақсим карда мешаванд. «Ҳосилкунандагони ғояҳо» оид ба моҳияти муаммои дар вазъият тавсифшуда ва ҳалли имконпазири он пешниҳодҳо мекунанд.

Дар мубоҳисаи гурӯҳӣ ба сифати доварон (оппонент) аз се то ҳашт нафар иштирок карда метавонанд, ба ғайр аз омӯзгор, ки барандаи муҳокима аст, аммо воситаи асосии иртибот бо вуҷуди хусусияти полилогии ин жанр муколама боқӣ мемонад, ки ҳар дафъа танҳо ду иштирокчӣ амалӣ мекунанд. На танҳо ифодаи оддии муаммо, балки таҳлили сабабҳои пайдоиши он, тамоюлҳои имконпазири инкишоф, бисёралтернативӣ будани дидгоҳҳо нисбат ба муҳокима муҳим аст: идоракунӣ, касбӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, этикӣ ва ғ [126].

Ҳамчунин ташкили дурусти муҳити фазоӣ дар вақти мубоҳиса ҷиҳати муҳим ба шумор меравад. Дар шакли нимдоира иштирокчиёни мубоҳиса, рӯбарӯи баранда ва баромадкунандагони асосӣ шинондани иштирокчиён мувофиқи мақсад аст, то ки онҳо ҳама чизро бинанд ва шунаванд, сигналҳоро эҳсос намоянд, ки дар бораи ҳолати экспрессивии иштирокчии суханкунандаи мубоҳиса, муносибати ӯ ба муаммо гувоҳӣ медиҳад.

Мубоҳисаи байнигурӯҳӣ на танҳо шакли кори мустақилонаву фаъолонаи таълимгирандагон, балки воситаи вайронкунии қолабҳо, бартараф намудан ва гузориши масъалаҳо, ташкили тафаккури эҷодӣ ва фаъолияти маҳсулнок, мубодилаи афкор ва таҷрибаи шахсии ҳалли муаммоҳои вазъиятӣ, афкору

нуқтаҳои назар, ҳамчунин ҳосилкунии ҳалли коллективӣ (созишкорона) мебошад, ки ҷиҳатҳои мусбати коркардҳои ҳар як гурӯҳи мушаххаси қабулкунандаи қарорро дарбар мегирад.

Дар рафти мубоҳисаи таълимӣ донишҷӯён малакаҳои боваркунонӣ, маҳорати на танҳо ҳимояи нуқтаи назари худро инкишоф медиҳанд, балки баъзан аз ақидаҳои хатои худ даст мекашанд, ҳамчунин эҳтироми нуқтаи назари касони дигарро меомӯзанд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён дар раванди таълими ҳуқуқ мубоҳиса дар мавзӯи «Дузанагӣ ё бисёрзанагӣ» (Ҳуқуқи ҷиноятӣ) гузаронида шуд. Донишҷӯён ақидаҳои худро аз нуқтаи назари ислом баён карданд. Гурӯҳ ба «тарафдорон» ва «муқобилон» тақсим шуд. Муқобилон (аксарият - духтарон) ақидаи худро дар он хусус ҳимоя мекарданд, ки дузанагӣ амали ҷиноятиест, ки барои он ҷазо пешбинӣ шудааст. Донишҷӯдухтар аз гурӯҳи муқобилон аз ҳаёт мисол овард (вазъияти ҳуқуқӣ): як нафар шиноси ӯ бе қайд дар мақомоти САҲШ оила барпо намуда, духтар таваллуд кард. Духтарча 5-сола шудааст ва то ҳол шаҳодатнома дар бораи таваллуд надорад. Тарафҳо ин вазъиятро боэҳсос муҳокима карда, ақидаҳояшонро баён намуданд. Дар анҷоми мубоҳиса аз ҷониби омӯзгор, ки нақши барандаро иҷро мекард, сухани хулосавӣ баён гардид. Муқаррароти моддаи 170 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дузанагӣ ё бисёрзанагӣ), санксияҳои модда, яъне чораи ҷазо барои чунин кирдори ғайриқонунӣ, оқибатҳои ҳуқуқии «никоҳ»-и мусулмонӣ ва тақдири бачагонро мувофиқи Кодекси оилаи ҶТ тавзеҳ дод, ки дар чунин оилаҳо бидуни бақайдгирӣ дар мақомоти САХШ тавлид шудаанд. Аз ҷумла, мафҳумҳои эътирофи падарӣ ва муқаррар кардани падарӣ бо тартиби судӣ дода шуда, роҳҳои ҳалли муаммоҳои ҳуқуқӣ ва гирифтани шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдак дар мақомоти САҲШ шарҳ дода шуданд.

Аз рӯйи натиҷаҳои мубоҳиса асоснокӣ ва боэътимодии намояндагони гурӯҳҳо баҳогузорӣ шуда, хулосаҳои дахлдор бароварда шуданд.

Ҳамин тавр, таҳлили вазъияти мубрами ҳаётии иштирокчиён имкон дод, ки иштирокчиёни мубоҳиса аз ҷиҳати эмотсионалӣ ҷалб гардида, таваҷҷуҳ ба муаммоҳо марказонида шавад.

Намоиши мисоли ҳалли бомуваффақияти масъалаҳо мустаҳкам кардани воситаҳои арзишманд ва рафтори иштирокчиёни фаъол ёрӣ расонида, малакаҳои ҷустуҷӯи ҳалли дурустро ташаккул дод, ки минбаъд барои ҳал кардани вазъияти ҳаётӣ мусоидат мекунанд.

Маҳз шакли мубоҳисавии таъсироти мутақобили таълимгирандагон малакаҳои лафзӣ ва маҳорати гӯш карданро инкишоф дода, мақсаднок, аммо боадабона ифода кардани мавқеи худро аз ҳисоби далелҳои боэътимод меомӯзонад.

Як навъи робитаи акс барои таҳлили натиҷаҳои фаъолияти якҷоя ва муайян кардани сифати таълим технологияи рефлексияи баргарданда мебошад. Рефлексияи баргарданда - раванди бознигарии ақидаҳо ё мулоҳизаҳои иштирокчиёни таълими интерактивӣ, ҳамчунин муҳокима ва муқоисаи ҳалли онҳо бо алтернативаҳои имконпазир мебошад [126].

Мақсади рефлексияи баргарданда - на дуруст ё нодуруст эътироф кардани мулоҳизаҳои баромадкунандагон, балки кашида баровардани иттилоот аз таҳлили машғулият дар асоси бозӣ, маҷбур кардани таълимгирандагон барои дидгоҳи гуногун нисбат ба ҳалли масъала ва бо ҳамин роҳи фароҳам овардани имконияти бештар барои интихоби амалҳо мебошад.

Он раванди муқобили дастурдиҳиро пешбинӣ менамояд. Махсусияти онро робитаи таъкидшудаи мақсадҳои ибтидоӣ бо баррасии натиҷаҳои ниҳоӣ ташкил медиҳад.

Рефлексияи баргарданда функсияҳои зеринро амалӣ менамояд:

- баровардани иштирокчиёни машғулият аз нақшҳои бозишаванда ё таҳлилшаванда;

- возеҳ кардани рӯйдодҳо (дар сатҳи фактҳо);

- бартараф кардани нофаҳмиҳо ва ислоҳи хатоҳо; бартараф кардани шиддати (изтироб, нооромӣ) таълимгирандагоне, ки дар ин ҳолат қарор доранд;

- ошкор кардани самтгириҳо, ҳиссиёт ва тағйироте, ки дар таълимгирандагон дар рафти маслан, бозиҳои вазъиятӣ- нақшдор рӯй доданд;

- барои иштирокчиён фароҳам овардани имконияти инкишоф додани қобилияти худмушоҳидаву худтаҳлилкунӣ ва намоиш додани онҳо;

- муқоисаи натиҷаи ниҳоӣ бо мақсадҳои дар ибтидо гузошташуда;

- таҳлил кардани сабабҳои маҳз ҳамин тавр ҷараён гирифтани рӯйдодҳо;

- баровардани хулосаҳо аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили рафтору амалҳои иштирокчиён;

- мустаҳкам кардан ё ислоҳ намудани азхудкунии иттилооти нав;

- ба нақша гирифтани мавзӯъҳои нав барои мулоҳизаронӣ ва омодагӣ ба машғулияти минбаъда;

- барпо кардани робита бо машғулиятҳои пештара ё минбаъда ва ғ.

Дар раванди рефлексияи баргарданда иштирокчиёни машғулият дар бораи таҷрибаи амалии ҳамдигар дониш ҳосил мекунанд, яъне барои панд гирифтан аз хатоҳои дигарон имконият пайдо мекунанд. Бинобар ин, сессияи рефлексияи баргарданда қисми муҳимтарини машғулият бо истифодаи технологияҳои интерактивӣ мебошад.

Маҳз дар он мазмуни кори иҷрошуда равшан гардида, ба мавзӯъ хотима бахшида мешавад ва байни донишҳои маълум ва нав, ки дар оянда даркор мешаванд, кӯпрукҳои иттилоотӣ барпо мегарданд.

Натиҷаҳои машғулияти интерактивӣ ва сифати таълимро бо ёрии рефлексияи баргарданда баррасӣ намуда, омӯзгор таваҷҷуҳи таълимгирандагонро маҳз ба қарорҳое, ки онҳо қабул мекунанд, ҳамчунин ба ҷиҳатҳои хуб ва норасоиҳо ҷалб менамояд, зеро чашмандози натиҷаҳои фаъолияти иштирокчиён ва сифати таълим ҳам мубоҳисаи баъди бозӣ, рефлексия, ҳам робитаи акси коммуникативиро дарбар мегирад.

Мутахассис дар ягон соҳа кор кунад, ба ӯ пеш аз ҳама, ёд гирифтани қабули қарорҳои самаранок ва татбиқи онҳо тавассути амалҳо зарур аст. Бо забони амалияи бозӣ ин маънои инкишофи фаросалоҳиятҳо (метасалоҳият): маҳорати таҳлили иттилоот, тарҳрезии муаммо, баровардани хулосаҳо ва фарогирии малакаҳои қабули қарорҳоро дорад.

Омӯзгор технологияи робитаи аксро ҳам дар яке аз марҳалаҳои кори якҷоя, ҳам аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоии машғулият - бозӣ истифода бурда метавонад.

Омӯзгор бояд ҳатман баъди анҷом ёфтани ҳар як шакли бозӣ хулосаи худро баён намояд. Ин барои ташаккули фаҳмиши таълимгирандагон дар он хусус муҳим аст, ки чиро ёд гирифтанд (ки бояд мустаҳкам карда шавад) ва минбаъд дар кадом самт корбарӣ бояд кард (чиро ислоҳ кардан зарур).

Иштирок дар мубоҳисаҳо, таҳлили вазъият, бозӣ дар саҳначаҳо, бешубҳа, ба ташаккули арзишҳо ва фарҳанги таълимгирандагон, маҳорати амалисозии ҳамкорӣ бо такя ба қарорҳои ратсионалӣ оид ба фаъолияти касбӣ мусоидат менамояд, яъне малакаҳои муносибатҳои шарикӣ инкишоф меёбанд.

Машғулиятҳо дар асоси бозӣ барои фаъолгардонии фаъолияти эҷодӣ ҳаматарафа мувофиқанд. Аммо «самаранокии бозии корӣ ба омилҳои зиёд, аз ҷумла, рӯҳия ва омодагии донишҷӯён барои иштирок дар бозӣ, таҷриба ва кордонии омӯзгор, шавқмандии иштирокчиёни бозӣ ба мавзӯи пешниҳодшуда» вобаста аст.

Ҳамин тавр, татбиқи шаклу методҳои баррасишудаи таълим яке аз роҳҳои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-эҷодии донишҷӯён буда, дар натиҷа, ба ҳалли масъалаҳои муҳими омодагии мутахассис, мисли маҳорати ҳалли вазифаҳо дар асоси синтези донишҳои дар рафти таълим ҳосилшуда; биниши муназзами объекти меҳнат; ташаккули ангезаву рағбатҳои на танҳо маърифатӣ, балки касбӣ; таълими кори коллективии фикрӣ ва амалӣ, қабули инфиродӣ ва якҷояи қарорҳо ёрӣ мерасонад.

Таъмини натиҷаи таълимӣ ва тарбиявӣ барои ифодаи озодонаи ақидаҳо ва ҳимояи нуқтаи назари худ, ҳалли коллективии масъалаҳои таълимӣ, ташкилу

дастгирии мубоҳиса; тақсимоти дақиқу боақлонаи вақти таълимӣ, боодобӣ, омодагии омӯзгор ба муошират, шавқмандии ӯ ба натиҷаҳои машғулиятҳо; амиқии донишҳо, фазилат, фарҳанги умумӣ ва ҳуқуқии омӯзгори оянда ва ғайра шароит фароҳам меорад.

Истифодаи методҳои интерактивии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар маҷмӯъ метавонад роҳи ҳалли мусбат ва афзалиятноки вазифаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии омӯзгорони оянда бошад.

## 2.3. Таҳлили натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда

Муаммои ташкилу банақшагирии озмоиши педагогӣ дар назарияву амалияи педагогика яке аз муаммоҳои умуминазариявӣ буда, роҳҳои ҳалли он дар таълифоти бисёр педагогҳои машҳур: С.И. Архангелский, Ю. К. Бабанский, В.И. Журавлев, В.И. Загвязинский, Ю.З. Кушнер, И.П. Подласий, М.Н. Скаткин пешниҳод шудаанд [10, 13, 46, 47, 82, 133, 146]. Зери озмоиши педагогӣ методи таҳқиқот фаҳмида мешавад, ки бо мақсади ошкор намудани самаранокии татбиқи методу воситаҳои алоҳидаи таълиму тарбия истифода мешавад.

Муодили русии калимаи озмоиш «эксперимент» аз лотинӣ experimentum гирифта шуда, маънояш «санҷиш», «таҷриба», «озмоиш» мебошад. Тафсирҳои сершумори мафҳуми «озмоиши педагогӣ» вуҷуд доранд. Ба ақидаи М.Н.Скаткин озмоиши педагогӣ - методи маърифат аст, ки бо ёрии он падидаҳо, фактҳо, таҷриба таҳқиқ карда мешавад[146]. И.П.Подласий чунин мешуморад, ки озмоиши педагогӣ таҷрибаи илмии тағйироти раванди педагогӣ дар шароити дақиқ ҳисобшуда мебошад [133]. Ю.З.Кушнер озмоиши педагогиро ҳамчун дахолати фаъолонаи муҳаққиқ ба падидаи педагогии омӯхташаванда бо мақсади кашфи қонуният ва тағйир додани амалияи мавҷуда маънидод кардааст [82].

Ҳамин тавр, аксари тафсирҳои мафҳуми «озмоиши педагогӣ» ҳамфикрии муаллифонро ошкор мекунанд, зеро дар ҳамаи онҳо ақида ягона пайгирӣ

мешавад: озмоиши педагогӣ - ташкили аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва мантиқан тарҳрезишудаи фаъолияти таълимӣ мебошад, ки мақсади он ҷустуҷӯи дидгоҳҳои нави педагогӣ, донишҳо, тасдиқ ё инкори фарзияҳои барои санҷиш пешниҳодшуда ба шумор меравад [122].

Моҳияти озмоиши педагогӣ аз воридкунии тағйироти принсипиалӣ ба рафти раванди педагогӣ дар мувофиқат бо вазифаҳои таҳқиқот ва фарзияи он иборат аст.

Дар педагогика озмоиш дар алоқамандии зич бо методҳои дигари таҳқиқот зоҳир мешавад. Озмоиши педагогӣ методи комплексӣ мебошад, зеро истифодаи ҳамгирои методҳои мушоҳида, суҳбат, пурсишҳо, корҳои ташхисӣ, фароҳам овардани вазъияти махсус ва ғайраро пешбинӣ менамояд. Тамоми ин методҳо ҳам дар марҳалаи якуми озмоиши педагогӣ барои ченкунии вазъи ибтидоии низом, ҳам дар марҳалаҳои минбаъда барои ченкуниҳои «буришӣ»-и ҳолатҳои он гузаронида мешавад, то ки дар марҳалаи хотимавӣ дар бораи дурустии фарзияи пешниҳодшуда хулоса бароварда шавад. Озмоиши педагогӣ - маҷмӯи ба худ хоси методҳои таҳқиқот аст, ки барои санҷиши объективӣ ва исботшудаи боэътимодии фарзияҳои педагогӣ пешбинӣ гардидааст [155].

Амсилаи озмоиши педагогии типӣ дар заминаи муқоисаи гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ тарҳрезӣ мешавад. Натиҷаи озмоиш дар тағйироте зоҳир мегардад, ки дар гурӯҳи озмоишӣ дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ рӯй медиҳад. Чунин озмоиши муқоисавӣ дар амалия вариантҳои гуногун дорад. Бо ёрии амалиёти оморӣ ошкор карда мешавад, ки оё гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ фарқ мекунанд ё не. Маълумоте, ки то озмоиш ва баъди он ҳосил шуданд ё танҳо маълумоти дар охири озмоиш ба даст омада муқоиса карда мешаванд. Агар муҳаққиқ ду гурӯҳ - озмоишӣ ва назоратиро дар ихтиёр надошта бошад, ӯ метавонад маълумоти озмоишро бо маълумоти то озмоиш, дар шароити муқаррарӣ ба даст омада муқоиса намояд, аммо зимнан хулосаҳоро хеле боэҳтиёт баровардан зарур аст, зеро маълумот дар вақтҳои ҳархела ва шароити ҳархела ҷамъоварӣ шудаанд [155].

Ба ақидаи Демидко М.Н. вазифаҳои кори озмоишӣ чунин буда метавонанд:

- дар таълимгирандагон ошкор намудани сифатҳои шахсии заруре, ки асоси ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳоро фароҳам меоранд;

- мушаххасгардонӣ ва муайян кардани имконияти ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳо дар заминаи мундариҷаи фанҳо, ҷузъҳои дахлдори нақшаи таълим;

- тасдиқи озмоишии нақши асосии амалиёти инкишофёфтаи зеҳнӣ дар таълимгирандагон дар раванди ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳои касбӣ оид ба фан, касб ва ғ.;

- санҷиши таъсири шароити педагогӣ (захиравӣ, мундариҷавӣ, протсессуалӣ ва ғ.) ба натиҷаи ташаккулёбии донишҳо, маҳорату малакаҳои касбӣ;

- исботи таҷрибавии нақши донишҳо, маҳорату малакаҳои ташаккулёфтаи таълимгирандагон дар инкишофи кордонии онҳо ва ғ [41].

Ба озмоиши педагогӣ фаъолона пайваст шудани муҳаққиқ ба раванди пайдоиш ва ҷараёни падидаҳои таҳқиқшаванда хос мебошад. Ӯ бо ин роҳ фарзияҳои худро на танҳо дар бораи падидаҳои вуҷуддошта, балки дар бораи падидаҳое месанҷад, ки бояд офарида шаванд.

Бар хилофи омӯзиши оддии падидаҳои педагогӣ дар шароити табиӣ бо роҳи мушоҳидаи бевоситаи онҳо озмоиш имкон медиҳад, ки шароити таъсироти педагогӣ ба озмудашавандагон мақсаднок тағйир дода шаванд.

Озмоишҳое, ки педагогҳо мегузаронанд, гуногун мебошанд. Онҳоро аз рӯйи аломатҳои гуногун: самтгирӣ, объектҳои таҳқиқот, ҷой ва вақти гузаронидан ва ғайра тасниф мекунанд.

Вобаста ба миқдори тағйирёбандаҳо озмоишҳои анъанавӣ (бо як тағйирёбанда) ва факторӣ (бо тағйирёбандаҳои бисёр), аз ҷиҳати ҷой ва тарзи гузаронидан - озмоишҳои табиӣ (саҳроӣ, лабораторӣ) ва фикриро (амсилавӣ) фарқ мекунанд. Агар соҳаи таҳқиқшаванда кам маълум буда, низоми фарзияҳо мавҷуд набошад, он гоҳ дар бораи озмоиши пешакӣ (пилотӣ) сухан меронанд.

Дар таҳқиқоти психологию педагогӣ озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳандаро фарқ мекунанд. Дар ҳолати якум педагог - муҳаққиқ бо роҳи озмоиш танҳо ҳолати низоми педагогии омӯхташавандаро муқаррар мекунад, факти робитаи байни падидаҳоро муайян менамояд. Вақте ки педагог - муҳаққиқ низоми махсуси табдирҳо татбиқ менамояд, ки ба ташаккули сифатҳои муайяни шахсияти таълимгирандагон, ба беҳтар намудани таълими онҳо, фаъолияти меҳнатиашон равона гардидаанд, он гоҳ дар бораи озмоиши ташаккулдиҳанда сухан меравад. Дар рафти озмоиши психологию педагогӣ ташаккули сифати муайян пешбинӣ мегардад; одатан ду гурӯҳ иштирок доранд: озмоишӣ ва назоратӣ. Дар рафти озмоиш ва анҷоми он ду гурӯҳ барои баҳодиҳии натиҷаҳои ҳосилшуда бо ҳам муқоиса карда мешаванд. [155].

Озмоиши муқарраркунанда ба муайн кардани ҳолати воқеӣ ва сатҳи ин ё он хусусиятҳои раванди педагогӣ, падидаҳо ва иштирокчиёни он дар лаҳзаи гузаронидани таҳқиқот равона мегардад. Муҳаққиқ зимнан бо роҳи озмоиш танҳо ҳолати низоми педагогии омӯхташавандаро муқаррар мекунад, фактҳои мавҷудияти робитаҳои сабабу натиҷа, вобастагии байни падидаҳоро дақиқ менамояд. Маълумоти ҳосилшуда барои тавсифи вазъияти шаклгирифта ва такроршаванда, заминаи таҳқиқи механизмҳои дохилии ташаккули ин ё он сифатҳо шахсият ё хусусиятҳои фаъолияти педагогӣ, заминаи пешгӯии инкишофи хосият, сифатҳои омӯхташаванда хизмат карда метавонанд [44].

Асосан озмоиши муқарраркунанда барои санҷидани навоварӣ бо мақсади ҷорӣ кардани он дар амалияи инноватсионӣ хизмат мекунад. Типи мазкури озмоиш барои ташаккули маҷмӯи маводи исботкунандаи самаранокӣ ё бесамарии барномаи нав, дастури таълим хизмат мекунад. Аз рӯйи натиҷаҳои озмоиш фактҳои ошкоршуда ба қайд гирифта мешаванд, тавсияҳои мушаххас оид ба тағйир додани барнома, коенсепсия ва мундариҷаи дастури таълим пешниҳод мешаванд, натиҷаҳои мусбат ё манфӣ сабт карда мешаванд.

Озмоиши ташаккулдиҳанда ба омӯзиши падидаҳо, сифатҳо бевосита дар раванди ташаккули фаъолонаи онҳо, иҷрои супоришҳои махсус коркардшуда дар шароити махсус ташкилшудаи фаъолияту муошират равона гардидааст.

Озмоиши ташаккулдиҳанда ба омӯзиши динамикаи инкишофи хусусиятҳои омӯхташаванда ва падидаҳои педагогӣ дар раванди таъсири фаъолонаи муҳаққиқ ба шароити иҷрои фаъолият нигаронида шудааст. Аз ин бармеояд, ки хусусияти асосии озмоиши ташаккулдиҳанда аз он иборат аст, ки худи муҳаққиқ фаъолона ва мусбат ба падидаҳои омӯхташаванда таъсир мерасонад [44].

Дар таҳқиқоти мо омӯзиши озмоишии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён дар доираи фанни «Ҳуқуқ» дар пойгоҳи факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус аз сентябри соли 2019 то январи соли 2020, аз феврали соли 2020 то июни соли 2020 дар факултети санъати тасвирӣ ва технология, аз феврали соли 2021 то июни соли 2021 дар факултети забонҳои шарқ МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», аз сентябри соли 2021 то январи соли 2022 ҳамчунин дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент гузаронида шуд.

Ба сифати коршиносон 10 нафар омӯзгорони фанни «Ҳуқуқ»-и кафедраи ҳуқуқшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» (8 нафар) ва кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент (2 нафар) ҷалб шуданд. Ин имкон дод, ки ҷузъҳои асосии раванди таълим устувор карда шаванд, таъсири омилҳое заиф гардад, ки ба эътимоднокии маълумоти ҳосилшуда таъсир расонида метавонанд. Барои ҳаддалимкон дақиқу соф гузаштани озмоиш кӯшиш карда шуд.

Озмоиш хусусияти муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда дошт.

Мақсади озмоиши муқарраркунанда:

- гузаронидани ташхиси ибтидоӣ;

- муайян кардани сатҳи ибтидоии шуури ҳуқуқии иштирокчиёни таҳқиқот;

- ҷамъоварии иттилооти умумӣ дар бораи озмудашавандагон;

- муайян кардани робитаи сатҳҳои шуури ҳуқуқӣ бо сифатҳои шахсиятӣ буд.

Дар марҳалаи якуми озмоиши муқарраркунанда, соли 2018 муаммои таҳқиқоти диссертатсионӣ ифода гардида, объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян шуданд, дастгоҳи мафҳумӣ коркард шуда, фарзияи кории таҳқиқот ифода ёфт. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, адабиёти психологию педагогӣ, ҳуқуқшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, инчунин корҳои диссертатсионӣ оид ба мавзӯи интихобшуда омӯхта шуда, дидгоҳҳо нисбат ба ҳалли он таҳлил гардиданд.

Дар таҳқиқот 290 нафар донишҷӯ иштирок доштанд, ки ҳамаи онҳо аз тест гузаронида шуданд. Пас аз ин донишҷӯён ба ду гурӯҳ тақсим шуда, як гурӯҳ бо таъсироти озмоишӣ фаро гирифта шуд, гурӯҳи дигар –не:

1) Гурӯҳи озмоишӣ иборат аз 60 нафар - донишҷӯёни курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус, 60 нафар донишҷӯи курси 1-уми факултети санъати тасвирӣ ва технологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ва 25 нафар донишҷӯёни курси 1 факултети таърихи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент буд.

2) Гурӯҳи назоратӣ - 120 нафар донишҷӯи курсҳои 1 ва 2-юми ҳамон факултетҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров», инчунин 25 нафар донишҷӯёни курси 1 факултети таърихи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

Дар анҷом донишҷӯёни ҳарду гурӯҳ такроран аз тест гузаронида шуданд. Натиҷаҳои тестҳои якум ва дувуми ҳарду гурӯҳ муқоиса карда шуданд.

Озмоиши ташаккулдиҳанда ба инкишофи сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён тавассути методҳои интерактивии таълим, гузаронидани ташхиси такрорӣ, муайянкунии сатҳи ноилшудаи шуури ҳуқуқии иштирокчиёни таҳқиқот ва шарҳи натиҷаҳои ҳосилшуда равона гардид.

Таҳлили муқоисавии адабиёти илмӣ ба муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии шахсият бахшида шуд, ки яке аз ҷанбаҳои он ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда буд. Дар натиҷаи таҳлил дараҷаи омӯзиши масъалаи мазкур ошкор гардида, дидгоҳҳо нисбат ба баррасии он

муайян шуданд, мавҷудияти ихтилофҳо ва имконият дар кори мактаби олӣ ҷиҳати ҳалли муаммо муқаррар шуд. Ин имкон дод, ки фарзия ифода ёфта, нақшаи таҳқиқот дар мувофиқат бо вазифаҳои он коркард шавад.

Таҳқиқоте, ки дар ин марҳала гузаронида шуд, имкон дод, ки аҳамияти мавзӯи интихобшуда, мубрамии он, ҳамчунин зарурати омӯзиши хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таълими донишгоҳ тасдиқ гардад.

Натиҷаҳои ҳосилшуда муайянкунии ҷиҳату сифатҳои муҳимтарини сохтори шуури ҳуқуқӣ, ошкор кардани ҳамбастагии онҳо, робитаҳо ва таъсироти мутақобили онҳоро дар сатҳҳои гуногуни омодасозии касбӣ имкон дод.

Зимни ташкили кори таҷрибавӣ-озмоишӣ хусусиятҳо ва ҷузъҳои сохтории шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда, робитаҳои мутақобили онҳо дар сохтори томи фарҳанги касбии мутахассисон ҳаматарафа омӯхта шуданд, меъёрҳои сатҳи инкишофи қисмҳои таркибии онҳо (гурӯҳҳо) дар марҳалаҳои гуногуни таълим муайян гардиданд.

Бо назардошти фаъолияти таълимӣ ва касбӣ воситаҳои махсус интихоб шуда, ба ин раванд таъсироти муттасил расонида шуд.

Барои амалӣ кардани мақсадҳо ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда, санҷидани фарзияи таҳқиқот дар кор маҷмӯи методҳои ҳамдигарро пурракунанда: омӯзишу таҳлили назариявии адабиёти педагогӣ, психологӣ, ҳуқуқӣ, ҷомеашиносӣ; мушоҳида; суҳбатҳо; методҳои ташхис; методи баҳоҳои коршиносон; озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда; методҳои коркарди омории маълумот истифода шуд.

Адабиёти илмиро, ки ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва психологию педагогии муаммои таҳқиқот дахл дорад, таҳлил намуда, мо ба хулосае расидем, ки методикаи ягонаи ченкунии шуури ҳуқуқӣ то ҳол пурра коркард нашудааст. Сабаб пеш аз ҳама, дар он аст, ки барои ченкунии сатҳи шуури ҳуқуқӣ дар гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ҷадвалҳои ягонаи таҷрибавӣ (эмпирӣ) коркард нашудаанд. Асосан муҳаққиқон барои ченкунии яккарата ва боэътимоди сатҳ

методи анкетаро истифода мебаранд. Он маълумотеро пешниҳод карда метавонад, ки танҳо ба тасаввурот оид ба ҷузъҳои алоҳидаи шуури ҳуқуқӣ дахл дорад.

Донишҷӯён фанни «Ҳуқуқ»-ро меомӯзанд, ки он мухтасар буда, ба ташаккули низоми тасаввурот дар бораи соҳаҳои ҳуқуқ равона шудааст. Фанни таълимии мазкур донишҷӯёнро ба азхудкунии донишҳои пойгоҳӣ оид ба ҳуқуқ роҳнамоӣ мекунад, ки барои фаҳмиши меъёрҳои ҳуқуқ, донистани қонунҳои асосӣ ва дарки иҷрои онҳо заруранд.

Муқоисаи шуури ҳуқуқии донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ бо нишондиҳандаҳои шуури ҳуқуқии донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ имкон медиҳад, то омилҳое омӯхта шаванд, ки ба инкишофи шуури ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд, сатҳҳои ташаккулёбии ҷузъҳои асосии шуури ҳуқуқӣ ошкор гардида, нақши истифодаи методҳои интерактивии таълим дар инкишофи шуури ҳуқуқии донишҷӯён таҳлил карда шавад.

Дар таҳқиқоти худ мо сатҳҳои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаро бо роҳи муқоисаи маълумот аз рӯйи тамоми меъёрҳо (когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ ва рафторӣ) ва нишондиҳандаҳои дахлдори онҳо ошкору таҳлил намудем. Ин бо нуктае алоқаманд аст, ки зери шуури ҳуқуқӣ низоми донишҳои ҳуқуқӣ, муносибат ба ҳуқуқ ва самтгириҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешаванд.

Нишондиҳандаҳои асосии ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ инҳоянд:

- донишҳои ҳуқуқӣ, шавқу рағбатҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ;

- муносибат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, қонунҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон;

- маҳорату малакаҳои рафтори ҳуқуқӣ, амалҳои ҳуқуқӣ.

Дар асоси муқоисаи дараҷаи зоҳиршавии нишондиҳандаҳои асосии ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ чунин сатҳҳои он ошкор гардиданд: паст, миёна, баланд. Тавсифҳои асосии онҳоро баррасӣ мекунем.

***Сатҳи паст***:

*дар мундариҷаи меъёри когнитивӣ*: дараҷаи пасти огоҳии ҳуқуқӣ; набудани шавқу рағбат ба ҳаёти ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷомеа;

*дар мундариҷаи меъёри баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ:* муносибати камфаъол ба вайронкунии қонунҳо ва ҳуқуқҳои одамони дигар; риояи меъёру қоидаҳо бештар бо сабаби тарсу ҳарос, на эҳтиром ба ҳуқуқ;

*дар мундариҷаи меъёри рафторӣ*: набудани маҳорату малакаҳои оддитарини амалкунӣ дар соҳаи муносибатҳое, ки ҳуқуқ танзим мекунад; дараҷаи пасти фаъолнокии иҷтимоӣ;

***Сатҳи миёна***:

*дар мундариҷаи меъёри когнитивӣ:* донишҳои кофӣ оид ба меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ; шавқу рағбати вазъиятӣ ба ҳаёти ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷомеа;

*дар мундариҷаи меъёри баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ:* муносибати бетарафона ва манфӣ ба давлат, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрванд; муносибати камфаъол ба вайроншавии қонунҳо ва ҳуқуқҳои одамони дигар;

*дар мундариҷаи меъёри рафторӣ*: мавҷудияти маҳорату малакаҳои амалкунӣ дар соҳаи муносибатҳое, ки ҳуқуқ танзим мекунад; фаъолнокии иҷтимоии вазъиятӣ.

***Сатҳи баланд:***

*дар мундариҷаи меъёри когнитивӣ:* сатҳи баланди огоҳии ҳуқуқӣ; шавқу рағбат ба ҳаёти ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷомеа;

*дар мундариҷаи меъёри баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ:* муносибати эмотсионалӣ ба падидаҳои ҳуқуқӣ, муносибати мусбату арзишпазир ба давлат ва ҳуқуқ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ;

*дар мундариҷаи меъёри рафторӣ*: маҳорати истифодаи ҳуқуқҳое, ки давлат додааст, маҳорати ҳимояи онҳо, дарки зарурати риояи ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандӣ; омодагӣ барои амалиёти бошуурона ва бомасъулият дар соҳаи муносибатҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқ танзим мекунанд.

Барои расидан ба мақсад ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда методҳои ҷомеашиносӣ - анкета (анкета барои ошкор кардани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, ки дар асоси тестҳои Н.Г.Суворова ва Т.В.Петрова таҳия шудааст), анкета аз рӯйи

методикаи Р.Р. Муслумов «Таҳлили ҷузъҳои шуури ҳуқуқӣ» истифода бурда шуданд (Замимаҳои № 1 ва 2).

Ба анкета 26 савол ворид карда шудаанд, ки ҳангоми ҷавоб додан ба онҳо аз се варианти пешниҳодшуда якторо интихоб бояд кард. Ҳар як ҷавоби дуруст бо як хол баҳогузорӣ мешавад. Миқдори зиёдтарини холҳо аз рӯйи анкета - 26. Ба сифати меъёри баҳодиҳии ҷавобҳо аз рӯйи анкета миқдори ҷавобҳои дуруст муайян карда шуд. Аз нисф камтари ҷавобҳои дуруст сатҳи пастро нишон медиҳанд, аз нисф зиёдтар ҷавобҳои дуруст - сатҳи миёнаи огоҳӣ, 26 хол - сатҳи баланди огоҳиро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои коркарди анкета дар ҷадвали №4 оварда шудаанд.

**Ҷадвали № 4. - Натиҷаҳои коркарди анкета барои муайянкунии сатҳи шуури ҳуқуқӣ дар ГО ва ГН (бо %)**

| Миқдори холҳо | ГО | | ГН | |
|---|---|---|---|---|
| | Миқдори донишҷӯён | % | Миқдори донишҷӯён | % |
| То 13 хол | 109 | 75,0 | 116 | 80,3 |
| То 26 хол | 36 | 25,0 | 29 | 19,7 |
| 26 хол | 145 | 100 | 145 | 100 |

Аз рӯйи натиҷаҳои коркарди анкета хулоса баровардан мумкни аст, ки аксари донишҷӯён, ҳам дар гурӯҳи назоратӣ, ҳам дар гурӯҳи озмоишӣ мувофиқи тест камтар аз 13 хол гирифтанд. Аз ҷиҳати фоиз манзара чунин аст: дар гурӯҳи озмоишӣ 75,0 % донишҷӯён то 13 хол, 25,0 - то 26 хол гирифтанд. Дар гурӯҳи назоратӣ 80,3 % донишҷӯён то 13 хол, 19,7 % - то 26 холро соҳиб шуданд.

Маълумоти ҳосилшуда оид ба рушди ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён имкон доданд, ки сатҳҳои зоҳиршавии он дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратии донишҷӯён муайян карда шаванд. Сатҳҳои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар ибтидои озмоиш дар ҷадвали № 5 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали № 5 - Сатҳҳои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар марҳалаи ибтидоии озмоиш (%)**

| Гурӯҳҳо | Сатҳҳо | | |
|---|---|---|---|
| | паст | миёна | баланд |
| **ГО-145 нафар** | 40,0 | 31,7 | 28,3 |
| **ГН-145 нафар** | 45,5 | 28,9 | 25,6 |

Таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумот дар марҳалаи муқарраркунандаи озмоиш нишон дод, ки ҳам дар ГО, ҳам дар ГН дар ибтидои озмоиш аз рӯйи сатҳҳои паст, миёна ва баланди ташаккули шуури ҳуқуқӣ тақрибан якхела мебошанд, яъне натиҷаҳо дар ҳарду гурӯҳ фарқи назаррас надоранд. Чунончи, дар сатҳи пасти ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар ГО 40 % (58 нафар) донишҷӯён қарор доранд, дар ГН - 45,5 % (66 нафар). Дар сатҳи миёнаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар ГО - 31,7 % (46 нафар), дар ГН - 28,9 % (42 нафар) қарор доранд. Дар сатҳи баланди ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар ГО - 28,3 % (41 нафар), дар ГН - 25,6 % (37 нафар) қарор доранд.

**Ҷадвали № 6. - Сатҳҳои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён аз рӯйи меъёрҳо дар ГО ва ГН дар марҳалаи ибтидоии озмоиш (%)**

| Меъёр | Гурӯҳи озмоишӣ | | | Гурӯҳи назоратӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Паст % | Миёна % | Баланд % | Паст % | Миёна % | Баланд % |
| **Когнитивӣ** | 20,8 | 41,3 | 37,9 | 23,4 | 45,3 | 31,3 |
| **Баҳодиҳӣ - эмотсионалӣ** | 31,7 | 42,5 | 25,8 | 38,2 | 39,3 | 22,5 |
| **Рафторӣ** | 56,8 | 21,9 | 21,3 | 56,5 | 23,3 | 20,2 |




**Гистограммаи 1. - Сатҳҳои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯён аз рӯйи меъёрҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар ибтидои озмоиш**

Ҳамин тавр, натиҷаи анкетагирӣ дар ҳарду гурӯҳ сатҳи пасти огоҳии ҳуқуқии донишҷӯёнро нишон дод. Дар марҳалаи муқаррарку-нандаи озмоиш дар ГО ва ГН нишондиҳандаҳои тақрибан якхела аз рӯйи сатҳҳои паст, миёна ва баланди ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ ошкор гардид, яъне натиҷаҳои ГО ва ГН аз ҳам фарқи зиёд надоштанд.

Инак, хусусиятҳои ошкоршудаи шуури ҳуқуқии донишҷӯён бо сатҳи пасти рафтори меъёрӣ дар бораи таъсири ин хусусиятҳо ба механизми рафтори онҳо хулоса бароварданро имкон медиҳанд, ки тағйирёбии сифатии шуури ҳуқуқии онҳоро тавассути ҷорӣ кардани технологияи интерактивӣ ба фаъолияти таълимӣ тақозо менамояд.

Омӯзиши сатҳи ибтидоии фарҳанги касбӣ - ҳуқуқии донишҷӯён имкон дод, ки як қатор норасоиҳои таълиму тарбияи ҳуқуқии онҳо муайян карда шаванд: нопурра будани донишҳои ҳуқуқӣ дар бораи робитаҳои мутақобил дар муҳити иҷтимоӣ, байни инсон ва ҷомеа; дар бораи қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор дар муҳитҳои иҷтимоӣ ва таълимӣ; ташаккул наёфтани аксари маҳорату малакаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ ва малакаҳои фаъолияти таҳқиқотӣ.

Таҳлили анҷомдодаи натиҷаҳои анкетагирӣ аз донишҷӯёнро хулоса карда, як қатор омилҳоро муайян кардан мумкин аст, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Пеш аз ҳама, инҳо омилҳои дохилӣ мебошанд, ки аз самтгириҳои шаҳрвандии иҷтимоӣ ва хусусиятҳои инфиродии зеҳни донишҷӯён иборатанд. Омилҳои беруна, ки фаъолияти субъект ва сатҳи таҳсилоти касбиро инъикос менамоянд.

Озмоиши ташаккулдиҳанда чунин самтҳои бо ҳам алоқаманди фаъолиятро дарбар гирифт: санҷидани тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба татбиқи низоми идоракунии педагогии раванди ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён дар тӯли тамоми давраи таълими фанни «Ҳуқуқ», яъне як семестр; омӯзиши муназзами рафту натиҷаҳои кори озмоишӣ дар гурӯҳҳои донишҷӯён; коркарди омории нишондиҳандаҳои ҷамъбастии натиҷаҳои кори озмоишӣ.

Мақсади озмоиши ташаккулдиҳанда: таъсироти ташаккулдиҳанда ба шуури ҳуқуқии донишҷӯён бо ёрии методҳои интерактивии таълим.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён маҷмӯи табдирҳои ташкилӣ-педагогӣ коркард шуд, ки барномаи озмоиши ташаккулдиҳандаро фароҳам оварданд:

- истифодаи шаклу методҳои фаъол ва интерактивӣ (лексияи хурд, мубоҳиса, бозии корӣ, методи кейсҳо, кор бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ғ.);
- коркарду таҳияи супоришҳо барои кори мустақилона, ки тамоюли амалӣ доранд;
- татбиқи барномаҳои компютерии таъйиноташон таълимӣ;
- амсиласозии вазъияти проблемавӣ;
- ташкили машваратҳо.

Дар рафти озмоиши ташаккулдиҳанда амсилаи сохторӣ-мундариҷавии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён амалӣ гардид, ки методҳои интерактивии таълими ҳуқуқро дарбар мегирифт. Онҳо дар раванди таълими гурӯҳи озмоишӣ ба кор рафтанд.

Метод ба инкишофи психологияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқии ҷавонон таъсири самарабахш расонида, ба худшиносии шахсӣ дар заминаи донишҳои

ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, худмуайянкунӣ ва ноилшавӣ ба мақсадҳои зиндагӣ нигаронида шуда буд.

Мувофиқи натиҷаҳои ду гурӯҳ (озмоишӣ ва назоратӣ) баъди ҷорӣ кардани амсилаи коркардаи мо ба раванди таълими гурӯҳи озмоишӣ оид ба самаранокии амсилаи пешниҳодшуда хулоса баровардан мумкин аст.

Барои муайянкунии самаранокии таъсироти педагогии корбастшуда дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда меъёру сатҳҳои коркардшуда истифода шуд, ки дар ибтидо ва интиҳои озмоиш баҳогузорӣ шуданд. Дар кори озмоишӣ мо ҳамчунин меъёреро истифода бурдем, ки онро ифодаёбии сатҳи ташаккули ҷузъҳои асосии сохторӣ таъйин кард. Ин меъёр имкон дод, ки се сатҳи ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ (баланд, миёна, паст) ошкор гардида, динамикаи ташаккули шуури ҳуқуқии гурӯҳи озмоишӣ дар рафти озмоиши ташаккулдиҳанда нишон дода шавад.

Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии сатҳҳои шуури ҳуқуқӣ дар ГО ва ГН дар ҷадвали № 7 оварда шуданд.

**Ҷадвали № 7. Натиҷаҳои таҳлили муқоисавии сатҳҳои шуури ҳуқуқӣ дар ГО ва ГН дар ибтидо ва интиҳои озмоиш**

| Гуруҳҳо | Сатҳҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Паст | Миёна | Баланд |
| ГО (то) | 39,8 % | 30,8 % | 29,4 % |
| ГО (баъди) | 10,7 % | 30,2 % | 59, 1 % |
| ГН (то) | 45,8 % | 28,7 % | 25,5 % |
| ГН (баъди) | 41,8 % | 30,7 % | 27,5 % |

Озмоиши ташаккулёбанда бо ченкунии такрории сатҳи ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯён аз рӯйи се меъёр: когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ, рафторӣ анҷом дода шуд.

**Ҷадвали № 8 - Натиҷаҳои ташаккулёбии ҷузъҳои шуури ҳуқуқии донишҷӯён аз рӯйи меъёрҳо дар ГО ва ГН дар интиҳои озмоиш**

| Меъёрҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | | | Гурӯҳи назоратӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Паст % | Миёна % | Баланд % | Паст % | Миёна % | Баланд % |
| Когнитивӣ | 5,1 | 25,25 | 69,65 | 28,3 | 40,8 | 30,9 |
| Баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ | 7,6 | 29,6 | 62,7 | 46,7 | 29,9 | 23,4 |
| Рафторӣ | 10,8 | 30,6 | 58,6 | 50,4 | 25,6 | 24 |




**Гистограммаи 2. Натиҷаҳои ташаккулёбии ҷузъҳои шуури ҳуқуқии донишҷӯён аз рӯйи меъёрҳои ГО ва ГН дар интиҳои озмоиш**

Дар натиҷаи татбиқи методҳои интерактивӣ дар ГО тағйироти муносибати донишҷӯён ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба худ ҳамчун намояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ рӯй дод. Фарқи байни нишондиҳандаҳо 48,4 %- ро ташкил дода, то ҷорикунии амсила 10,7% ва баъди он 59,1% ба мушоҳида расид. Дар ГН нишондиҳандаҳои муносибат ба давлату ҳуқуқ айнан ҳамон тавре боқӣ монданд, ки дар ибтидои озмоиш буданд. Тағйироти ночиз дар нишондиҳандаҳои муносибат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва худ ба мушоҳида расиданд.

Омӯзиши тағйироте, ки дар меъёри шуури ҳуқуқӣ рӯй доданд, нишон дод, ки дар рафти озмоиш донишҷӯён аз гурӯҳи озмоишӣ дар соҳаи муносибатҳои бо ҳуқуқ танзимшаванда таҷрибаи ғании фаъолиятро ҳосил намуданд.

Ҳамин тавр, дар рафти таҳлили муқоисавии натиҷаҳои кори озмоишӣ ошкор гардид, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ ба сатҳи баланди ташаккулёбии чунин ҷанбаҳо ноил гардиданд:

а) шавқу рағбат ба соҳаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ҷомеа;

б) муносибати мусбат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлат ва ҳуқуқ;

в) маҳорату малакаҳои фаъолият дар соҳаи муносибатҳое, ки ҳуқуқ танзим менамояд.




**Гистограммаи 3. Сатҳҳои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯёни ГО ва ГН то озмоиш ва баъди он**

Нишондиҳандаҳои гурӯҳи озмоишӣ ба андозаи назаррас беҳтар шуданд, ки сабаби он бомуваффақиятии такмили раванди таълим ва ҷорикунии амсилаи пешниҳодгардида ва амалисозии шароити ташкилӣ-педагогии ташаккули шуурӣ ҳуқуқӣ буд. Натиҷаҳое, ки мо зимни банақшагирии методҳои интерактивӣ интизор будем ва мақсадҳое, ки пеши худ гузоштаем, амалӣ шуданд:

- ташаккули худбаҳодиҳии мувофиқ;

- баланд шудани сатҳи масъулияти иштирокчиён барои кирдорҳои худ;

- инкишофи қобилият ба худтаҳлилкунӣ ва назорати рафтор;

- ташаккули мақсадҳои мусбати ҳаётӣ ва баланд шудани ангезаву қобилият барои ноилшавӣ ба онҳо;

- инкишофи иқтидори эҷодии иштирокчиён ва кӯшиши онҳо барои татбиқи он.

Таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумот дар марҳалаи ташаккулдиҳандаи озмоиш ошкор намуд, ки дар ГО дар сатҳи пасти ташаккули шуури ҳуқуқӣ 10,7% (16 наф.) донишҷӯён қарор доранд, дар сатҳи миёнаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ - 30,2% (44 наф.), дар сатҳи баланди ташаккули шуури ҳуқуқӣ - 59,1% (85 наф.) қарор доранд.

Маълумоти муқоисавии сатҳи ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯён аз рӯйи меъёрҳо дар ГО ва ГН дар ибтидо ва интиҳои озмоиши ташаккулдиҳанда дар ҷадвали №8 нишон дода шудааст.

Чунонки аз ҷадвал бармеояд, дар ибтидои озмоиш сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯёни ҳам дар ГН (57,1%) ва ГО (57,5%) аз рӯйи меъёри рафторӣ дар сатҳи паст қарор дошт. Нишондиҳандаҳои миёна аз рӯйи меъёрҳои когнитивӣ ва баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ  ҳам дар ГН (36,0% ва 39,2%), ҳам дар ГО (40,9% ва 42,8%) ба қайд гирифта шуданд.

Миқдори донишҷӯён дар ГО бо сатҳи пасти ташаккули шуури ҳуқуқӣ аз 39,8% то 10,7% аз миқдори умумии аъзои гурӯҳ коҳиш ёфт, миқдори донишҷӯён бо сатҳи баланди ташаккули шуури ҳуқуқӣ аз 29,4 % то 59,1 % зиёд шуд. Дар гурӯҳи назоратӣ сатҳи ташаккули шуури ҳуқуқӣ қариб тағйир наёфт: миқдори донишҷӯён бо сатҳи пасти ташаккули шуури ҳуқуқӣ 4%, бо сатҳи миёна - 2% коҳиш ёфт, нишондиҳандаҳои сатҳи баданд ҳамагӣ 2 % зиёд шуд.

**Ҷадвали № 9. - Натиҷаҳои ташаккулёбии ҷузъҳои шуури ҳуқуқии донишҷӯён аз рӯйи меъёрҳо дар ГО ва ГН дар ибтидо ва интиҳои озмоиш**

| Меъёр | Гурӯҳи озмоишӣ | | | | | | Гурӯҳи назоратӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | То | | | Баъд | | | То | | | Баъд | | |
| | Паст, % | Миёна, % | Баланд, % | Паст, % | Миёна, % | Баланд, % | Паст, % | Миёна, % | Баланд, % | Паст, % | Миёна, % | Баланд, % |
| Когнитивӣ | 21,5 | 40,9 | 37,6 | 8,31 | 27,6 | 64,1 | 32,9 | 36,0 | 31,1 | 28,0 | 41,0 | 31,0 |
| Баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ | 32,3 | 42,8 | 24,9 | 10,3 | 29,5 | 60,3 | 37,7 | 39,2 | 23,1 | 46,3 | 30,8 | 22,9 |
| Рафторӣ | 57,1 | 21,4 | 21,5 | 13,4 | 31,5 | 55,2 | 57,5 | 22,8 | 19,7 | 50,7 | 25,2 | 24,1 |

Ҳамин тавр, барои ГН аз рӯйи меъёри когнитивӣ дар сатҳи баланд 31,1 %, дар сатҳи миёна - 36,0%, дар сатҳи поён - 32,9 % донишҷӯён; аз рӯйи меъёри баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ дар сатҳи баланд - 23,1%, дар сатҳи миёна - 39,2%, дар сатҳи поён - 37,7%; аз рӯйи меъёри рафторӣ дар сатҳи баланд - 19,7%, дар сатҳи миёна - 22,8%, дар сатҳи паст - 57,5% донишҷӯён қарор доранд.

Дар ГО мутаносибан: аз рӯйи меъёри когнитивӣ дар сатҳи баланд - 37,6%, дар сатҳи миёна - 40,9 %, дар сатҳи паст - 21,5% донишҷӯён; аз рӯйи меъёри баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ дар сатҳи баланд - 24,9 %, дар сатҳи миёна – 42,8 %, дар сатҳи паст –32,3 % донишҷӯён; аз рӯйи меъёри рафторӣ дар сатҳи баланд – 21,5 %, дар сатҳи миёна – 21,4 %, дар сатҳи паст – 57,1 % донишҷӯён қарор гирифтанд.

Дар интиҳои озмоиши ташаккулдиҳанда нишондиҳандаҳо аз рӯйи тамоми меъёрҳо дар ГО нисбат ба ГН баландтар буданд, хусусан ин дар сатҳҳои паст ва баланд назаррас мебошад. Чунончи, дар ГО донишҷӯёне, ки аз рӯйи меъёри когнитивӣ дар сатҳи паст боқӣ монданд - 8,31%, дар сатҳи миёна - 27,6%, дар сатҳи баланд - 64,1%; аз рӯйи меъёри баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ дар сатҳи паст - 10,3%, дар сатҳи миёна - 29,5%, дар сатҳи баланд - 60,3% донишҷӯён қарор

гирифтанд; аз рӯйи меъёри рафторӣ дар сатҳи паст - 13,4%, дар сатҳи миёна - 31,5%, дар сатҳи баланд - 55,2% донишҷӯён қарор гирифтанд.

Дар ГН сатҳи паст аз рӯйи меъёри когнитивӣ дар сатҳи паст - 28,0%, дар сатҳи миёна - 41,0%, дар сатҳи баланд - 31,0 %; аз рӯйи меъёри ба арзишҳо нигаронида дар сатҳи паст - 46,3%, дар сатҳи миёна - 30,8%, дар сатҳи баланд - 22,9% қарор гирифтанд. Аз рӯйи меъёри рафторӣ дар сатҳи паст - 50,7%, дар сатҳи миёна - 25,2%, дар сатҳи баланд - 24,1% донишҷӯён қарор гирифтанд. Мебинем, ки нишондиҳандаҳор нисбат ба ГО поёнтаранд.

Натиҷаҳои ҷадвалҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки дар ГО тағйироти бештар ба сатҳҳои паст ва баланди ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯён тааллуқ доранд. Ба фикри мо, ин натиҷаи азхудкунии падидаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби донишҷӯён дар раванди таълими донишгоҳӣ мебошанд.

Натиҷаҳои ҳосилшуда фарзияи таҳқиқоти моро дар бораи самаранокии методҳои интерактивии таълими ҳуқуқ ҳамчун воситаи ташаккулу баланд шудани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён; пурра ҳал шудани тамоми вазифаҳои таҳқиқот ва ноилшавӣ ба мақсади онро тасдиқ мекунанд.

Дар раванди таҳсил дар донишҷӯён малакаҳои муайянкунии вазъияти дараҷаи хавфашон гуногун ва оқибатҳои имконпазири онҳо ташаккул ёфтанд, масъалаҳо оид ба воситаҳои муқобилат ба таъсири манфии беруна баррасӣ шуданд, иштирокчиён дар заминаи машқҳо имкон доштанд, ки бо воситаҳои ҳалли вазъияти ҳуқуқӣ шинос шаванд. Донишҷӯён ҷустуҷӯи мустақилона ва татбиқи иттилооти ҳуқуқӣ, баён кардани нуқтаи назари худро бо истифодаи меъёрҳои ҳуқуқ омӯхтанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки методҳои интерактивии таълими ҳуқуқ ба донишҷӯён татбиқи низоми донишҳо, маҳорату малакаҳои касбӣ, таҷрибаи тақлид, тахайюл, фаъолнокии зеҳниро имкон доданд, ки дар маҳорати ҳалли муаммоҳои ғайриқолабӣ, фавран қабул кардани қарорҳо, бартараф кардани монеаҳои бесалоҳиятӣ, ҷолиб пешниҳод кардани ғояҳо зоҳир гардид. Онҳо ҳамчунин имконияти ҳосил намудани маҳорати коммуникативӣ, мақсаднок ба роҳ мондани муошират ва идоракунии он, тарҳрезии баёнҳои асоснок, қабули

қарорҳои созишкорона, ҷамъбасту хулосаи натиҷаҳои тамосу муоширатро пайдо карданд.

Таҳлили коре, ки баъди интиҳои озмоиши ташаккулдиҳанда гузаронида шуд, ба хулосаҳои зерин расонд.

Тағйироти мусбати сатҳи ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯёне, ки сатҳи пасти онро нишон доданд. Онҳо монеаи психологии муошират, беҷасоратиро дар изҳори назар бартараф карданд, қабул кардани қарорҳо, ҳамроҳшавӣ ба муҳокимаи муаммоҳои гуногуни касбӣ, таҳлили вазъияти ҳуқуқӣ, натарсидан аз мушкилот, зоҳир кардани донишҳои зеҳниро омӯхтанд. Мақсади тамосҳо фарогирии маҳорати мулоҳизаронӣ, ҳимояи ақидаҳои худ, дақиқ, пурра намудани онҳо, инкор кардани ақидаҳои дигарон гардид. Аммо на ҳамеша онҳо ба ақидаи дигарон гӯш мекарданд. Аксар вақт камфаъолӣ ва бетарафӣ нисбат ба рӯйдодҳо мушоҳида мешуд. Мушкилоти зиёд дар донишҷӯёни ин сатҳ зимни зарурати баромад кардан пеши аудитория мушоҳида мешуданд.

Донишҷӯёни сатҳи миёнаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ ба вазъияти гуногуни алоқаманд бо фаъолияти касбӣ осон сарфаҳм мерафтанд, дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ фаъолона иштирок намуда, вохӯрии кориро дар сатҳҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ гузаронида метавонистанд.

Сатҳи ташаккулёбии ҷузъҳои когнитивӣ ва баҳодиҳӣ-эмотсионалии салоҳиятнокии ҳуқуқӣ ба сатҳи баланд наздик шуд, аммо ҷузъи рафторӣ тағйироти ночизро нишон дод. Донишҷӯёни ин сатҳ на ҳамеша худро дар муошироти касбӣ татбиқ карда метавонистанд. Онҳо худдорӣ ва нобовариро зоҳир карда, дар ҷавоб додан ба саволҳо душворӣ мекашиданд. Мо дар донишҷӯён кӯшиши дар муошират худифодакуниро мушоҳида накардем.

Дар донишҷӯёни сатҳи баланд шавқу рағбати устувор ба фаъолиятиояндаи касбӣ, маҳорати истифодаи мафҳумҳои ҳуқуқӣ, иштирок дар суҳбат ва мубоҳиса ба қайд гирифта шуд, ҷузъи рафторӣ тағйироти назаррасро нишон дод. Муошироти донишҷӯёни сатҳи баланди ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ дар раванди гузаронидани бозиҳо андешида шуда, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок,

мантиқӣ, исбот шуда буд. Донишҷӯёни ин сатҳ ба муколама осон ҳамроҳ шуда, ба тамос бо аудитория кӯшиш мекарданд. Онҳо бо одоби бурдани суҳбатҳои корӣ, муоширатпазирӣ, маҳорати ифодаи фикр, мустаҳкамӣ, боэътимод будани баён, бо меъёрҳои ҳуқуқ асоснок кардани нуқтаи назар фарқ мекарданд.

Нишондиҳандаҳои ҷамъбастии озмоиши ташаккулдиҳанда тағйироти шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда гардиданд, ки дар раванди ташхис ошкор шуданд: дарки мусбати меъёрҳои ҳуқуқ, дар хотири дарозмуддат нигоҳ доштани фактҳое, ки самтгирии ҳуқуқӣ доранд, ташаккулёбии тафаккури ҳуқуқӣ зимни асоснок кардани кирдорҳо, муносибати ҳиссиётӣ, қобилияти асоснок кардани кирдорҳои ҳуқуқии худ.

Маълумоти озмоиши ташаккулдиҳанда устувории тамоюли коҳиши миқдори донишҷӯёнро бо сатҳҳои паст ва миёнаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ аз ҳисоби афзудани теъдоди донишҷӯён бо сатҳи баланд гардид.

Натиҷаи озмоиш татбиқи шароити ташкилӣ-педагогӣ гардид, ки ба ташаккули бомуваффақияти шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда, идеалҳо, донишҳои онҳо; самтгириҳои ангезавӣ-арзишӣ, ташаккули кӯшиши онҳо барои иштироки фаъолона дар фаъолияти ҷамъиятӣ равона шуданд.

## Хулосаҳои боби дуввум

Дар натиҷаи озмоиши педагогӣ вазифаҳои гузошташуда ҳал шуда, хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

1. Ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён самаранок хоҳад буд, агар маҷмӯи шароити педагогӣ татбиқ шаванд: таъмини муҳити ба рефлексия нигаронидаи ҳуқуқии таҳсилот барои ташаккули шуури ҳуқуқӣ; ташаккули иҷтимоишавии ҳуқуқии донишҷӯён дар раванди бозиҳои корӣ дар асоси методҳои интерактивӣ; фароҳам овардани вазъияти комёбӣ ва дастгирии ахлоқӣ-маънавии донишҷӯ.

2. Озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда нишон доданд, ки амсилаи пешниҳодкардаи мо ва маҷмӯи шароити педагогӣ самаранок мебошанд. Барои баҳодиҳии самаранокии раванди ташаккули шуури ҳуқуқии

донишҷӯён меъёрҳое коркард шуданд, ки муайян кардани се сатҳи он: паст, миёна, баландро имкон доданд [1-М].

3. Вобаста ба зарурати ҷузъиётбандии падидаву равандҳои педагогӣ, ки дар маҷрои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии донишҷӯён рӯй медиҳанд, амсилаи ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда тарҳрезӣ шуд, ки занҷири технологии пайдарпаии ин равандро намоиш медиҳад.

4. Маълумоти таҳқиқоти анҷомёфта гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ методҳои интерактивии таълими ҳуқуқ бештар самараноканд. Зимни истифодаи ин метод дар гурӯҳҳои озмоишӣ динамикаи мусбати фарогирии бомуваффақияти донишҳо, маҳорату малакаҳои ҳуқуқӣ ба мушоҳида расид.

5. Сифати азхудкунии сатҳҳои ошкоршудаи мундариҷаи фан баланд шуд, ки нишондиҳандаҳои асосии он чунинанд:

- пешрафти донишҷӯён;

- баландшавии сифати омодагии ҳуқуқии онҳо, ки заминаи онро муносибатҳои инсонпарварона ҳамчун ҷузъи сохтории қонунгузории байналхалқӣ ташкил медиҳанд;

- табдил ёфтани донишҳо ба салоҳиятнокии ҳуқуқӣ оид ба касб;

- ангезиш барои пайваста пурра кардани донишҳои ҳуқуқӣ дар тӯли фаъолияти минбаъдаи касбӣ;

- шаклгирии шахсияти эҷодии педагоги форматсияи нав, ки барои қабули қарорҳои бисёрвариантии эҷодӣ дар фазои ҷустуҷӯи фаъолонаву мустақилонаи асоси ҳуқуқӣ дар вазъияти ғайриқолабии фаъолияти касбӣ қобилият дорад.

6. Ҳамин тавр, раванди ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда моҳиятан технологӣ буда, низоми амалкардии воситаҳои ташкилии идоракунии алгоритмишудаи раванди таълимӣ-маърифатӣ ва амалии донишҷӯ мебошад ва аз маҷмӯи ботартиби амалиёте иборат аст, ки ноилшавиро ба натиҷаи пешгӯишаванда таъмин менамояд. Дар ин бобат динамикаи дар

маҷмӯъ мусбати раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқи донишҷӯён - омӯзгорони оянда гувоҳӣ медиҳад.

# ХУЛОСА

Ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии субъект дар натиҷаи таъсироти мутақобили шахсият бо фарду гурӯҳҳои дигар, ҷомеа ва дарки маълумоти ба дастомада сурат мегирад. Дар шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда шавқу рағбатҳои гурӯҳии он инъикос меёбанд. Дар сатҳи таҷрибавӣ онҳо дар самтгириҳои ҳуқуқии ҷавонон, дар муносибати онҳо ба сохтору институтҳои ҳокимият, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад.

Таҳлили муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии шахсият, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ вуҷуд дорад, таъкиди аҳамияти онро барои назария ва амалияи педагогӣ имкон медиҳад. Шуури ҳуқуқии шахсияти инкишофёбанда падидаи мураккабест, ки аз ҷанбаҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра иборат аст. Ҳар яке аз онҳо метавонад муҳим, муайянкунандаи тамоми ҷанбаҳои дигари шуури ҳуқуқӣ номида шавад ва вобаста ба ин, меъёри таснифот интихоб шавад.

Таҳлили адабиёт ба хулосае расонд, ки шуури ҳуқуқии донишҷӯён, аз ҷумла, омӯзгорони оянда сохтори шахсиятӣ мебошад, ки дар худ донишҳои ҳуқуқӣ, муносибати арзишӣ ба ҳуқуқ, маҳорати тарҳрезии рафторро дар мувофиқат бо ҳуқуқи амалкунанда таҷассум намуда, ҷузъҳои когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ ва рафториро дар соҳаи ҳуқуқ, татбиқи онро дар вазъияти ҳуқуқӣ, ҳаёти ҳаррӯза ва фаъолияти касбӣ дарбар мегирад.

Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ба хулосае расонд, ки зарурати ташкили таълими "Фарҳанги ҳуқуқии педагог дар соҳаи маориф" вуҷуд дорад [9-М].

Таҳлили назария ва амалия имкон дод, ки амсилаи назариявии сохтори шуури ҳуқуқии шахсият коркард шавад, ки аз се ҷузъи бо ҳам алоқаманд ташкил ёфтааст: когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ, танзимӣ-рафторӣ. Ҷузъҳои мазкур, ки дар таҳқиқот тавсиф шуданд, ҳамчун меъёрҳои таҳлили шуури ҳуқуқӣ интихоб гардиданд.

***Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти озмоишӣ фарзияти таҳқиқотро пурра тасдиқ карда, коркарди хулосаҳои илмии зеринро имкон дод:***

1. Дар рафти таҳқиқот моҳияти мафҳуми «шуури ҳуқуқии педагоги оянда» ошкор гардида, нишон дода шуд, ки донишҳои ҳуқуқӣ (ҷузъи когнитивӣ) тавассути матнҳои тамоюлашон ҳуқуқӣ тариқи занҷири технологии ташаккули шуури ҳуқуқӣ зоҳир мешаванд.

Хусусияти аксиологӣ (ҷузъи баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ) тавассути ташаккули самтгириҳо ба рафтори ҳуқуқӣ бо истифодаи технологияҳои интерактивии таълим зоҳир гардид. Арзишҳои ҳуқуқӣ тариқи воридкунии донишҷӯ ба раванди ҳалли вазъияти проблемавии касбӣ тавассути корбасти технологияҳои махсуси интерактивӣ амалӣ шуданд. Фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ (ҷузъи рафторӣ) - тариқи воридкунии донишҷӯён - омӯзгорони оянда ба бозиҳои касбӣ-нақшдор, тарҳрезии вазъияти барои касб муҳим ташаккул дода шуд.

2. Бо назардошти сифатҳои шахсияти инсон, яъне муносибат, ангезаҳо, зеҳн, соҳаи эмотсионалӣ-иродавии ӯ шуури ҳуқуқии донишҷӯ ҳамчун сохтори шахсиятие муайян карда шуд, ки дар худ донишҳои ҳуқуқӣ, муносибати арзишпазир ба ҳуқуқ, маҳорати тарҳрезии рафторро дар мувофиқат бо ҳуқуқи амалкунанда таҷассум намуда, аз ҷузъҳои когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ, рафторӣ дар соҳаи ҳуқуқ, татбиқи он дар ҳолатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, зиндагии ҳаррӯза, фаъолияти касбӣ фаро мегирад.

3. Фарқ кардани шуури ҳуқуқӣ ҳамчун тавсифи соҳаи шахсиятии донишҷӯ зарур аст, ташаккули шуури ҳуқуқӣ бояд ҳамчун раванди ташаккули мавқеъҳои ҳаётан муҳими донишҷӯ: «Ман - шахсият», «Ман - шаҳрванд», «Ман - мутахассиси кордон» фаҳмида шавад.

«Ман-шахсият» шуури ҳуқуқии шахсияте, ки барои фикрронии танқидӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли оқилонаи масъалаҳои ҳуқуқӣ қобилият дошта, аз вазъияти низоъ бо роҳнамоии меъёрҳои ҳуқуқ баромада метавонад. Рушди шуури ҳуқуқии шахсият бояд нисбат ба инкишофи мутахассиси кордон ва шаҳрванд бошиддаттар сурат гирад.

«Ман - шаҳрванд» - шуури ҳуқуқии шаҳрванд, ки қонунҳои кишвари худро медонад ва эҳтиром мекунад, мавқеи фаъоли шаҳрвандиро ишғол кардааст.

Инкишофи шуури ҳуқуқии донишҷӯён ҳамчун шаҳрвандони Тоҷикистон ба дӯши тарбияи ҳуқуқӣ вогузор шудааст, ки бояд пеш аз ҳама, ба фаъолгаронии амалҳои шаҳрвандӣ аз ҷониби ҷавонон равона гардад.

«Ман - мутахассиси кордон» - шуури ҳуқуқии мутахассиси оянда (шуури ҳуқуқии касбӣ), ки барои мутобиқшавӣ дар соҳаи касбӣ қобил аст. Шуури ҳуқуқии касбӣ ба ҳалли вазифаҳои касбӣ  тавассути донишҳо, тасаввуроти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, ки банақшагии босифат ва ташкили фаъолияти касбии худ, зоҳир кардани маҳорати барпо кардани муносибатҳоро мувофиқи қонун, таҳлили вазъияти ҳуқуқии ба миён омадаро имкон медиҳад.

4. Марҳалаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳандаи озмоиш нишон доданд, ки амсила ва маҷмӯи шартҳои педагогии аз ҷониби мо пешниҳодшуда самаранокии кофӣ доранд. Барои баҳодиҳии самаранокии раванди ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён меъёрҳое коркард шуданд, ки муайянкунии се сатҳи ташаккулёбии онро имкон доданд: паст, миёна, баланд [1-М].

5. Таҳқиқот нишон дод, ки амсилаи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда зимни коркарди технологияи рушди шуури ҳуқуқӣ самаранок хоҳад буд, ки аз чунин маҷмӯи ҷузъҳои ташкилӣ-мундариҷавӣ иборат аст: методҳо (дидактикӣ: лексияҳои проблемавӣ, семинарҳо, мубоҳисаҳои мавзӯӣ, бозиҳои корӣ; проблемавӣ: иҷрои супоришҳои проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ); воситаҳо (барномаҳои таълим аз рӯйи фанҳои силсилаи умумикасбӣ, маводи методӣ барои машғулиятҳои амалӣ); принсипҳои ташкили раванди таълим (хусусияти байнифаннӣ, муколамавӣ ва фаъолнокии рефлексивии донишҷӯён).

6. Сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён нишондиҳандаи муҳимтарини инкишофи шахсият ва натиҷабахшии раванди таълиму тарбия дар мактаби олӣ мебошад. Дар таҳқиқот дидгоҳи ҳамгиро татбиқ шуд, ки дар он ба сифати меъёрҳои шуури ҳуқуқӣ чунин ҷанбаҳо истифода мешаванд: огоҳии ҳуқуқӣ,

муносибат ба ҳуқуқ, самтгириҳо ва арзишҳои ахлоқӣ, рафтори ба ҳуқуқ мувофиқ.

7. Фарогирии методикаҳои интерактивӣ ва шаклҳои кор на танҳо дар вақти машғулиятҳои таълимӣ бо таълимгирандагон, балки бевосита дар фаъолияти касбӣ муфид аст. Зимни истифодаи методикаҳои интерактивӣ, ки ба таълим тавассути таъсироти мутақобил асос ёфтааст, вазъият, муносибатҳои тарафайн, вазифаҳое фароҳам оварда мешаванд, ки ба фаъолияти ҳаррӯзаи мутахассисони бо одамон коркунанда хос мебошанд. Инҳо тарзу воситаҳоро (техникаҳои ҳалли муаммоҳо, кор дар гурӯҳҳои хурд, амсиласозии вазъият) ҳангоми гузаронидани машварати корӣ, маҷлиси кормандони муассиса, ҷаласаи кафедра, иттиҳодияи методӣ метавон истифода бурд, ки боиси фаъолгардонии иштирокчиён, баланд шудани сатҳи масъулияти онҳо барои иҷрои қарорҳои қабулшуда мегардад.

8. Натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар доираи амсилаи коркардшуда ва технологияи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди омодасозии касбӣ нишон доданд, ки сатҳи ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ дар интиҳои озмоиш дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ зиёда аз 30% баланд шуд.

9. Аммо қайд бояд кард, ки дар доираи як таҳқиқот тамоми муаммоҳои омодасозии мутахассиси соҳаи педагогиро ҳал кардан ғайриимкон аст. Дар кори озмоишии мо моҳиятан танҳо масъалаҳои таъсири раванди таълими мактаби олӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва асосҳои фарҳанги ҳуқуқии омӯзгорони оянда баррасӣ гардид. Ба омӯзиши амиқтари омодагии ангезавии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ, таъсири хусусиятҳои психологии онҳо ба раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва ҳосилкунии дидгоҳи тафриқавӣ нисбат ба донишҷӯён таваҷҷуҳи махсус зоҳир бояд кард.

***Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот :***

1.Таҳқиқоти мазкур ба ҳалли пурраи масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯёни макотиби олиро даъво намекунад. Дурнамои таҳқиқот, ба

андешаи мо, иборат аз таҳқиқи масоили ташкили курсҳои махсуси **«Фарҳанги ҳуқуқии педагог дар соҳаи маориф»** аст. Коркарди чунин курсҳои махсус механизми аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим аст ва ба шарофати он на танҳо донишҳо дар соҳаи ҳуқуқ ва ахлоқ меафзоянд, балки ин донишҳо ба ақидаҳои шахсии омӯзгорони оянда табдил ёфта, онҳо фаъолияти минбаъдаи меҳнатиро дар мувофиқа бо талаботи ҳуқуқӣ ба роҳ мемонанд.

2. Мактаби олӣ бо назардошти талаботи муосири иҷтимоӣ бояд шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорониояндаро ҳамчун сохтори ҷудонашавандаи шахсиятӣ баррасӣ карда, ба такмили он мусоидат намояд. Воситаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён таҳсилоти ҳуқуқӣ мебошад, ки ба қисми ҳатмӣ ва зарури омодагии касбии мутахассиси оянда мансуб бояд донист.

3. Дар натиҷаи кори таҷрибавӣ - озмоишӣ тасдиқ шуд, ки истифодаи методҳои интерактивии таълим дар машғулиятҳои фанни "Ҳуқуқ" самаранок аст, барои ташаккул ва баланд шудани сатҳи шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда методи мазкур фаъолона бояд ба роҳ монда шавад [3-М].

4. Муаммои ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён на танҳо аз гирифтани донишҳои ҳуқуқӣ ва самтгирӣ ба ҳуқуқ, балки фарогирии маҳорату малакаҳои кор иборат аст. Вобаста ба ин, зарурати коркарди мундариҷаи маводи таълим барои ихтисоси муайян, бо назардошти самтгирии амалии он ба шарти кори якҷояи омӯзгорони фанни ҳуқуқ ва омӯзгорони фанҳои ихтисос ба миён меояд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Абдулаев М. И. и др. Правоведение. – 2011. – С. 527.
2. Аверин В. А. Психология личности: Учебное пособие //СПб.: Изд во Михайлова ВА. – 1999. – С. 89.
3. Адошев А. И., Аникуев С. В., Гальвас А. В. и другие. Развитие системы образования – обеспечение будущего. Одесса, 2013.
4. Азаров Н. И. Теория государства и права. Конспект лекций и методические указания. – 1998. – С. 144.
5. Азизов А. А. Истифодаи методҳои фаъоли раванди таълими босалоҳият дар мактаби олӣ. / А.А. Азизов, Х.М. Сабуров. Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. 140 с.
6. Алексеев С. С. Восхождение к праву. Поиски и решения. – 2002. – С. 752.
7. Алексеев С. С. Общая теория права. – 2011. – С. 576.
8. Алексеев С. С. Право: азбука-теория-философия: Опыт комплексного исследования. – ООО «Издательство «СТАТУТ», 1999. – С. 712.
9. Андреев А. А. Педагогика высшей школы. – 2002. – С. 264.
10. Архангельский С. Учебный процесс в высшей школе: его закономерные основы и методы. – Высшая школа, 1980. – С. 368.
11. Бабаев В. К. и др. Теория государства и права: Учебник/Отв. ред. ВМ Курицын, 3. Д. Иванова. М., Юридическая литература. 1986. 352 с //Известия высших учебных заведений. Правоведение. – 1988. – №. 2. – С. 86-88.
12. Бабаев В. К., Толстик В. А., Баранов В. М. Общая теория права. – 1993. – С. 544.
13. Бабанский Ю. К. Проблемы повышения эффективности педагогических исследований //(No Title). – 1982.
14. Бабанский Ю. К. Оптимизация учебно-воспитательного процесса:(методические основы). – Просвещение, 1982.
15. Бабанский Ю. К. Проблемы повышения эффективности педагогических исследований: дидактический аспект. – 1982.
16. Байниязов Р. С. Правосознание как правовая идеология //Атриум. Серия юриспруденция. – 1998. – №. 1. – С. 8.
17. Баранов П. П. Понятие, структура и функции правосознания //Общая теория права. Курс лекций. Н. Новгород. – 1993. – С. 474-475.
18. Баранов П. П. Правовое сознание и правовое воспитание //Теория государства и права/под ред. В.К. Бабаева.–Н.-Новгород: Изд-во НВШ МВД России. – 1993.
19. Баранов П. П., Русских В. В. Актуальные проблемы теории правосознания, правовой культуры и правового воспитания. – 1999.

20. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030: // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019 № 599.

21. Батышев С. Я. Теоретические основы подготовки квалифицированных рабочих //Методологические основы исследования в области педагогики, психологии и профтехобразования. М. – 1985.

22. Батышев С. Я. Энциклопедия профессионального образования //СЯ Батышев. – 1999.

23. Безрукова В. С. Словарь нового педагогического мышления/ВС Безрукова. – 1996.

24. Белканов Е. А. Базовые стереотипы правосознания //Российский юридический журнал. – 1998. – №. 2. – С. 51-58.

25. Белоусова А. С. Интерактивные методы правового обучения //Известия Волгоградского государственного технического университета. Серия: Новые образовательные системы и технологии обучения в вузе. – 2007. – Т. 4. – №. 7. – С. 88-90.

26. Беспалько В. П. Основы теории педагогических систем/АИ Беспалько. – 1997.

